# РОҲНАМОИҲОИ СУРАИ ЮСУФ АЛАЙҲИССАЛОМ

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа

| | |
|---|---|
| **Унвон:** | **Роҳнамоиҳои сураи Юсуф алаҳиссалом** |
| **Мавзӯъ:** | Қуръон, фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти илоҳӣ, қиссаи Юсуф алайҳиссалом ва роҳнамоиҳои он. |
| **Соли нашр:** | 1443 ҳ. қ. 2022 мелодӣ |
| **Теъдоди саҳифаҳо:** | 174 |
| **Манбаъ:** | Сайти Мероси Абуҳанифа |
| **Ин китоб аз сайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати ҳамин китобхона таълиф шудааст.** www.merosi-abuhanifa.com<br><br>**Почтаи электронӣ:** book@merosi-abuhanifa.com | |

*Дар нашри маводҳои исломӣ саҳмгузор бошем. Чуноне, ки Паёмбари акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: **“Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад...”** (Бухорӣ, 3461)*

# Мундарича


Пешгуфтор ... 5

Муқаддима ... 8

Номгузории сура ... 8

Фазоил ва хусусиятҳои сура ... 8

Баёни маккӣ ва маданӣ будани сура. ... 8

Муҳимтарин мақсадҳои сура ... 9

Мавзӯъҳои сура ... 9

Мавзӯъҳои оятҳо ... 11

Сабаби нузули сура ... 12

Ояти 1 то 3 ... 13

Маънои мухтасари оятҳо ... 13

Иршодоти оятҳо ... 14

Ояти 4 то 6 ... 17

Маънои мухтасари оятҳо ... 17

Иршодоти оятҳо ... 18

Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 20

Ояти 7 то 10 ... 24

Маънои мухтасари оятҳо ... 24

Иршодоти оятҳо ... 25

Ояти 11 то 14 ... 29

Маънои мухтасари оятҳо ... 29

Иршодоти оятҳо ... 30

Ояти 15 то 18 ... 33

Маънои мухтасари оятҳо ... 33

Иршодоти оятҳо ... 34

Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 37

Ояти 19 то 21 ... 40

Маънои мухтасари оятҳо ... 40

Иршодоти оятҳо ... 41

Ояти 22 то 29 ... 44

Маънои мухтасари оятҳо ... 45

Иршодоти оятҳо ... 47

Ояти 30 то 35 ... 58

Маънои мухтасари оятҳо ... 59

Иршодоти оятҳо ... 61

Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 67

Ояти 36 то 42 ... 71

Маънои мухтасари оятҳо ... 72
Иршодоти оятҳо ... 75
Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 81
Ояти 43 то 49 ... 84
Маънои мухтасари оятҳо ... 85
Иршодоти оятҳо ... 86
Ояти 50 то 53 ... 92
Маънои мухтасари оятҳо ... 93
Иршодоти оятҳо ... 94
Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 97
Ояти 54 то 57 ... 101
Маънои мухтасари оятҳо ... 101
Иршодоти оятҳо ... 102
Ояти 58 то 62 ... 106
Маънои мухтасари оятҳо ... 106
Иршодоти оятҳо ... 108
Ояти 63 то 66 ... 110
Маънои мухтасари оятҳо ... 111
Иршодоти оятҳо ... 112
Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 114
Ояти 67 то 68 ... 120
Маънои мухтасари оятҳо ... 120
Иршодоти оятҳо ... 121
Ояти 69 то 77 ... 124
Маънои мухтасари оятҳо ... 125
Иршодоти оятҳо ... 127
Ояти 78 то 80 ... 133
Маънои мухтасари оятҳо ... 133
Иршодоти оятҳо ... 134
Ояти 81 то 87 ... 137
Маънои мухтасари оятҳо ... 138
Иршодоти оятҳо ... 139
Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 143
Ояти 88 то 93 ... 145
Маънои мухтасари оятҳо ... 146
Иршодоти оятҳо ... 147
Ояти 94 то 98 ... 152
Маънои мухтасари оятҳо ... 152

Иршодоти оятҳо ........ 153
Ояти 99 то 101 ........ 156
Маънои мухтасари оятҳо ........ 156
Иршодоти оятҳо ........ 158
Ояти 102 то 107 ........ 161
Маънои мухтасари оятҳо ........ 161
Иршодоти оятҳо ........ 163
Ояти 108 то 111 ........ 166
Маънои мухтасари оятҳо ........ 167
Иршодоти оятҳо ........ 168
Дарсҳои тарбиявӣ аз сураи Юсуф алайҳиссалом........ 172
Манбаъҳо ........ 174

## Пешгуфтор

Ҳамду ситоиш Аллоҳро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Аллоҳ таъоло дар китоби худ чунин мефармояд: **"Ба таҳқиқ, ки шуморо аз тарафи Аллоҳ нуре ва китоби равшане омад."** Дуруд ва салом бар ашрафи анбиё, Паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармудаанд:

***خيركم من تعلم القرآن وعلمه***

***"Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро биомӯзад ва онро ба дигарон таълим бидиҳад."*** Дар зимни ин тарҷума ва иршодоти оятҳои қуръонӣ барои таҳқиқи ин фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, ки мегӯянд ***"Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад..."*** (Бухорӣ, 3461) ва ҳамчунин барои хидмати бародарони тоҷикзабон аст, то хонандагони тоҷик аз ин китоб истифодаи комил бикунанд.

Аллоҳ таъоло Қуръони каримро бо тамоми ҳарфу маъноҳояш бар Расули худ ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил кардааст. Ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои ҷаҳониён раҳмат, муждадиҳанда, бимдиҳанда ва ба фармони Аллоҳ ҳамаро даъваткунанда ба сӯи ибодати Ӯст ва низ барои мардум чароғи тобон мебошад.

Қуръони карим ба тариқи ваҳй ба тамоми лафзу маънояш бар Расулуллоҳ ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст. Қуръон дар китоб навишта шуда, ба тариқи тавотур нақл карда шудааст, ки тиловати он ибодат ба ҳисоб меравад. Тавотур, яъне пайи ҳам ва ё ба шакле, ки гурӯҳе аз гурӯҳи дигар онро бефосила аз ҳамдигар нақл кардаанд ва гумони дурӯғ будан дар он аслан вуҷуд надорад. Аллоҳ таъоло ваҳйеро, ки бар Расули худаш ҳазрати Муҳаммад

саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил кардааст, онро Қуръон номидааст. Чуноне ки Аллоҳ таъоло дар сураи Инсон дар ояти 23 мефармояд: **"Ҳароина Мо Қуръонро ба тадриҷ (ҷузъ-ҷузъ) бар ту нозил кардаем."**

Шаъну шараф ва бузургии Қуръон ин аст, ки онро ҳам хонда мешавад ва ҳам тиловат карда мешавад ва инсон бояд Қуръонро ҳамеша бихонад ва ё тиловат бикунад, чи аз рӯйхонӣ бошад ё аз рӯи ҳифз.

Аллоҳ таъоло Қуръонро китоб ҳам номидааст, чуноне ки дар сураи Нисо дар ояти 105 мефармояд: **"Мо ин китобро (Куръонро) ба ростӣ ба ту нозил кардаем."** Яке аз шаъну шараф ва бузургии дигари Қуръон ин аст, ки он дар китобу саҳифаҳо навишта мешавад, вале ба он беэҳтиромӣ карда намешавад ва ё он партофта намешавад. Аллоҳ аз миёни фариштагону мардумон расулоне ихтиёр мекунад, ки албатта Аллоҳ ба гуфтори бандаҳояш шунаво ва ба ҳама чизҳо биност! Ӯ таъоло худ донотар аст, чи касе шоиста ва сазовори амонати бузург аст, зеро офариниш дар ихтиёри Ӯст. Чунонки худ дар ин замина дар сураи Қасас ингуна мефармояд: **"Парвардигори ту ҳар чиро, ки бихоҳад, меофаринад ва ҳар касеро бихоҳад ихтиёр мекунад."**

*„Бидон, ки Аллоҳи бузург дар ин китобаш беҳтарин достонҳо ва қиссаҳоро ба Паёмбараш таъриф ва баён намуд, сипас ин достонро баён кард ва онро шарҳ дод ва ончи дар он иттифоқ афтодааст, зикр намуд. Пас дониста шуд, ки ин як достони комил ва зебост ва ҳар кас бихоҳад ин достонро бо ривоятҳои исроилӣ, ки санад ва ривояткунандае надоранд ва ғолибан дурӯғ ва бофта ҳастанд, комил ё баён кунад, дар воқеъ мехоҳад камбудиҳои Аллоҳи покро дар ин достон ҷуброн намояд ва чизеро комил кунад, ки ба гумонаш ноқис аст. Албатта ин кор бениҳоят зишт ва бад аст, ки мутаассифона бисёре*

*аз тафсирҳо дар ин замина пур аз дурӯғпардозиҳои бад ва мухолиф ҳастанд, ки бо ончи Аллоҳи ҳаким таъриф намудааст, созгорӣ надоранд. Пас банда бояд ончиро Аллоҳ таъриф намудааст, бифаҳмад ва ёд бигирад ва масоилеро аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нақл намешавад, тарк бикунад.“* (Баргирифта аз Тафсири Сиъдӣ).

Дар ин китоб аз равиши тарҷумаи маъноӣ ва тарҷумаи озод истифода шудааст ва ин равиши тарҷума бо баён кардани мафҳуми умумӣ ва манзури аслии оят ва ё маҷмуаи оятҳо мепардозад. Яъне дар ин равиши тарҷума назм ва тартиби ҷойгиршавии калима, ибора ва оятҳо ба инобат гирифта нашуда, балки танҳо мафҳуми умумии оят тарҷума карда мешавад, на лафзи он. Ба ибораи дигар, манзури муфассир ва мутарҷим дар ин равиш, расонидани паёми илоҳӣ ба хонанда мебошад, на тарҷумаи калимот ва лафзи оятҳо. Аз ин сабабҳо ин намуди тарҷумаро тарҷумаи мафҳумӣ ва ё озод мегӯянд.

Усуле, ки дар ин китоб истифода шудааст, ин аст, ки баъд аз тарҷумаи маъонии сураҳои қуръонӣ, ба шарҳи мухтасар ва иршодоти оятҳо пардохта шудааст, то барои хонанда оятҳои тарҷумашуда равшантар ва возеҳтар гарданд. Муаллиф бо истифодаи иршодот, танҳо роҳнамоиҳои мухтасарро дар назар надошта, балки оятҳо, ҳадисҳо ва суханони олимони муътабарро, ки аз ин сураҳо ва оятҳо истинбот ва иҷтиҳод кардаанд, ворид кардааст. Яъне баъди мутолиаи оятҳо, на танҳо бо оятҳо ошноӣ пайдо мекунед, балки аз хулоса ва натиҷаи масъалаҳои шаръӣ аз дидгоҳи Қуръон ва суннат баҳраманд мешавед. Дар ин замина барои равшану возеҳ шудани сураҳои Қуръон, барои хонандагон, китобҳои муътабари олимони Аҳли суннат ва ҷамоъат истифода шудаанд. Манбаъҳое, ки дар ин китоб аз онҳо истифода шудааст, дар охири китоб низ ба таври муфассал навишта шудаанд.

## Муқаддима

Сураи Юсуф 12-мин сураи Қуръон буда, дар Маккаи мукаррама нозил шуда ва дорои 111-оят мебошад.

### Номгузории сура

Сабаби номгузории ин сура ба сураи "Юсуф" дар он аст, ки дар ин сура қиссаи ҳазрати Юсуф алаҳиссалом комилан зикр шудааст. Ҳамзамон дар Қуръон танҳо дар ҳамин сура қиссаи Паёмбар Юсуф алайҳиссалом зикр шуда ва дар сураҳои Анъом ва Ғофир бошад, танҳо номи ҳазрати Юсуф алайҳиссалом оварда шудааст.

Аз Уқба ибни Омир разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки гуфт: ***"Гуфтам ё Расулуллоҳ, бихон бар ман сураи Ҳуд ва сураи Юсуфро..."*** (Саҳеҳи Сунани Насоӣ, 5454)

### Фазоил ва хусусиятҳои сура

1. Ягона сураест, ки қиссаи Юсуфро комилан зикр кардааст.

2. Ҳеҷ қиссаи анбиё дар Қуръон ба монанди қиссаи Юсуф ба ин пуррагӣ зикр нашудааст ва ин тулонитарин қиссаи Қуръон аст.

3. Аллоҳ ин сураро ба беҳтарини қиссаҳо ва ҳуҷҷатҳо барои саволкунандагон ва ҳамчун ибрат барои соҳибони ақл васф кардааст.

### Баёни маккӣ ва маданӣ будани сура.

Бисёре аз олимон бар ин иттифоқ доранд, ки сураи Юсуф маккӣ мебошад. Ибораи маккӣ ва ё маданӣ будани сура ва оят бар он маъно аст, ки ҳар сура ва ояте аз Қуръон, ки пеш аз ҳиҷрати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шуда бошад, бар он сура ва ё оят маккӣ гуфта мешавад. Ҳамчунин ҳар сура ва ё ояте, ки баъди ҳиҷрат ба

Мадина нозил шуда бошад, бар он сура ва ё оят маданӣ гуфта мешавад, гарчи дар Макка ҳам нозил шуда бошад.

## Муҳимтарин мақсадҳои сура

1. Баёни ин ки оқибати некӯ барои мӯъминони бо тақво ва сабркунанда аст.

2. Таслият ва оромии нафс ба Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва асҳобаш.

3. Баёни ин ки инсон баъди мусибат ва имтиҳонҳо ба пирӯзӣ муваффақ мешавад, зеро ин сура пеш аз ҳиҷрат нозил шуда буд, ки мусалмонон дар он замон дар ҳоли заъфу тангдастӣ қарор доштанд.

4. Яқин ва бовари комил кардан ба тадбир ва ба ваъдаҳои Аллоҳ.

5. Аз беҳтарин ва ошкортарини қиссаҳо ба ҳисоб меравад, зеро дар ин қисса ҳолатҳо ва мавзӯъҳои гуногун зикр шудаанд. Ба таври мисол мавзӯъҳое ҳамчун тадбири илоҳӣ ва аз имтиҳоне ба имтиҳони дигар гузаштан, мисли аз ғаму андӯҳ ба хурсандӣ, аз камбағалӣ ва тангдастӣ, ба дороиву сарватмандӣ ва амсоли инҳо.

6. Зикри тарбияи имонӣ, яъне гирифтор шудан ба мушкилиҳо ва ба хоҳишоти шаҳвонӣ, расидан ба пешвоӣ, ба қудрат ва баёни оқибат ва натиҷаи ҳамаи онҳо.

## Мавзӯъҳои сура

1. Зикри фазилатҳои Қуръони карим ва инчунин баёни мӯъҷиза будани Қуръон бо равиши қисса.

2. Хоби Юсуф алайҳиссалом ва макр, ҳасад ва душмании бародаронаш ба ӯ.

3. Гирифтани Юсуф алайҳиссалом аз чоҳ, фурӯхтани ӯ, меҳнати ӯ дар қасри азизи Миср, даъват шуданаш аз тарафи зани азизи Миср ва он чизе, ки зани азизи Миср бо занони дигар бо ӯ анҷом доданд.

4. Воқеаи дохил шудани Юсуф алайҳиссалом ба зиндон баъди ошкор шудани бегуноҳияш ва даъвати ӯ ба сӯи Аллоҳ дар зиндон.

5. Қиссаи хоби подшоҳ ва таъбири Юсуф алайҳиссалом хоби подшоҳро ва собит шудани бароати (пок будани) Юсуф дар ҳузури ом.

6. Хориҷ шудани Юсуф алайҳиссалом аз зиндон ва гирифтани вазифаи вазорат ва умури он.

7. Вохӯрии Юсуф алайҳиссалом бо бародаронаш дар ҳоле ки бародаронаш ӯро нашинохтанд ва барои бори дигар талаб намудани он бародараш, ки бо бародаронаш наомада буд.

8. Қиссаи гирифтан ва нигоҳ доштани бародараш бо он роҳе, ки Аллоҳ таъоло ба он илҳомаш карда буд.

8. Вохӯрии Юсуф алайҳиссалом бори дигар бо бародаронаш ва шинос кардани худ ба онҳо. Ҳамзамон ба ёд овардани ноадолатие, ки бародаронаш ба ӯ карда буданд ва бахшидани Юсуф алайҳиссалом онҳоро.

9. Қиссаи илқои (андохтани) либоси Юсуф алайҳиссалом бар рӯи падараш ва дубора биношавии падараш.

10. Қиссаи ҳузури волидайни Юсуф алайҳиссалом ва хонаводааш дар Миср ва икроми онҳо аз тарафи ӯ алайҳиссалом.

11. Баёни Аллоҳ таъоло бар ин ки Қуръон аз назди худи Ӯ таоло аст.

12. Баёни шаҳодат бар рост будани Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ба рост будани он чизе, ки ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он даъват мекунад.

13. Баёни вазифаи Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва бархӯрди мушрикон аз даъвати ӯ.

## Мавзӯъҳои оятҳо

1. Оятҳои 1-3 мавзӯъи сифатҳои Қуръони карим.

2. Оятҳои 4-6 мавзӯъи хоби Юсуф алайҳиссалом ва пешниҳоди падараш ба ӯ.

3. Оятҳои 7-20 мавзӯъи ҳодисаи партофтани Юсуф алайҳиссалом дар чоҳ.

4. Оятҳои 21-35 мавзӯъи фитнаи зани азизи Миср.

5. Оятҳои 36-53 мавзӯъи Юсуф алайҳиссалом, мавзӯъи зиндон ва хоби подшоҳ.

6. Оятҳои 54-82 мавзӯъи мукофоти подшоҳ ва ҳузури бародарони Юсуф алайҳиссалом ва тарзи нигоҳ доштани бародараш.

7. Оятҳои 83-101 мавзӯъи биношавии падараш ва ҷамъ шудани хонаводааш.

8. Оятҳои 102-104 мавзӯъи далел будани қиссаи Юсуф алайҳиссалом бар нубуввати Паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

9. Оятҳои 105-110 мавзӯъи безорӣ ва рӯй гардондан аз мушрикон ва рад бар онон.

10. Ояти 111 мавзӯъи ҳикмати қиссаҳои қуръонӣ.

## Сабаби нузули сура

Саъд ибни Абиваққос разияллоҳу анҳу гуфт: ***"Қуръон ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил мешуд ва сипас ӯ онро як муддате тиловат мекард." Пас саҳобагон гуфтанд: "Ё Расулуллоҳ, агар барои мо қиссае мекардед." Пас Аллоҳ таъоло то ояти севвуми ҳамин сураро нозил кард..."*** (Саҳеҳил Маворид, 146)

بسم الله الرحمن الرحيم

**Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон**

**Ояти 1 то 3**

الٓر ۚ تِلْكَ ءَايَـٰتُ ٱلْكِتَـٰبِ ٱلْمُبِينِ ١ إِنَّآ أَنزَلْنَـٰهُ قُرْءَٰنًا عَرَبِيًّا لَّعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ ٢ نَحْنُ نَقُصُّ عَلَيْكَ أَحْسَنَ ٱلْقَصَصِ بِمَآ أَوْحَيْنَآ إِلَيْكَ هَـٰذَا ٱلْقُرْءَانَ وَإِن كُنتَ مِن قَبْلِهِۦ لَمِنَ ٱلْغَـٰفِلِينَ ٣

**"Алиф, лом, ро. Оятҳои ин китоб равшан ва ошкоранд. (1) Мо Қуръонро бо забони арабӣ нозил кардаем, бошад ки шумо дар маъноят бияндешед. (2) Эй Паёмбар, мо беҳтарин достонҳоро бо нозил кардани ин Қуръон бар ту ҳикоят мекунем, ки албатта пеш аз ин ту аз онҳо огаҳӣ надоштӣ." (3)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Васфи Қуръони карим.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки оятҳои Қуръон ошкор ва равшананд ва равшан ва возеҳ будани Қуръон ба он маъност, ки калимаҳо ва маъноҳои он ошкор буда ва Аллоҳ онро бо забони фасеҳи арабӣ, ки беҳтарин ва равшантарин забонҳост, нозил намудааст.

Ин Қуръон равшангари ҳамаи ниёзҳои мардум буда ва баёнгари ҳақоиқи фоидаовар аст, то ки мардум ҳудуд, усул, амрҳо ва манъкардаҳои онро бидонанд ва аз худ кунанд. Ҳаргоҳ инсон Қуръонро ба яқин донист ва дилашро ба шинохти он ороста кард, пас аъзои баданаш тибқи дастуроти он амал карда, аз он фармонбардорӣ хоҳад кард, ки дар натиҷа ақл ва зеҳнаш рушд ва ба камол хоҳанд расид.

Эй Муҳаммад, Мо аз тарафи худ тавассути ин Қуръон беҳтарин қиссаҳо ва саргузаштҳоро барои ту бозгӯ мекунем ва пеш аз ин ки мо барои ту ваҳй нозил кунем, намедонисти ки имон ва китоб чист. Мо ин китобро нуре қарор додем, ки ҳар киро бихоҳем тавассути он ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунем.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Алиф, лом, ро. Оятҳои ин китоб равшан ва ошкоранд. " (1)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Алиф. Лом. Мим: Ингуна ҳарфҳо, ҳарфҳои муқаттаъа номида мешаванд, ки дар аввали сураҳои Қуръон меоянд ва ин ишораест ба мӯъҷиза будани Қуръон ва ҳуҷҷат овардан бар зидди мушрикон.

- Ин равиш ба он далолат мекунад, ки арабҳо ин гуна ваҳйи илоҳӣ оварда натавонанд ва ҳамчунин ин сирри қуръонист, ки албатта мо ба зоҳири ин ҳарфҳо имон дорем, илми онро ба Аллоҳ таъоло месупорем, зеро яқинан медонем, ки дорои ҳикмати илоҳӣ мебошанд.

- Исботи мӯъҷиза будани Қуръон ва он ҳам аз ин ҳарфҳое мисли алиф, лом, мим ё то, син ё ҳо, мим ва ғайра. Бо вуҷуди ин ки Қуръон бо забони арабӣ нозил шудааст, арабҳои фасеҳ, ки забони арабӣ забони модарии онҳост, натавонистаанд як ояте ба мисли ояти Қуръон биёваранд.

- Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки ҳамаи оятҳои Қуръон ҳам аз ҷиҳати лафзӣ ва ҳам аз ҷиҳати маъноӣ ошкор ва равшан мебошанд ва ин барои ҳар фарди солим ва боақл маълум ва ошкор аст.

- Аз далелҳои ошкор ва равшан будани лафзҳо ва маъонии Қуръон дар он аст, ки соҳибони ақли солим аз ин китоб комилан фоидаҳои диниву дунявиро ба даст оварда ва бар онҳо асари Қуръон мушоҳида карда мешавад.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Мо Қуръонро бо забони арабӣ нозил кардаем, бошад ки шумо дар маънояш биандешед." (2)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки забони арабӣ беҳтарин забонҳост, зеро Аллоҳ таъоло беҳтарин китобашро бо ин забон нозил кардааст ва муҳим

будани омӯзиши забони арабӣ, чун вобаста ба умури дин ва заруриёти ҳаёти инсонӣ аст.

- Андеша ва тафаккур кардан дар амрҳо ва манъкардаҳои қуръонӣ, ки ин яке аз ҳадафҳои нузули Қуръон буда, сабаби ҳидоят ва наҷоти хирадмандон ва соҳибони ақл мебошад.

- Андешидан ва тафаккур кардан дар оятҳои Қуръон сабаби афзоиши ақл, зеҳн ва илми инсон мешавад, чун Аллоҳ таъоло мефармояд: **"Ҳатман дар маъноаш бияндешед."**

- Ишора ба он аст, ки аз Қуръон фоида гирифта намешавад, магар баъди бо хубӣ ва оромӣ гӯш кардан ва хондани он.

- Баёни ҳикмати нузули Қуръон бо забони арабӣ, то ин ки бандагон онро аз худ кунанд ва онро ба дигарон бирасонанд.

- Ояти зикршуда рад аст барои касоне, ки мегӯянд: *"Дар Қуръон чизҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро фаҳмида ва дарк карда намешавад."*.

- Аллоҳ таъоло ин китобро бо лафзи "мубин", яъне ошкор ва возеҳ васф кардааст, зеро Қуръон мӯъҷизаи ошкор ва ғолиб буда, ҳамчунин далели ошкор барои Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Эй Паёмбар, мо беҳтарин достонҳоро бо нозил кардани ин Қуръон бар ту ҳикоят мекунем, ки албатта пеш аз ин ту аз онҳо огаҳӣ надоштӣ." (3)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Хабари илоҳӣ аст, ки достонҳои қуръонӣ беҳтарин ва росттарин достонҳо мебошанд ва достонҳои Қуръон яке аз муҳимтарини навъҳои илми Қуръон ба шумор меравад, зеро дорои пандҳо, ибратҳо ва дарсҳои наҷотбахш мебошанд ва нақл кардани ахборҳо ва қиссаҳои хуб низ яке аз василаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ ба шумор меравад.

- Аллоҳ таъоло беҳтарин китоби худро бо беҳтарин забон, яъне бо забони арабӣ, барои беҳтарин Расулаш Муҳаммад алайҳиссалом, тавассути беҳтарин малоика Ҷабраил алайҳиссалом, дар беҳтарин макон Маккаи мукаррама, дар беҳтарин моҳ моҳи Рамазон, дар беҳтарин шаби ин моҳ шаби Қадр ва барои беҳтарин уммат, уммати Муҳаммад алайҳиссалом нозил кардааст, ки нишонаи комилтарин китоб будани Қуръон аз тамоми ҷанбаҳост ва исботи Расул будани Муҳаммад алайҳиссалом бо қавитарин далели нақлӣ ва ақлӣ.

- Ин сура ба беҳтарин қиссаҳо васф шудааст, зеро дорои ибратҳо, мавъизаҳо ва ҳикматҳост. Ба таври мисол дар ин сура зикри анбиёҳо, солеҳин, малоика, сирати подшоҳон ва тоҷирон омадааст.

- Бар замми ин дар ин сура оқибати амали бародарони Юсуф алайҳиссалом ва зани азизи Миср ба хубӣ ва саодатмандӣ зикр шудааст, гарчанде ки онҳо дар аввал ҳилаву найрангҳои зиёдеро нисбати ҳазрати Юсуф ва Яъқуб алайҳиссалом раво диданд, аммо дар охир баъд аз узрхоҳӣ ва иқрор ба гуноҳонашон оқибати хуб насибашон гашт.

- Уламо аз оятҳо истинбот карда гуфтаанд, ки Аллоҳи муттаъол барои инсон панҷ асоси ҳидоят иноят фармудааст, ки инсон метавонад тавассути онҳо ба қуллаи саъодати ҷовидонӣ ноил шавад:

*а) Ҳидояти фитрӣ,* ки инсон аз ибтидои таваллуд аз он бархӯрдор мебошад, мисли эҳсоси ниёз ба ғизо ва нӯшиданӣ.

б) *Ҳидояти ҳиссӣ,* ки такмилкунандаи ҳидояти аввал аст. *Қобили зикр аст, ки инсон ва ҳайвон ҳарду дар ин ду навъи ҳидоят муштараканд.*

в) *Ҳидояти ақлӣ,* ки бартар аз ду ҳидояти қаблӣ аст.

г) *Ҳидояти динӣ,* ки ҳидояти хатонопазир аст.

д) *Ҳидояти тавфиқӣ,* ки махсустар аз ҳидояти динӣ аст, ки ба фазлу карами Аллоҳ ба даст меояд.

## Ояти 4 то 6

٣ إِذْ قَالَ يُوسُفُ لِأَبِيهِ يَٰٓأَبَتِ إِنِّى رَأَيْتُ أَحَدَ عَشَرَ كَوْكَبًا وَٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ رَأَيْتُهُمْ لِى سَٰجِدِينَ
٤قَالَ يَٰبُنَىَّ لَا تَقْصُصْ رُءْيَاكَ عَلَىٰٓ إِخْوَتِكَ فَيَكِيدُوا۟ لَكَ كَيْدًا ۖ إِنَّ ٱلشَّيْطَٰنَ لِلْإِنسَٰنِ عَدُوٌّ مُّبِينٌ
٥ وَكَذَٰلِكَ يَجْتَبِيكَ رَبُّكَ وَيُعَلِّمُكَ مِن تَأْوِيلِ ٱلْأَحَادِيثِ وَيُتِمُّ نِعْمَتَهُۥ عَلَيْكَ وَعَلَىٰٓ ءَالِ يَعْقُوبَ كَمَآ
أَتَمَّهَا عَلَىٰٓ أَبَوَيْكَ مِن قَبْلُ إِبْرَٰهِيمَ وَإِسْحَٰقَ ۚ إِنَّ رَبَّكَ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ٦

**"Ҳангоме, ки Юсуф ба падараш Яъқуб гуфт: "Падарҷон, ман дар хоб ёздаҳ ситора ва хуршеду моҳро дидам, ки онҳо бароям саҷда мекарданд."" (4) "Яъқуб гуфт: "Писарам, хобатро барои бародаронат бозгӯ макун, ки онҳо бароят ҳилаву найранге меандешанд, ки албатта шайтон душмани ошкоре барои инсоният мебошад."" (5) "Парвардигорат туро бар рисолат бармегузинад, ба ту илми таъбири хобҳоро меомӯзад ва неъматашро бар ту ва бар хонадони Яъқуб пурра мегардонад, чунон ки пеш аз ин низ бар аҷдодат Иброҳим ва Исҳоқ пурра гардонида буд. Бешак, Парвардигорат донову ҳаким аст. " (6)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Таъбири хоби Юсуф алайҳиссалом.*

Аллоҳ таъоло мефармояд: "Ба ёд ор эй Муҳаммад, аз барои қавмат сухани Юсуфро, ки ба падараш Яъқуб алайҳимуссалом гуфт: "Падарҷонам! Ман ёздаҳ ситора ва хуршеду моҳро дар хобам дидам, ки дар баробари ман саҷда мекунанд."" Яъқуб алайҳиссалом хоби Юсуфро таъбир кард, ки хуршед модараш ва моҳ падараш аст ва ситорагон бошанд бародарони ӯ ҳастанд. Ӯ ба ҷое хоҳад расид, ки падар ва модар ва бародаронаш барои ӯ сари таъзим фурӯд меоваранд. Ҳамчунин Парвардигорат ба хотири ин сифатҳои хуб туро бармегузинад ва таъбири хобҳо ва маънии суханони ростинро меомӯзонад ва неъмати хешро дар дунё ва охират бар ту комил менамояд, ҳамчуноне ки пеш аз

ин онро бар падаронат Иброҳим ва Исҳоқ комил намуда буд. Бегумон огоҳӣ ва илми Парвардигорат ҳама чизро дар бар гирифтааст, пас ба ҳар як бандаи хеш бар ҳасби ҳикмати худ ато мекунад, яъне барои ҳар банда Аллоҳ таъоло чизеро ато мекунад, ки мутобиқ бо ҳикмати худ аст ва Ӯ зоти ҳаким аст. Вале бояд асбоби атои илоҳӣ аз пеш фароҳам шаванд, яъне Парвардигор неъматашро бар бандааш фароҳам мекунад бо истифода аз сабабҳои дунявӣ.

Вақте ки Яъқуб таъбири хоби Юсуфро баён кард, гуфт: "Фарзандам, хобатро барои бародаронат бозгӯ макун, ки бар ту бадандешӣ мекунанд, зеро ту раис ва бузурги онҳо хоҳи шуд. Онҳо ба ту ҳасад ва бахилӣ мекунанд, ки албатта шайтон душмани ошкори инсоният аст, аз мубориза бо ӯ даст намекашад ва шабу рӯз ба сурати пинҳон ва ошкор мубориза мекунад."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме, ки Юсуф ба падараш Яъқуб гуфт: "Падарҷон, ман дар хоб ёздаҳ ситора ва хуршеду моҳро дидам, ки онҳо бароям саҷда мекарданд."" (4)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Падари Юсуф алайҳиссалом Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Иброҳим алайҳиссалом буд.

- Яъқуб алайҳиссалом таъбири хобро ба писараш баён карда гуфт, ки 11-ситора бародаронат ҳастанд, моҳ падарат ва офтоб бошад модарат мебошад. Рӯзе мерасад, ки ҳамаи инҳо дар баробарат таъзиму икром ва фурӯтанӣ мекунанд.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб гуфт: "Писарам, хобатро барои бародаронат бозгӯ макун, ки онҳо бароят ҳилаву найранге**

**меандешанд, ки албатта шайтон душмани ошкоре барои инсоният мебошад." (5)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Машрӯъият (дуруст будан) ё ҷоиз будани пӯшонидани неъмат то ҳосил ё ошкор шудани он.

- Ҳамчунин ҷоиз будани ҳазар додани (канорагирии) мусалмон аз бародари мусалмонаш ё танбеҳ ва огоҳӣ додан, ки ин амал албатта ҷузъи ғайбат нест.

- Машрӯъияти (дуруст будани) пинҳон кардани баъзе ҳақоиқ, ба шарте, ки дар ошкор карданаш азият, фитна, ҳасад ва ё бадие ҳосил шавад.

- Исботи хоб дар шариъат ва машрӯъияти таъбири он.

- Машрӯъияти эҳтиёт ва ҳазар кардан дар корҳои муҳим.

- Ишора ба он аст, ки гоҳо таъбири хоб дер ҳосил мешавад.

- Ишора ба он аст, ки инсон бояд худро аз асбобе дур нигоҳ дорад, ки ба ҳасад, кина ва ба адоват мебаранд, ҳатто байни хонаводаи худ ҳам бошад, зеро шайтон дар камин аст ва бар замми ин табиати инсонӣ низ инсонро ба бадӣ водор мекунад.

- Ҳукм кардан бар одати табиӣ, ки бародарон ва наздикон ҳасад мекунанд.

- Далел аст, ки хоб нақл карда намешавад магар бар шахси носеҳ ва хайрхоҳ.

- Далел аст, ки Яъқуб алайҳиссалом таъбири хобро медонист.

- Бад будани ҳасад, кина ва адоват, зеро ин амалҳо инсонро ба бадӣ ва душмангароӣ водор мекунанд, ҳатто барои нест кардани фарзанди падари хеш.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Парвардигорат туро бар рисолат бармегузинад, ба ту илми таъбири хобҳоро меомӯзад ва**

**неъматашро бар ту ва бар хонадони Яъқуб пурра мегардонад, чунон ки пеш аз ин низ бар аҷдодат Иброҳим ва Исҳоқ пурра гардонида буд. Бешак, Парвардигорат донову ҳаким аст." (6)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҳар вақто Аллоҳ ба бандае неъмат бидиҳад, ин неъмат ба хонадон ва наздиконаш тааллуқ мегирад ва онҳо ҳам бо сабаби ин аз ин неъматҳо баҳра мегиранд, чуноне ки хонадони Юсуф алайҳиссалом баҳра бурданд.

- Баёни фазл ва карами Аллоҳ таъоло ба хонадони Иброҳим алайҳиссалом бо неъмати нубувват ва рисолат.

- Яке аз ҳикматҳои илоҳӣ бар он аст, ки агар Аллоҳ таъоло бихоҳад бандаеро ба мақомҳои воло бирасонад, пас ӯро дар мусибат ва балоҳо санҷида ва ӯро омода мекунад.

- Бузургтарин неъмат бар инсон баъди имон, ин таълим гирифтани умури динӣ ва ба он амал кардан мебошад, зеро Аллоҳ таъоло илмро дар инҷо неъмат зикр карда ва бар он миннат гузоштааст.

## Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло

*Дар ин қисмат номҳои зерини Аллоҳи муттаъол зикр мешаванд: "Ал-Алим", "ал-Олим", "ал-Аллом" ва "ал-Ҳаким".*

Дар ин сухани Аллоҳ таъоло, ки мефармояд **"Бешак, Парвардигорат донову ҳаким аст." (6)** ду номи зебои Аллоҳ таъоло исбот мешаванд:

1. Исботи номи ал-Алим.

العليم و العالم و العلام

Ал-Алим, ал-Олим ва ал-Аллом, ин 3-ном аз ҷиҳати маъно хело наздик буда, далолат бар камоли доногии Аллоҳ таъолоро мекунанд.

Маънои номҳои зикршуда: Аллоҳ таъоло зотест, ки илми Ӯ ошкору пинҳон ва розҳову асрорро фаро гирифтааст, пас бар Ӯ ягон чиз пӯшида намемонад. Он чизе ки буд, ҳаст ва мебошадро бе ягон нақсу камбудӣ медонад, зеро зотест, ки дар тамоми номҳо ва сифатҳояш комил аст. Номи ал-Алим 157-маротиба, номи ал-Олим 13-маротиба ва номи ал-Аллом 4-маротиба дар Қуръон зикр шудаанд.

2. Исботи номи ал-Ҳаким.

Маъно: Зотест, ки дар тақдиргузорияш, дар ҳукмҳои шариаташ бениҳоят боҳикмат аст ва ҷазои Ӯ дар рӯзи қиёмат дорои ҳикмати болост. Пас Аллоҳи ҳаким зотест, ки ҳар чиро бо некӯтарин ваҷҳ офарида, чизеро беҳуда наофарида ва шариат нагузоштааст ва ҳамчунин ҳукм накардааст, магар бар асоси чизе, ки дар он ҳикмате бошад. Ин ном дар Қуръон 91-маротиба зикр шудааст.

***Огоҳӣ:*** Масъалаи фаҳм ва аз худ кардани номҳо ва сифоти Аллоҳ таъоло ва ба онҳо Аллоҳро ибодат кардан, дар қоидаҳои зерин мебошанд. Вақте, ки номе барои Аллоҳ дар Қуръон ва ё аҳодиси саҳеҳ собит шуд, дар он 5-амр ҳатмӣ ва зарурист:

***1. Имон ва тасдиқ кардани он ном.***

***2. Исботи сифати гирифташуда аз он.***

***3. Фаҳми маъно ва далолати ном.***

***4. Дуъо ва ибодат кардан ба он ном.***

***5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи он ном.***

Барои равшантар шудани ин масъала, 5-амри ҳатмӣ ва зарурии номи "Аллоҳ"-ро баррасӣ мекунем:

1. Имон ва тасдиқ кардан, ки "Аллоҳ" номи зоти Ӯ таъолост.

2. Аз номи "Аллоҳ" сифати улуҳият барои Ӯ таъоло исбот намудан.

3. Исботи маъно ва далолати он ном ва сифати Аллоҳи муттаъол: яъне "Аллоҳ" исми хос ва шинохташудаи Ӯ таъолост, ки бар улуҳияти Ӯ далолат мекунад. Ӯро халоиқ аз рӯи муҳаббат, таъзим ва фурӯтанӣ мепарастанд ва дар баровардани ҳоҷатҳо ва мушкилотҳо ба сӯи Ӯ рӯй меоранд. "Аллоҳ" исми ҷомеъ барои маъноҳои номҳои накӯи Аллоҳ мебошад, яъне ҳамаи номҳо бар ҳамин ном бармегарданд ва Аллоҳ зотест, ки шоиста ва лоиқи парастиш аз тарафи тамоми бандагонашро дорад. Инчунин зотест, ки саҷдаву рукӯъ ва тамоми намуди ибодатҳо барои Ӯст ва бо ин ном ба ғайр аз Аллоҳ касеро номидан ҷоиз нест.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба он, чун фармудаи Аллоҳ таъолост: **"Зеботарин номҳо барои Аллоҳ таъолост, пас Ӯро ба он номҳо бихонед..."**(Аъроф, 180)

Аллоҳро бо номҳояш дуъо кардан бар ду навъ аст:

- *Дуъои ҳамду сано ва ибодат.* Монанди "Ё Аллоҳи бузургу карим, Ё Аллоҳи қодиру тавоно" ва амсоли ин.

- *Дуъои талабу пурсиш аз Ӯ таъоло.* Монанди "Ё Аллоҳ маро раҳмат бикун", "Ё Аллоҳ маро бубахш, нусрат бидеҳ" ва амсоли ин.

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "Аллоҳ", ки манзур аз ин:

- Ибодат кардан ба василаи номҳои Парвардигор
- Иттилоъ пайдо кардан нисбат ба онҳо
- Донистани маъонии онҳо ба таври комил ва амал кардан ба онҳо.

Вақте, ки номи "Аллоҳ" зикр шудааст, ин бадон маънист, ки банда бояд ҳамаи умурашро таслими фармони Ӯ таъоло кунад, Ӯро якка ва ягона бидонад ва ибодат кунад, зеро Аллоҳ якка ва ягона буда, ҳамаи умур бар асоси ҳикмати Ӯст. Ҳамчунин аз нишонаҳои амал ба номҳо, бузургдошт ва таъзими онҳо ва хондани Аллоҳ ба василаи онҳост.

Хулоса вақто, ки бандаи мӯъмин ин 5-амрро нисбат ба номи "Аллоҳ"-и бузург хуб аз худ кард, бояд дар қалбу бадани ӯ осори бузурге дида шавад. Аз ҷумла дар банда бояд осор ва нишонаҳои зерин, ки ҳамчун бузургтарин натиҷаи шинохти банда нисбат ба Аллоҳ мебошанд, ошкор гарданд:

- Муҳаббат ва бузургдошти Аллоҳи ягона аз ҳама чиз. Ҳатто бузургдошти Аллоҳ аз нафси худ, аз мол, аз аҳлу фарзанд ва аз ончи банда дар дунё дорад.
- Ихлоси бандагӣ бар Ӯ таъоло дар тамоми ибодатҳо. Яъне ҳамаи анвоъи ибодатҳоро танҳо барои Аллоҳ анҷом диҳад, аз қабили таваккул, тарс, умед, рағбат, намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, назр, қурбонӣ ва амсол инҳо, ки албатта анҷоми ин ибодатҳо барои ғайри Аллоҳ ҷоиз нест.
- Шуъӯр ва қобилияти дарк намудани иззату обрӯмандии банда, дар ҳоле, ки банда худро ба Ӯ таъоло нисбат диҳад. Яъне ҳангоме, ки банда худро ба Аллоҳ нисбат диҳад, ҳангоме, ки Аллоҳ зикр карда шавад ва ё ҳангоме, ки банда чизеро аз Аллоҳ бидонад, бояд ҳиссиёте дар ӯ пайдо шавад, ки иззат ва обрӯмандиро эҳсос кунад.
- Эҳсоси оромиши руҳиву ҷисмонӣ ва саъодатмандии банда, ҳангоми ёд ва зикри Аллоҳи таъоло.
- Якка ва ягона қарор додани Ӯ таъоло дар дӯстиву бадбинӣ. Яъне ба хотири Аллоҳ касеро дӯст доштан ва ё ба хотири Аллоҳ касеро бад дидан.

## Ояти 7 то 10

لَّقَدْ كَانَ فِى يُوسُفَ وَإِخْوَتِهِۦٓ ءَايَـٰتٌ لِّلسَّآئِلِينَ ٧ إِذْ قَالُوا۟ لَيُوسُفُ وَأَخُوهُ أَحَبُّ إِلَىٰٓ أَبِينَا مِنَّا وَنَحْنُ عُصْبَةٌ إِنَّ أَبَانَا لَفِى ضَلَـٰلٍ مُّبِينٍ ٨ ٱقْتُلُوا۟ يُوسُفَ أَوِ ٱطْرَحُوهُ أَرْضًا يَخْلُ لَكُمْ وَجْهُ أَبِيكُمْ وَتَكُونُوا۟ مِنۢ بَعْدِهِۦ قَوْمًا صَـٰلِحِينَ ٩ قَالَ قَآئِلٌ مِّنْهُمْ لَا تَقْتُلُوا۟ يُوسُفَ وَأَلْقُوهُ فِى غَيَـٰبَتِ ٱلْجُبِّ يَلْتَقِطْهُ بَعْضُ ٱلسَّيَّارَةِ إِن كُنتُمْ فَـٰعِلِينَ ١٠

**"Ба ростӣ, ки дар достони Юсуф ва бародаронаш, барои пурсишгарон ибратҳо ва нишонаҳост." (7) "Онгоҳ ки бародаронаш бо якдигар гуфтанд: "Юсуф ва бародараш назди падарамон аз мо маҳбубтаранд, дар ҳоле ки мо як гурӯҳи нерӯманд ва қавӣ ҳастем. Ҳаққо ки падарамон бо ин меҳрварзияш дар гумроҳии ошкорест."" (8) "Яке аз бародаронаш гуфт: "Юсуфро бикушед ё ӯро ба сарзамини дурдасте биафканед, то таваҷҷӯҳи падаратон танҳо ба сӯи шумо бошад ва пас аз он афроди шоиста бошед."" (9) "Дигаре аз онон гуфт: "Юсуфро накушед ва агар мехоҳед коре бо ӯ анҷом диҳед, пас ӯро дар қаъри чоҳ биандозед, то бархе аз мусофирони корвон ӯро баргиранд ва бо худ ба макони дурдаст бубаранд."" (10)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Гумони бади бародарони Юсуф алайҳиссалом ба Яъқуб алайҳиссалом ва барномарезии онҳо нисбат ба дур кардани Юсуф алайҳиссалом аз падар.*

Аллоҳ таъоло мефармояд: "Бешак дар саргузашти Юсуф алайҳиссалом ва бародаронаш барои саволкунандагон дарсҳо ва ибратҳои гуногуне вуҷуд дорад." Ҳар касе аз ин қисса бипурсад, баҳраманд мешавад, чун пурсидан яке аз сабабҳои илмро ба даст овардан мебошад. Бародарони Юсуф алайҳиссалом гуфтанд: "Юсуф ва бародараш дар назди падарамон аз мо дӯстдоштатаранд, дар ҳоле ки мо як гурӯҳи нерӯманд ва қавӣ ҳастем. Пас чигуна падарамон бештар

ба Юсуф алайҳиссалом ва бародараш муҳаббату меҳрубонӣ менамояд, бегумон падарамон дар хатоии ошкор мебошад, зеро ӯ он дуро бе ягон сабаб аз мо бартарӣ медиҳад. Биёед Юсуфро бикушем ва ё ӯро дар сарзамини дур аз чашми падар пинҳон кунем, то падар натавонад ӯро бубинад. Бо анҷом додани яке аз ин ду амал, таваҷҷӯҳи падарамон танҳо барои мо мешавад, дар ҳоле ки қалби ӯ дар айни ҳол чунон бо муҳаббати Юсуф машғул аст, ки дар қалбаш ҷой барои мо намондааст. Баъд аз анҷоми ин амал, аз қавми солеҳин мешавем ва ба сӯи Аллоҳ тавба мекунем. Бародарони Юсуф алайҳиссалом бо ин корашон якдигарро ташвиқ мекарданд ва яке аз бародарон гуфт: "Юсуфро накушед ва ӯро дар қаъри чоҳ партоед, аз падар дур мешавад ва бо ин кор мо ба ҳадафамон мерасем."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бегумон, дар саргузашти Юсуф ва бародаронаш барои пурсишгарон ибратҳост." (7)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ибни Ато раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: *"Ҳар ғамзадае сураи Юсуфро бихонад, аз ғаму андӯҳаш дур шуда ва оромӣ ба даст меорад."*

- Дар қиссаи Юсуф алайҳиссалом ва бародарони ӯ нишонаҳои ҳидоят ва мазмунҳои ибратноку аҷиб зиёд аст. Ҳар касе аз ин қисса савол кунад ва ба ҷавоби савол эътибор диҳаду онро тасдиқ намояд, панду насиҳатҳои лозимиро дар меёбад ва ибрат мегирад, хусусан дар бораи чигуна муомила кардан байни фарзандон ва бародарон.

- Ишора бар ин аст, ки оила бидуни мушкилӣ намешавад ва бояд инсон мушкилиро бо сабр, бо ҳикмат ва бо дурандешӣ ҳал кунад.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Гуфтанд: "Юсуф ва бародараш назди падарамон маҳбубтар аз мо ҳастанд, ҳол он ки мо худ як гӯруҳи нерӯмандем. Албатта, падарамон дар иштибоҳи ошкорест." (8)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Афзалият додани фарзандон аз ҳамдигар барои падар ва модар як амри табиист, яъне табиати инсонӣ дар ихтиёри худи инсон нест, аммо шариат адолат намудан дар муомала, рафтор ва гуфторро дар байни фарзандон иҷоза дода, аз майл намудани бештар ва изҳори муҳаббати зиёд бо фарзанди хосро мамнӯъ медонад.

- Ишора ба он аст, ки майл ва муҳаббати зиёд бо яке аз фарзандон, сабаби душмангароӣ, ҳасад ва кина дар байни фарзандон мешавад.

- Далел аст, ки адл кардан дар тамоми умур муҳим ва матлуб аст, хусусан барои падар ва модар дар боби муҳаббат, фидокорӣ ва тақдими чизе байни фарзандон.

- Далел бар воҷиб будани аҳамияти тарбияи фарзандон барои падар ва модар, аҳамияти муҳаббат ва адлу ҳамдигарфаҳмӣ ва дурӣ кардан аз буғз, кина, ҳасад ва аз душмангароӣ.

- Далел аст, ки Аллоҳ таъоло барои касе иззат ва қадру қимат хоста бошад, ба анҷом мерасонад, гарчи мардум дар нест кардан ё дур карданаш иттифоқ ҳам дошта бошанд.

- Далел аст бар ҳаром будани анҷом додани гуноҳ, гарчи нияти тавба кардан ҳам бошад.

- Ҳасад ва кина инсонро ба гумроҳӣ бурда, ҳатто хубиҳои падар нодида гирифта мешаванд.

- Ишора бар он аст, ки муҳаббати қалбӣ боарзиштар ва болотар аз молу ҷамол аст, зеро бародарони Юсуф алайҳиссалом бар муҳаббат ҳасад карданд, на ба ҷамоли ӯ.

- Ишора ба он аст, ки Яъқуб алайҳиссалом Юсуфро бартарӣ бар муҳаббат медод, на бар дигар чизҳо ва муҳаббати қалбӣ дар дасти инсон нест, бар асоси ин Яъқуб алайҳиссалом сарзаниш карда намешавад.
- Ишора ба он аст, ки Юсуф ва бародараш аз як падар ва аз як модаранд.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яке аз бародаронаш гуфт: "Юсуфро бикушед ё ӯро ба сарзамини дурдасте биафканед, то таваҷҷӯҳи падаратон танҳо ба сӯи шумо бошад ва пас аз он афроди шоиста бошед."" (9)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Ишора ба он аст, ки дили онҳо аз оташи рашку ҳасад месӯхт, ки дар охир машваратташон бо ду натиҷа анҷомид. Юсуф алайҳиссалом бояд кушта шавад ё ба диёри чунон дуре бадарға шавад, ки дигар аз ӯ суроғе пайдо нашавад. Дар ин сурат метавон меҳр ва таваҷҷӯҳи падарро ба сӯи худ баргардонид.
- Ишора ба он аст, ки анҷом додани як гуноҳ, инсонро ба чандин гуноҳи дигар водор мекунад, зеро бародарони Юсуф алайҳиссалом хостанд, ки ӯро аз падар дур кунанд, ки ин худ як гуноҳи вазнин аст, локин баъди анҷоми ин гуноҳ, ба чандин гуноҳи дигар даст заданд. Ба таври мисол чандин бор дурӯғ гуфтанд, либоси Юсуфро хунолуд карданд бо фиребу найранг гирён назди падар омада, боз даъвои рост буданро карданд ва ғайра.
- Бародарони Юсуф алайҳиссалом дар нақшаи бади худ эҳсоси гуноҳ карда, бо ҳам гуфтанд: “Агар кори мо ба сомон бирасад, назди падар рафта тавба мекунем ва худро сафед мекунем." Дар он ҳангом яке аз бародарон фикри севвумро ба миён овард, ки гуфт: "Юсуфро накушед ва агар мехоҳед коре бо ӯ анҷом диҳед, пас ӯро дар қаъри чоҳ биандозед,

то бархе аз мусофирони корвон ӯро баргиранд ва бо худ ба макони дур бубаранд."

- Дар ин оят далел аст, ки бародарони Юсуф алайҳиссалом набӣ набудаанд.
- Баёни яке аз ҳила ва найрангҳои шайтон барои солеҳон. Яке аз роҳҳои дохил шудани шайтон бар инсон ин аст, ки инсонро бо роҳи хубие ба роҳи бадӣ водор мекунад ва ё гумроҳ мекунад. Дар гуфтаи бародарони Юсуф алайҳиссалом, ки мегуфтанд: "Пас аз нест кардани Юсуф афроди шоиста бошем" ё ба иборати дигар "баъди нест карданаш тавба мекунем ва аз ҷумлаи солеҳон мешавем."
- Бародарон тавба карданро пеш аз анҷоми гуноҳ қасд карданд, то гуноҳ бар онҳо осон шавад ва то барои якдигар ташвиқ бар анҷоми гуноҳ кардан бишавад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Дигаре аз онон гуфт: "Юсуфро накушед ва агар мехоҳед коре бо ӯ анҷом диҳед, пас ӯро дар қаъри чоҳ биандозед, то бархе аз мусофирони корвон ӯро баргиранд ва бо худ ба макони дурдаст бубаранд."" (10)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки бадиҳо дараҷае доранд ва метавон бо таҳаммули зарари сабук, зарар ва мусибати вазнинро сабр ва дур кард. Ё ба таъбири дигар, баъзе бадиҳо аз баъзеи дигар сабуктар ва осонтаранд ва бо зарари сабук, зарари вазнинро дур карда мешавад.
- Бародарони Юсуф алайҳиссалом аз набӣ будани Юсуф алайҳиссалом иттилоъ надоштанд.

## Ояти 11 то 14

قَالُواْ يَـٰٓأَبَانَا مَا لَكَ لَا تَأۡمَنَّا عَلَىٰ يُوسُفَ وَإِنَّا لَهُۥ لَنَـٰصِحُونَ ١١ أَرۡسِلۡهُ مَعَنَا غَدٗا يَرۡتَعۡ وَيَلۡعَبۡ وَإِنَّا
لَهُۥ لَحَـٰفِظُونَ ١٢ قَالَ إِنِّي لَيَحۡزُنُنِيٓ أَن تَذۡهَبُواْ بِهِۦ وَأَخَافُ أَن يَأۡكُلَهُ ٱلذِّئۡبُ وَأَنتُمۡ عَنۡهُ غَـٰفِلُونَ ١٣
قَالُواْ لَئِنۡ أَكَلَهُ ٱلذِّئۡبُ وَنَحۡنُ عُصۡبَةٌ إِنَّآ إِذٗا لَّخَٰسِرُونَ ١٤

**"Сипас онҳо назди Яъқуб рафтанд ва гуфтанд: "Эй падари мо, чаро моро барои Юсуф бовар намекунед, ҳол он ки мо хайрхоҳ ва ғамхори ӯ ҳастем?"" (11) "(Агар моро хайрхоҳи ӯ медонед) Пас фардо ӯро бо мо ба дашт бифиристед, то дар чаманҳо бигардад, бозӣ кунад ва мо ба хубӣ аз ӯ нигаҳбонӣ мекунем." (12) "Яъқуб гуфт: "Аз бурдани Юсуф ман андӯҳгин мешавам ва аз ин метарсам, ки ӯро гург бихӯрад ва шумо аз ӯ бехабар бошед."" (13) "Писарон гуфтанд: "Бо вуҷуди ин ки мо як гурӯҳи нерӯманд ҳастем, агар иҷозат диҳем, ки гург ӯро бихӯрад, пас ҳатман зиёнкор хоҳем буд." (14)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Иҷозати бурдани Юсуф алайҳиссалом аз падар.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки чигуна бародарони Юсуф аз падарашон барои бурдани Юсуф алайҳиссалом иҷозат хостанд то бо ӯ барои сайру гашт ба саҳро бираванд ва ба ҳадафи бадашон бирасанд, Баъди иттифоқашон, ки ӯро аз падарашон дур карданд, гуфтанд: Падарҷон! Чаро ба мо нисбат ба Юсуф боварӣ надоред, бидуни ин ки сабаб ё ангезае барои тарс дошта бошед? Ҳоло он ки мо хайрхоҳ ва дилсӯзи ӯ ҳастем ва ончиро барои худ дӯст медорем, барои ӯ низ дӯст медорем. Вақте гумонҳоро аз падарашон дур карданд ва ончиро ки ба фоидаи Юсуф ва ба падарашон писанд буд, гуфтанд, то падар иҷозат диҳад Юсуфро ҳамроҳи худ ба саҳро бубаранд. Бинобар ин гуфтанд: Фардо ӯро бо мо бифирист, то бихӯрад ва дар биёбон сайру гашт кунад, мо ӯро аз ҳар азият ва озоре муҳофизат мекунем. Яъқуб алайҳиссалом

дар посухи онон гуфт: Тавони ҷудоӣ аз Юсуфро надорам ва бо муҷарради бурданаш нороҳат мешавам ва ҳам метарсам, ки аз ӯ ғофил шавед ва гурге ӯро бихӯрад, зеро ӯ кӯдак аст ва наметавонад аз худ дифоъ кунад. Фарзандон гуфтанд: Агар гурге ӯро бихӯрад, дар ҳоле ки мо як гурӯҳи нерӯманд ҳастем ва бар муҳофизати ӯ мекушем, пас ҳеҷ хайр ва хубие дар мо нест. Ҳангоме ки бародарон сабабҳои оромиши падарашонро фароҳам оварданд, Яъқуб ба манзури саргармӣ ва тамошои Юсуф ба ӯ иҷозат дод, то ҳамроҳи бародаронаш ба саҳро бираваद.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Фарзандон гуфтанд: "Чаро моро барои Юсуф бовар намекунед, ҳол он ки мо хайрхоҳ ва ғамхори ӯ ҳастем?"" (11)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Аз мазмуни ояти зикршуда бармеояд, ки бародарони Юсуф алайҳиссалом қаблан ҳам аз падарашон тақозо кардаанд, ки бигзор Юсуф ҳамроҳи мо ба саҳро биравад, аммо ба хотири он ки Яъқуб алайҳиссалом ба Юсуф муҳаббати фаровон дошт ва инчунин хавф дошт, ки мабодо осебе ба ӯ бирасад, иҷозаи рафтани ӯро намедод.
- Ишора ба он аст, ки ғолибан бадхоҳон ва ҳасудон аз боби хубӣ медароянд, зеро падарро гуфтанд мо барои Юсуф алайҳиссалом насиҳатгар ва нигаҳбон ҳастем.
- Насиҳат ва хайрхоҳӣ далели амонатдорӣ аст, ба ҳамин сабаб бародарони Юсуф алайҳиссалом аз ин боб падарро қонеъ карданд то ба мақсади бадашон бирасанд.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "**(Агар моро хайрхоҳи ӯ медонед) Пас фардо ӯро бо мо ба дашт бифиристед, то дар чаманҳо бигардад, бозӣ**

**кунад ва мо ба хубӣ аз ӯ нигаҳбонӣ мекунем." (12)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки Яъқуб алайҳиссалом Юсуфро доим бо худ нигоҳ медошт ва бо худ мегардонд.
- Аз мазмуни оятҳо бармеояд, ки бародарони Юсуф алайҳиссалом пеш аз ин ҳам аз падарашон тақозо кардаанд, ки бигзор Юсуф ҳамроҳи мо ба саҳро биравад, аммо ба хотири он ки Яъқуб алайҳиссалом ба Юсуф алайҳиссалом муҳаббати фаровон дошт ва инчунин хавф дошт, ки мабодо осебе ба ӯ бирасад, ӯро бо бародаронаш намефиристод.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб гуфт: "Аз бурдани Юсуф ман андӯҳгин мешавам ва аз ин метарсам, ки ӯро гург бихӯрад ва шумо аз ӯ бехабар бошед."" (13)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Яъқуб алайҳиссалом ошкоро нагуфт, ки ман инро ҳамроҳи шумо намефиристам, балки бо раддияи узромезона гуфт: „Дур будани Юсуф маро ғамгин месозад.“, „Ҳоло ин кӯдак аст, тарсам, ки шумо ғофил нишинед ва ӯро гурге бихӯрад.“
- Мақолае ҳаст, ки: мегӯянд: *"Бало ва мусибатҳо бар гуфтанаш вогузор шудааст"*, яъне ҳар ончиро ки гуфтӣ, ҳамонро мебинӣ. Асли ин мақола ҳамин гуфтаи Яъқуб алайҳиссалом аст, ки гуфт: "Юсуфро бубаред шояд гург ӯро бихӯрад", ки дар натиҷа низ ҳамин шуд, яъне ин суханро шуниданд ва ҳамин суханро анҷом доданд.
- Ишора ба он аст, ки бояд тарс ва гумонҳо ба ҳасудон ва душманон гуфта нашавад, зеро онҳо макру ҳилаи худро бар ҳамин асос тарҳрезӣ мекунанд.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Писарон гуфтанд: "Бо вуҷуди ин ки мо як гурӯҳи нерӯманд ҳастем, агар иҷозат диҳем, ки гург ӯро бихӯрад, пас ҳатман зиёнкор хоҳем буд." (14)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки ғолибан бадхоҳон ва ҳасудон бо равиши хубӣ суҳбат мекунанд, то ба ниятҳои бадашон бирасанд, мисли ин ки ба падари худ боварии комил доданд, ки мо як гурӯҳи нерӯманд ҳастем ва ҳатман Юсуфро нигоҳубин менамоем.

## Ояти 15 то 18

فَلَمَّا ذَهَبُواْ بِهِۦ وَأَجۡمَعُوٓاْ أَن يَجۡعَلُوهُ فِى غَيَٰبَتِ ٱلۡجُبِّۚ وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡهِ لَتُنَبِّئَنَّهُم بِأَمۡرِهِمۡ هَٰذَا وَهُمۡ لَا
يَشۡعُرُونَ ١٥ وَجَآءُوٓ أَبَاهُمۡ عِشَآءً يَبۡكُونَ ١٦ قَالُواْ يَٰٓأَبَانَآ إِنَّا ذَهَبۡنَا نَسۡتَبِقُ وَتَرَكۡنَا يُوسُفَ عِندَ
مَتَٰعِنَا فَأَكَلَهُ ٱلذِّئۡبُۖ وَمَآ أَنتَ بِمُؤۡمِنٖ لَّنَا وَلَوۡ كُنَّا صَٰدِقِينَ ١٧ وَجَآءُو عَلَىٰ قَمِيصِهِۦ بِدَمٖ كَذِبٖۚ قَالَ بَلۡ
سَوَّلَتۡ لَكُمۡ أَنفُسُكُمۡ أَمۡرٗاۖ فَصَبۡرٞ جَمِيلٞۖ وَٱللَّهُ ٱلۡمُسۡتَعَانُ عَلَىٰ مَا تَصِفُونَ ١٨

**"Ҳангоме, ки бародарон Юсуфро ҳамроҳи худ ба саҳро бурданд ва тасмим гирифтанд, ки ӯро дар қаъри чоҳи торик биандозанд, пас ба Юсуф ваҳй кардем, ки албатта ту онҳоро дар оянда аз ин корашон огоҳ хоҳӣ сохт дар ҳоле, ки онҳо намефаҳманд ва туро намешиносанд." (15) "Баъдан бародарон шабонгоҳ гирякунон назди падарашон омаданд." (16) "Гуфтанд: "Эй падар, мо дуртар рафта будем то бо ҳам мусобиқа (давидан ва тирандозӣ) бикунем ва Юсуфро назди матоъи худ (либосҳоямон) гузошта будем, пас гург ӯро хӯрд. Мо ҳарчанд, ки ростгӯй ҳам бошем, аммо ту ҳаргиз сухани моро бовар нахоҳӣ кард." (17) "Бародарон пироҳани Юсуфро бо хуне олуда карда, барои Яъқуб оварданд (то бар дурӯғашон ҳуҷҷате шавад) ва Яъқуб гуфт: "Чунин нест, балки нафси бади шумо кори ношоистаеро бароятон оростааст, пас сабри некӯ бароям беҳтар аст ва аз Аллоҳ дар мавриди ончи мегӯед, ёрӣ ва мадад мехоҳам."" (18)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Партофтани Юсуф алайҳиссалом дар чоҳ ва макру ҳилаи бародарон бо падар.*

Аллоҳ таъоло мегӯяд: Ҳангоме, ки бародарони Юсуф, бо ӯ ба сафари сайру гашт баромаданд, тасмим гирифтанд, ки Юсуфро дар чоҳ биандозанд ва қудрати худро бар ӯ анҷом диҳанд. Ӯро дар чоҳ андохтанд ва Аллоҳ дар ин ҳолати душвор ба ӯ ваҳй карда гуфт: Ҳатман рӯзе мерасад, ки ононро аз ин кори зишту бадашон сарзаниш хоҳи кард,

аммо онҳо аз ин оянда бехабаранд. Сипас бародарон шабонгоҳ бо гиряҳои бофта назди падарашон омада ва гуфтанд: Падар! Ҳангоме ки мо ба мусобиқа рафтем, Юсуфро дар назди матоъҳои худ мондем, ки мутаассифона дар набуди мо, гург омада Юсуфро хӯрдааст. Зоҳиран шумо моро бовар нахоҳед кард, ҳарчанд ки мо рост ҳам бигӯем. Барои дурӯғи худро пӯшонидан, пироҳани Юсуфро хунолуд карда оварданд, аммо падарашон бар онҳо бовар накарда гуфт: Нафсҳои шумо ин кори ношоистаро бароятон зиннат додааст, ки шумо онро анҷом додед. Ман кӯшиш мекунам вазифаи худро анҷом диҳам ва он сабри зебо аст, ки ба ғайр аз Аллоҳ таъоло ба касе шикоят намекунам ва барои ҳалли ин мусибат аз Аллоҳ таъоло талаби кумак мекунам.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме, ки бародарон Юсуфро ҳамроҳи худ ба саҳро бурданд ва тасмим гирифтанд, ки ӯро дар қаъри чоҳи торик биандозанд, пас ба Юсуф ваҳй кардем, ки албатта ту онҳоро дар оянда аз ин корашон огоҳ хоҳӣ сохт дар ҳоле, ки онҳо намефаҳманд ва туро намешиносанд." (15)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар инҷо ишора ба Юсуф алайҳиссалом аст, ки рӯзе мешавад, ки ту ҳамроҳи бародаронат вомехӯрӣ дар ҳоле ки ту бо икром ва бо иззат ҳастӣ.
- Сахт будани имтиҳон бар Юсуф алайҳиссалом, зеро бародарони худаш қасди нобуд карданашро доштанд.
- Ишора бар он аст, ки Қуръони карим танҳо бар чизҳои муҳим ишора мекунад, на бар ҷузъиёте, ки аз онҳо ҳеҷ фоидае нест.

- Ваҳй намудани Аллоҳ таъоло барои Юсуф алайҳиссалом дар чоҳ, ишора ба он аст, ки донистани оқибати мусибат ва сабр намудан дар он, мусибат ва сахтиро сабуктар мекунад.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Баъдан бародарон шабонгоҳ гирякунон назди падарашон омаданд." (16)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки гиристани шахс далолат бар рост будани сухани ӯ намекунад, зеро ин эҳтимол ҳам вуҷуд дорад, ки шахс барои дурӯғ гуфтанаш гиря кунад, хусусан дар ҳолатҳое мисли баҳс, даъво ва амсоли инҳо.
- Ҳокими моҳир ва зирак бояд бо ин гуна макру ҳилаи сохта пай бурда ва бар асоси он ҳукме содир накунад, зеро ҳукм бояд бар асоси ҳуҷҷат ва далели ошкор ва дур аз шубҳа бошад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Гуфтанд: "Эй падар, мо дуртар рафта будем то бо ҳам мусобиқа (давидан ва тирандозӣ) бикунем ва Юсуфро назди матоъи худ (либосҳоямон) гузошта будем, пас гург ӯро хӯрд. Мо ҳарчанд, ки ростгӯй ҳам бошем, аммо ту ҳаргиз сухани моро бовар нахоҳӣ кард."" (17)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҷоиз будани мусобиқа дар шариат, зеро он фоидаҳои зиёди нафсӣ ва рӯҳиро дар бар мегирад, ки яке аз мақсадҳои асосии мусобақа низ ҳамин аст, чуноне ки Паёмбар алайҳиссалом низ мусобиқа мекарданд.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Бародарон пироҳани Юсуфро бо хуне олуда карда, барои Яъқуб оварданд (то бар дурӯғашон ҳуҷҷате шавад) ва Яъқуб гуфт: "Чунин нест, балки нафси бади шумо кори**

**ношоистаеро бароятон оростааст, пас сабри некӯ бароям беҳтар аст ва аз Аллоҳ дар мавриди ончи мегӯед, ёрӣ ва мадад мехоҳам."" (18)**
масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Имом Табарӣ аз Ҳасани Басрӣ раҳимаҳуллоҳ ривоят мекунад, ки вақте Яъқуб алайҳиссалом пироҳани Юсуф алайҳиссаломро дид, гуфт: *"Ман ин гуна гурги хуберо намедонам, ки писарамро хӯрдааст, аммо пироҳанашро солим боқӣ гузоштааст."*
- Уламо гуфтаанд, ки дар пироҳани Юсуф алайҳиссалом се нишона ва ё се ҳуҷҷат вуҷуд дорад.
а) Вақте ки он пироҳанро бо хуни дурӯғин оғӯштанд.
б) Ҳангоме ки он пироҳан аз қафояш пора карда шуд.
в) Ҳангоме ки он пироҳан бар рӯи падари Юсуф алайҳиссалом Яъқуб алайҳиссалом партофта шуд ва ӯ бино гардид.
- Ибодат кардани Аллоҳ таъоло ба номҳои зебояш ва ин яке аз шеваҳои анбиё ва Расулону солеҳон мебошад, зеро банда мӯҳтоҷ ба кумаки Аллоҳро дорад, чуноне ки Яъқуб алайҳиссалом ин амалро анҷом дод.
- Дар Қуръони карим сабри ҷамил, сафҳи ҷамил ва ҳаҷри ҷамил зикр карда шудааст. Сабри ҷамил ба сабре гуфта мешавад, ки дар он шикоят ва гила кардан ба мардум набошад. Сафҳи ҷамил ба сафҳе ва ё бахшише гуфта мешавад, ки дар он сарзаниш набошад. Ҳаҷри ҷамил бошад, маънои тарк карданро дорад, ки дар он азияте вуҷуд надошта бошад.
- Ишора ба он аст, ки шикоят ба Аллоҳ кардан ба сабри ҷамил ҳеҷ халале намерасонад, балки ин амал яке аз намудҳои ибодат ба шумор меравад.
- Гуфта шудааст, ки се чиз аз сабр аст:
а) Аз дарду алам ба касе чизе нагуфтан.
б) Аз мусибат ба касе чизе нагуфтан.
в) Нафси худро ба покӣ ёд накардан.

- Аз Аллоҳ ёрӣ хостан яке аз беҳтарин ибодатҳо ба шумор меравад, хусусан дар мушкилоти хонаводагӣ.

- Қавӣ будани имон ба тақдироти илоҳӣ, сабр ва бурдбориро дар мусибатҳо ба вуҷуд меорад.

- Сабр кардан ҳеҷ мумкин нест магар ба кумаки Аллоҳ таъоло, зеро табиати инсонӣ инсонро ба аҷзу нотавонӣ водор мекунад, ки он ҳам хеле вазнин аст. Аммо рӯҳи малакие, ки дар инсон вуҷуд дорад, инсонро ба сабр ва ризогӣ даъват мекунад ва инҷост, ки бояд аз Аллоҳ таъоло талаби кумак кард.

- Машрӯъияти (дуруст будани) назар кардан бар далел ва бурҳон, зеро бародарон либоси хунолудро ҳамчун як далел овардaнд, аммо Яъқуб алайҳиссалом назар бар ҳуҷҷати қавитар карда, онҳоро дурӯғ баровард, ки он ҳам пора набудани либоси Юсуф алайҳиссалом ва хуни рехташуда бар либоси ӯ буд, зеро хуни рехта бар либос аз хуни захмишуда фарқияти зиёд дорад. Ҳамчунин хобе, ки Юсуф алайҳиссалом ба Яъқуб алайҳиссалом нақл карда буд, ҳуҷҷате буд барои Яъқуб алайҳиссалом, ки писараш зинда аст.

- Далел аст, ки гумони бад кардан бо будани ҳуҷҷатҳое, ки бар он далолат мекунад, ҳаром ва гуноҳ нест.

## Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло

*Дар ин қисмат номи зерини Аллоҳи муттаъол зикр мешавад: "Ал-Мустаъон".*

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Аз Аллоҳ дар мавриди ончи мегӯед, ёрӣ ва мадад мехоҳам" (18)** исботи номи ал-Мустаъон барои Аллоҳ таъолост. Вақте, ки номе барои Аллоҳ дар Қуръон ва ё аҳодиси саҳеҳ собит шуд, дар он 5-амр ҳатмӣ ва зарурист:

1. Имон ва тасдиқ кардан, ки яке аз номҳои зебои Аллоҳ, ал-Мустаъон аст. Ин ном дар Қуръони карим 2-маротиба зикр шудааст.

2. Исботи сифати гирифташуда аз номи ал-Мустаъон, ки ҳамин лафз ва бо ҳамин тарз хонда ва исбот карда мешавад. Яъне яке аз сифатҳои Аллоҳ ал-Мустаъон буда, ба маънои кумак ва ёридиҳанда мешавад, ки ҳамон маънои ояти-5 сураи Фотиҳаро дар бар мегирад: **"Эй Аллоҳ танҳо аз ту талаби кумак мекунем."**

3. Фаҳми маъно ва далолати номи ал-Мустаъон, **(الْمُسْتَعَانُ)**, ки маънояш зоти кумаккунанда мебошад ва далолат бар он мекунад, ки ҳар касе талаби кумак аз Аллоҳ таъоло бикунад, пас Аллоҳ ӯро бар асоси ҳикмат, адл ва қазояш кумак ва дастгирӣ мекунад, чуноне ки Аллоҳ Яъқуб алайҳиссаломро дар замон ва макони муносиб, кумак ва дастгирӣ кард. Ин оят баёнгари ҳоли Яъқуб алайҳиссалом аст ва баёнгари далолати маънои ин номи зеборо ҳам мекунад.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи ал-Мустаъон: Бидон, Аллоҳ кумак кунад мову шуморо ба фаҳми ин номи зебо ва талаби дуъо кардан ба инро, ки тамоми анбиё ва солеҳин дар ҳолатҳои мушкилӣ ва мусибатҳо ба Аллоҳ таъоло ба ин васила чуста, аз Ӯ таъоло талаби кумак мекарданд. Чуноне ки дар ин мусибати сахт, Яъқуб алайҳиссалом дуъо карданд ва ҳамчунин Паёмбар алайҳиссалом дар ҳоле ки мушрикон ӯро дурӯғгӯ шумориданд, аз Аллоҳ таъоло ба ин ном талаби кумак карданд, ки фармудаи Аллоҳ таъолост дар ин замина: **"Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: "Эй Парвардигори ман, байни ман ва байни касе, ки маро дурӯғ баровард, ба ҳақ доварӣ кун. Парвардигори мо Аллоҳи меҳрубон аст, ки аз Ӯ мадад пурсида мешавад дар баробари ончи шумо баён мекунед.""** (Анбиё, 112)

5. Амал ва ибодат кардани Аллоҳ ба тақозо ва талаботи он: Бидон талаби кумак кардан ба Аллоҳ, ибодат ва амал кардан ба ин номи зебои Аллоҳ бар ду асос аст:

а) Боварии комил доштан ба Аллоҳ, ки Ӯ зотест кумаккунанда.

б) Танҳо якка ва ягона ба Ӯ таъоло дар оқибати корҳо эътимод ва яқин кардан, чуноне ки Яъқуб алайҳиссалом бо як боварӣ ва эътимоди комил гуфт: **"Ман танҳо аз Аллоҳ таъоло талаби кумак мекунам."**

Дар ин ду асл фармудаи Аллоҳ таъолост: **"Аз они Аллоҳ аст илми ғайби осмонҳо ва замин ва ба сӯи Ӯ ҳамаи корҳо рӯзи қиёмат бозгардонда мешаванд. Эй Паёмбар, Аллоҳро бипараст ва бар Ӯ таваккул кун, ки Парвардигори ту аз ончи ба ҷой меоваред (аз амалҳои неку бадатон, ки мувофиқи онҳо шуморо ҷазо медиҳад), ғофил нест! (Яъне Ӯ таъоло ғофил нест аз илми он чизе, ки аз мардум пинҳон аст.)"** (Ҳуд, 123)

## Ояти 19 то 21

وَجَآءَتۡ سَيَّارَةٞ فَأَرۡسَلُواْ وَارِدَهُمۡ فَأَدۡلَىٰ دَلۡوَهُۥۖ قَالَ يَٰبُشۡرَىٰ هَٰذَا غُلَٰمٞۚ وَأَسَرُّوهُ بِضَٰعَةٗۚ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ
بِمَا يَعۡمَلُونَ ١٩ وَشَرَوۡهُ بِثَمَنِۭ بَخۡسٖ دَرَٰهِمَ مَعۡدُودَةٖ وَكَانُواْ فِيهِ مِنَ ٱلزَّٰهِدِينَ ٢٠ وَقَالَ ٱلَّذِي
ٱشۡتَرَىٰهُ مِن مِّصۡرَ لِٱمۡرَأَتِهِۦٓ أَكۡرِمِي مَثۡوَىٰهُ عَسَىٰٓ أَن يَنفَعَنَآ أَوۡ نَتَّخِذَهُۥ وَلَدٗاۚ وَكَذَٰلِكَ مَكَّنَّا لِيُوسُفَ فِي
ٱلۡأَرۡضِ وَلِنُعَلِّمَهُۥ مِن تَأۡوِيلِ ٱلۡأَحَادِيثِۚ وَٱللَّهُ غَالِبٌ عَلَىٰٓ أَمۡرِهِۦ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٢١

**"Корвоне омад ва онҳо обовари худро фиристоданд, то далверо (зарфи обкашӣ аз чоҳ) дар чоҳ биандозад. Ҳангоме, ки ӯ зарфи обкаширо дар чоҳ андохт, Юсуфро аз чоҳ боло кашид. Обовар гуфт: "Мужда диҳед! Ин як навҷавон аст". Корвониён Юсуфро ҳамчун як колои арзишманд аз дигарон пинҳон доштанд ва Аллоҳ ба ончи онҳо мекарданд, огоҳ буд." (19) "Саранҷом Юсуфро бародаронаш ба қимати андак, яъне бо чанд дирҳам фурӯхтанд ва корвониён низ аз нигоҳ доштани Юсуф назди худ бемайл буданд." (20) "Шахсе, ки Юсуфро харид, азизи Миср буд, ки ба ҳамсараш гуфт: "Мақоми ӯро гиромӣ бидор, умед аст, ки ӯ бароямон судманд бошад ё ӯро ба фарзандӣ бигирем." Инчунин буд, ки Юсуфро дар он сарзамин арҷманду тавоно гардонидем, то ба ӯ таъбири хоб биёмӯзем ва Аллоҳ бар кори худ тавоно ва ғолиб аст, вале бештари мардум намедонанд." (21)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Баровардани Юсуф алайҳиссалом аз чоҳ ва фурӯхтани ӯ.*

Аллоҳ таъоло аз моҷарои Юсуф алайҳиссалом баъди ӯро партофтани бародаронаш дар чоҳ хабар медиҳад. Юсуф муддате дар чоҳ монд то ин ки корвоне омад, ки мехост ба Миср биравад ва онҳо обовари худро фиристоданд, ки об барояшон биёварад. Ҳангоме ки обовар сатлро ба чоҳ андохт, Юсуф тавассути он ресмон аз чоҳ берун омад, ки дар ин ҳангом обовар фарёд зад: Мужда! Мужда! Ин як писари

бо арзиш аст. Бародарони Юсуф, ки назди ӯ қарор доштанд, моҷароро пинҳон дошта ва корвониёнро аз асли воқеъа огоҳ насохтанд, балки гуфтанд ки ин ғуломе аст аз бузургон барои фурӯш. Аллоҳ таъоло ба ончи онҳо мекарданд огоҳ буд ва ҳеҷ кори пинҳонӣ бар Аллоҳ пӯшида намемонад.

Бародарон Юсуфро бо баҳои ночизе, ки чанд дирҳаме беш набуд, фурӯхтанд ва корвониён низ дар нигаҳ доштани ӯ ҳеҷ майл ва рағбате надоштанд, ки ӯ бо онҳо боқӣ бимонад, аз оне ки қадр ва ҷойгоҳи ӯро намешинохтанд. Корвон Юсуфро ба Миср бурд ва азизи Миср ӯро аз онҳо харид. Азизи Миср ба ҳамсараш супориш кард, ки ӯро ҳамчун меҳмони азиз гиромӣ дошта ва ба хубӣ аз ӯ пазирой намояд, шояд дар хидматгузорӣ фоидае бахшад ё барояшон ҷойнишини фарзанд шавад. Он гунае, ки Парвардигор Юсуфро наҷот дод ва вазири Мисрро бар икромаш омода кард, ҳамчунон ба Юсуф дар Миср имконият ва қудрат дод ва ӯро бар ганҷҳо ва захираҳои Миср низ мусаллат гардонид. Аллоҳ таъоло бар замми ин Юсуфро илми таъвили хоб омӯзонид, ки дар натиҷа ӯ мардумро аз таъбири ончи дар хоб медиданд, огоҳ месохт. Бегумон Аллоҳ дар кори худ ғолиб ва тавоност ва ҳеҷ нерӯе Ӯро аз иҷрои амраш боз дошта наметавонад ва ҳукмашро он гунае ки бихоҳад, иҷро мекунад. Аллоҳ таъоло ҳукмашро чуноне ки мехоҳад ба анҷом мерасонад, аммо бештари мардум аз асрори қазо ва қадар ва аз асрори қудрат ва аҳдофи ҳикмат бехабаранд.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло "**Корвоне омад ва онҳо обовари худро фиристоданд, то далверо (зарфи обкашӣ аз чоҳ) дар чоҳ биандозад. Ҳангоме, ки ӯ зарфи обкаширо дар чоҳ андохт, Юсуфро аз чоҳ боло кашид. Обовар гуфт: "Мужда диҳед! Ин як навҷавон аст".**

**Корвониён Юсуфро ҳамчун як колои арзишманд аз дигарон пинҳон доштанд ва Аллоҳ ба ончи онҳо мекарданд, огоҳ буд." (19)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Мавҷуд будани чоҳе дар сарзамини Байтулмуқаддас, ки макони он маълум аст.

- Инҷо барои Юсуф алайҳиссалом хеле имтиҳони душвор буд, ки бародарони худаш ӯро на чашми дидан ва на майли бо ӯ монданро доштанд. Балки ҳангоме ки ӯро қофилаи тоҷирон аз чоҳ берун карданд, бародарон даъво карданд, ки ин ғуломи мо буд ва бар замми ин ҳам бародарон ӯро ҳамчун як ғуломи ночиз ба тоҷирон фурӯхтанд. Аллоҳ донотар аст.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Саранҷом Юсуфро бародаронаш ба қимати андак, яъне бо чанд дирҳам фурӯхтанд ва корвониён низ аз нигоҳ доштани Юсуф назди худ бемайл буданд." (20)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд.

- Ишора ба он аст, ки мақсади бародарон мол ба даст овардан набуд, балки ғулом кардан ва аз падар дур кардан Юсуф алайҳиссалом буд, бар ин асос ӯро ба як миқдори ночизе фурӯхтанд.

- Хабари илоҳист, ки дар байни бародарони Юсуф алайҳиссалом аҳли зуҳду тақво низ буд, локин намедонист, ки манзилати Юсуф алайҳиссалом дар назди Аллоҳ таъоло чигуна аст.

- Инҷо далолат бар сахтӣ ва вазнин будани мусибат ва имтиҳон бар анбиё ва солеҳин мекунад, яъне фурӯхтани Юсуф ба як миқдори ночиз ва ин ҳам боз аз тарафи бародарони худ.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло "**Шахсе, ки Юсуфро харид, азизи Миср буд, ки ба ҳамсараш гуфт: "Мақоми ӯро гиромӣ бидор, умед аст, ки ӯ бароямон судманд бошад ё ӯро ба фарзандӣ бигирем." Инчунин буд, ки Юсуфро дар он сарзамин арҷманду тавоно гардонидем, то ба ӯ таъбири хоб биёмӯзем ва Аллоҳ бар кори худ тавоно ва ғолиб аст, вале бештари мардум намедонанд." (21)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки азизи Миср бефарзанд будааст, зеро ба ҳамсараш пешниҳоди ба фарзандӣ гирифтани Юсуфро кард ва ҳамчунин Аллоҳ таъоло ин масъаларо бар Юсуф алайҳиссалом миннат гузошт.

- Амри тақдирӣ ва кавнии (дунявии) Аллоҳ доиман ғолибу иҷрошаванда аст, гарчи макркунандагон ва ҳасудон ҳазорҳо ҳила ва найрангҳоро истифода бубаранд ва гарчи аксари мардум аз ин қудрати илоҳӣ бехабар ҳам бошанд.

- Хабари илоҳӣ аст, ки Аллоҳ таъоло аз аҳли илму маърифат ва аз аҳли эҳсон имтиҳонҳои гуногун мегирад ва баъд нусрат ва пирӯз мегардонад ва подоши некӯе медиҳад.

## Ояти 22 то 29

وَلَمَّا بَلَغَ أَشُدَّهُۥٓ ءَاتَيْنَـٰهُ حُكْمًا وَعِلْمًا ۚ وَكَذَٰلِكَ نَجْزِى ٱلْمُحْسِنِينَ ٢٢ وَرَٰوَدَتْهُ ٱلَّتِى هُوَ فِى بَيْتِهَا عَن
نَّفْسِهِۦ وَغَلَّقَتِ ٱلْأَبْوَٰبَ وَقَالَتْ هَيْتَ لَكَ ۚ قَالَ مَعَاذَ ٱللَّهِ ۖ إِنَّهُۥ رَبِّىٓ أَحْسَنَ مَثْوَاىَ ۖ إِنَّهُۥ لَا يُفْلِحُ
ٱلظَّـٰلِمُونَ ٢٣ وَلَقَدْ هَمَّتْ بِهِۦ ۖ وَهَمَّ بِهَا لَوْلَآ أَن رَّءَا بُرْهَـٰنَ رَبِّهِۦ ۚ كَذَٰلِكَ لِنَصْرِفَ عَنْهُ ٱلسُّوٓءَ
وَٱلْفَحْشَآءَ ۚ إِنَّهُۥ مِنْ عِبَادِنَا ٱلْمُخْلَصِينَ ٢٤ وَٱسْتَبَقَا ٱلْبَابَ وَقَدَّتْ قَمِيصَهُۥ مِن دُبُرٍ وَأَلْفَيَا سَيِّدَهَا لَدَا
ٱلْبَابِ ۚ قَالَتْ مَا جَزَآءُ مَنْ أَرَادَ بِأَهْلِكَ سُوٓءًا إِلَّآ أَن يُسْجَنَ أَوْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ٢٥ قَالَ هِىَ رَٰوَدَتْنِى عَن
نَّفْسِى ۚ وَشَهِدَ شَاهِدٌ مِّنْ أَهْلِهَآ إِن كَانَ قَمِيصُهُۥ قُدَّ مِن قُبُلٍ فَصَدَقَتْ وَهُوَ مِنَ ٱلْكَـٰذِبِينَ ٢٦ وَإِن كَانَ
قَمِيصُهُۥ قُدَّ مِن دُبُرٍ فَكَذَبَتْ وَهُوَ مِنَ ٱلصَّـٰدِقِينَ ٢٧ فَلَمَّا رَءَا قَمِيصَهُۥ قُدَّ مِن دُبُرٍ قَالَ إِنَّهُۥ مِن
كَيْدِكُنَّ ۖ إِنَّ كَيْدَكُنَّ عَظِيمٌ ٢٨ يُوسُفُ أَعْرِضْ عَنْ هَـٰذَا ۚ وَٱسْتَغْفِرِى لِذَنۢبِكِ ۖ إِنَّكِ كُنتِ مِنَ ٱلْخَاطِـِٔينَ
٢٩

**""Ҳангоме, ки Юсуф ба авҷи нерӯи ҷавонӣ расид, Мо ба ӯ ҳикмат ва дониш ато намудем ва накӯкоронро низ инчунин подош медиҳем." (22) "Зани азизи Миср, ки Юсуф дар хонааш буд, аз ҳусни зебои ӯ мафтун шуда, Юсуфро бо сухани нарму мулоим ба назди худ талаб кард. Он зан дарҳоро баст ва ба Юсуф гуфт: "Биё ба сӯи ман". Юсуф гуфт: "Паноҳ мебарам ба Аллоҳ, аз ончи ки маро ба он даъват кардаӣ, ӯ (яъне шавҳари ту) сарвари ман аст, маро обрӯи баланд додааст ва ман зани ӯро ҳаргиз хиёнат нахоҳам кард. Албатта ситамкорон наҷот намеёбанд." (23) "Дар воқеъ он зан қасди наздик шудан бо Юсуфро кард ва агар Юсуф бурҳони Парвардигорашро намедид, ӯ низ қасди он занро мекард. Чунин кардем, то беҳаёиро аз ӯ дур созем, чунки Юсуф аз бандагони покиза ва ихтиёркардаи Мо буд!" (24) "Юсуф ба сӯи дар фирор кард ва ҳамсари азиз низ аз пушти ӯ давид, то ӯро баргардонад ва зан ҷомаи Юсуфро аз ақиб дарронд ва онҳо шавҳари он занро тасодуфан наздики дар ёфтанд. Зан ба шавҳараш гуфт: "Ҷазои касе, ки бо зани ту қасди баде дошта бошад чист? Зан**

**(тарсид, ки шавҳараш Юсуфро накушад) дарҳол гуфт: Ҷуз ин ки ӯ ба зиндон афтад ё ба азобе дардовар гирифтор шавад!?" (25) "Юсуф гуфт: "Ин зан маро ба сӯи худ хонд, вале ман қабул накардам ва аз ӯ фирор мекардам." Дар ин ҳангом шоҳиде аз бастагони он зан чунин шаҳодат дод: "Агар пироҳани Юсуф аз пеш пора шуда бошад, пас ин зан рост мегӯяд ва Юсуф дурӯғгӯст." (26) "Вале агар пироҳани Юсуф аз пушт пора шуда бошад, пас ин зан дурӯғ мегӯяд ва Юсуф аз ростгӯён аст." (27) "Чун шавҳар дид, ки пироҳани Юсуф аз пушт пора шудааст, ба ҳақиқат пай бурд ва гуфт: "Ин аз найранги шумо занон аст, ба ростӣ, ки найранги шумо хеле бузург аст."" (28) "Азизи Миср гуфт: "Эй Юсуф, забони хеш нигоҳ дор ва ба касе дар ин маврид чизе магӯ! Эй зан, ту аз гуноҳи худ омурзиш бихоҳ, ки ҳамоно аз гунаҳкоронӣ."" (29)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Дӯст доштани зани азизи Миср Юсуфро ва макру ҳилаи онҳо дар Миср.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки чун Юсуф ба камоли нерӯи ҷавонӣ расид, Ҳақ таъоло ба ӯ фаҳм, дониш ва дарёфти ҳақ дар довариро иноят кард. Ҳамчунин он гуна ки Аллоҳ Юсуфро дар баробари амали некаш гиромӣ дошт, ҳамчунон ҳар некӯкори дигареро низ дар баробари некӯкориаш гиромӣ медорад. Ҳамсари азиз бо ороиш ва ишваи хосе Юсуфро, ки дар хонааш буд, ба сӯи хеш хонд. Он зан бар замми ин дорои мансаб, ҷамол ва мол буд ва Юсуф низ ҷавони издивоҷнакарда, ғариб ва аз зеботарин инсонҳо буд. Зани азиз дарҳоро паёпай баст ва ба исрор аз Юсуф мехост, ки хоҳишоти нафсонии худро бароварда гардонад, дар ин ҳолат Юсуф ба Ҳақ таъоло паноҳ бурд ва бар нафс ва ҳавову ҳаваси худ пирӯз шуд. Зани азиз ба ӯ гуфт: "Биё ки ман аз они ту

ҳастам!" Юсуф хостаашро рад кард ва гуфт: "Паноҳ ба Аллоҳ мебарам ва худро аз шарри анҷом додани ин кори нафратовар ва ҳаром нигоҳ медорам. Зеро аввалан ин амал хиёнат ба Аллоҳ ва сипас хиёнат ба мавлоям аст, ки ту ҳамсари ӯ ҳастӣ. Худро ба Аллоҳ месупорам, охир мавлоям маро ба хубӣ мизбонӣ, пазирой ва гиромӣ доштааст, пас чигуна ин ҳама хубиҳоро бо хиёнат ҷавоб диҳам?! Ҳатман ин зулми ошкор ва бузург аст, ки ситамкор ва золим ҳеҷ гоҳ муваффақ намешавад ва кумак ҳам намеёбад, балки хор ва зиёнкор мешавад." Дар ҳақиқат он зан қасди Юсуфро кард ва нафсаш ба ӯ сахт тамоюл ёфта, аз ӯ чизеро мехост, ки зан онро аз мард металабад. Юсуф дар ин маврид майле кард, аз хотираҳое бар хотираш гузашт, локин ҳаргиз бар кори зишт тасмим нагирифт, зеро лутфи Аллоҳ шомили ҳолаш гашт ва нишонае аз нишонаҳо ва бурҳоне аз бурҳонҳои Аллоҳро дид, ки ӯро аз олудагӣ ба фаҳшо манъ кард. Чунин шуд то Аллоҳ ӯро аз амали зино нигоҳ дошт, чаро ки ӯ дар тоъати Ҳақ таъоло содиқ ва холис буд. Юсуф ба сӯи дар гурехт ва мехост аз онҷо фирор кунад, зани азиз низ шитобзада ба сӯи ӯ медавид, то ӯро бигирад, дар ин миён он зан пироҳани Юсуфро аз пушт ба сӯи худ кашид то аз берун рафтан нигоҳаш дорад, ки бар асари он пироҳани Юсуф аз пушт дарида шуд. Баногоҳ дар остонаи дар бо ҳамсараш рӯ ба рӯ шуданд, ки зан найранг кард ва мазлумона фарёд кашид: "Ҷазои касе, ки қасди фаҳшо бо ҳамсаратро карда бошад, чист? Ҷуз ин ки зиндонаш бикунӣ ё бо азоби дарднок ӯро барои кори зишташ муҷозот бикуни?" Юсуф сухани занро рад кард ва ба мавлояш гуфт: "Ин зан худ маро маккорона хост, маро дунбол кард ва хостори кори зишт бо ман буд." Дар ин миён яке аз гувоҳони он хона, ки гӯянд писарбаччае аз хонаводаи зан буд, чунин шаҳодат дод: "Агар пироҳани Юсуф аз пеш пора шуда бошад, пас зан рост гуфта ва Юсуф дар даъвояш аз дурӯғгӯён

аст, зеро ин худ далели он мебошад, ки Юсуф занро дунбол мекардааст. Аммо агар пироҳани Юсуф аз пушт дарида шуда бошад, пас ин амр далели он аст, ки Юсуф аз тарафи зан дунбол шудааст. Биноан дар ин ҳолат зан дар даъвояш дурӯғгӯ ва Юсуф ростгӯст." Вақте шавҳари зан дид, ки пироҳани Юсуф аз пушт пора шудааст, пас яқин шуд, ки занаш Юсуфро дунбол мекардааст ва Юсуф бошад дар ҳоли гурез будааст, ки ин далели қотеъ бар пок будани Юсуф аст. Пас мард ба занаш гуфт: "Ин найранг ва шикоятат бар зидди Юсуф аз макри шумо занон аст, бешак макру ҳилаи шумо занон бузург ва ғайри қобили таҳаммул мебошад, зеро ба тарзи пинҳонӣ шакл мегирад ва бо гиря ва даъво ҳамроҳ мебошад." Азиз гуфт: "Юсуф! Дар мавриди ин рӯйдод ба касе сухан нагӯ, то обрӯи қаср маҳфуз бимонад." Аммо ту эй зан! "Аз Парвардигорат омурзиш бихоҳ, ки албатта ту хато кардаӣ."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло "**Ҳангоме, ки Юсуф ба авҷи нерӯи ҷавонӣ расид, Мо ба ӯ ҳикмат ва дониш ато намудем ва накӯкоронро низ инчунин подош медиҳем." (22)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Муфассирон дар соли рушди Юсуф алайҳиссалом ихтилофи назар доранд. Баъзе бар он назаранд, ки Юсуф алайҳиссалом дар он замон 33-сол дошт, баъзе бар он назаранд, ки ӯ 20-сол дошт, баъзеи дигар бар он боваранд, ки ӯ 18-сол дошт ва баъзе аз муфассирон ҳатто бар ӯ соли муайяне нагуфтаанд, балки танҳо гуфтаанд, ки ӯ дар он замон ба синни балоғат расида буд. Сабаби ихтилофи назари муфассирон дар он аст, ки дар ин замина ҳеҷ асари саҳеҳ ва возеҳу равшан ворид нашудааст.

- Холис будан ва холисона анҷом додани корҳои хайр сабаби наҷот ва сарбаландӣ аз ҷониби Аллоҳ таъоло мегардад, ки бешак подоши хубӣ бо хубӣ меанҷомад.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: ""**Зани азизи Миср, ки Юсуф дар хонааш буд, аз ҳусни зебои ӯ мафтун шуда, Юсуфро бо сухани нарму мулоим ба назди худ талаб кард. Он зан дарҳоро баст ва ба Юсуф гуфт: "Биё ба сӯи ман". Юсуф гуфт: "Паноҳ мебарам ба Аллоҳ, аз ончи ки маро ба он даъват кардаӣ, ӯ (яъне шавҳари ту) сарвари ман аст, маро обрӯи баланд додааст ва ман зани ӯро ҳаргиз хиёнат нахоҳам кард. Албатта ситамкорон наҷот намеёбанд." (23)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҳазар ва дурӣ кардан аз хилват бо занони бегона, ба хотири дурӣ аз фитна, чун зани азизи Миср аз танҳоӣ Юсуфро ба ин фитна гирифтор кард.

- Юсуф алайҳиссалом зани азизи Мисрро бо риоя кардани ҳаққи шавҳараш огоҳ кард ва аз азоби Аллоҳ таъоло ӯро ҳазар дод.

- Ин имтиҳон бузургтар ва душвортар барои Юсуф алайҳиссалом аз имтиҳони бародаронаш буд, зеро аз имтиҳоне, ки Юсуф алайҳиссалом бо бародаронаш шуд, сабр ва таҳаммул карданаш изтирорӣ ва аз нотавонӣ буд, аммо ин ҷо бошад сабр ва таҳаммули Юсуф алайҳиссалом ихтиёрӣ буд, бо вуҷуде, ки барои анҷом додани ин гуноҳ тамоми шароит муҳайё буд. Дар ин ҳолат бешак аҷри ин гуна имтиҳон бештар ва бузургтар аст, хусусан агар шахс дар ҳоли ҷавонӣ, ғуломӣ, асирӣ ва ғарибӣ бошад ва бар замми ин боз таҳдид бар азоби сахт ва зиндонӣ карданро низ дошта бошад. Ин дар воқеъ ҳақиқати сабр бар маъсияти Аллоҳ таъоло дар шариат мебошад.

- Ишора бар он аст, ки хиёнат кардан дар ҳаққи касоне, ки бар инсон хубӣ кардаанд, вазнин ва душвортар ба ҳисоб меравад, ҳамчуноне ки Юсуф алайҳиссалом барои зани сайидаш инро баён кард, ки албатта ҳифз ва риояи хубӣ барои хубон аз ахлоқи анбиё ва соҳибони фазл аст.
- Юсуф алайҳиссалом чунон зебо буд, ки зани азизи Мисрро водор ба ин кори зишт ва фаҳшо кард, аммо зебогӣ ва комилии Юсуф алайҳиссалом дар ин буд, ки ӯ худро аз хиёнати сайиди худ ва аз маъсияти Аллоҳ таъоло нигоҳ дошт.
- Ишора бар ин аст, ки қасди анҷоми гуноҳ ва хоҳишоти нафсонӣ бар гуноҳ, дар шариат гуноҳ дониста намешаванд, дар ҳоле ки агар шахс аз он дурӣ кунад ва аз тарси Аллоҳ, ба Аллоҳ паноҳ бубарад. Зеро Юсуф алайҳиссалом хоҳиши нафсӣ кард чуноне ки Аллоҳ дар инҷо аз он хабар медиҳад, валокин Юсуф алайҳиссалом бо фазли Аллоҳ таъоло ва аз тарси илоҳӣ, бо огоҳӣ аз илму маърифат ба Аллоҳ ва бо огоҳӣ аз воқеият тарки гуноҳ кард, ки тафовути байни ин ду қасд хеле зиёд аст. Яъне тафовути касе, ки қасди анҷоми гуноҳро дорад бо касе, ки хоҳиши нафсонӣ бар анҷоми гуноҳро дорад зиёд аст, зеро дар шариат нафаре, ки қасди анҷоми гуноҳро дорад, аммо гуноҳро анҷом намедиҳад ва нафаре, ки хоҳиши нафсонӣ бар анҷоми гуноҳро дорад ва ӯ низ гуноҳро анҷом намедиҳад, бар онҳо гуноҳе навишта намешавад. Аммо ба истиное касе, ки қасд ва кӯшишм анҷоми гуноҳро мекунад, аммо анҷоми гуноҳ барояш муяссар намешавад, дар ин ҳолат ба ӯ як гуноҳе навишта мешавад.
- Ин оят бар оромиш бахшидан ба Паёмбар алайҳиссалом ва таслиятгӯӣ ба эшон дар мусибатҳое, ки ба онҳо рӯбарӯ хоҳанд шуд, далолат дорад.
- Ҳар вақт инсон ба гуноҳ ё амали бадие даъват карда шавад, чи аз тарафи шайтон, аз тарафи нафси бад ё аз тарафи инсонҳои бадхоҳ, пас

воҷиб аст, ки ӯ аз Аллоҳ таъоло паноҳ бубарад, чигунае ки Юсуф алайҳиссалом гуфт: **"Паноҳ бар Аллоҳ."** (**معاذ الله**)

- Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Гуфт: Паноҳ ба Аллоҳ, албатта он сарвари ман аст ва манро беҳтарин маконати баланд додааст…" (23)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар васфи (**إنه ربي**) **"Албатта, Ӯ сарвари ман аст..."** ду эҳтимол вуҷуд дорад:

а) Эҳтимоле вуҷуд дорад, ки қасди Юсуф алайҳиссалом аз истифодаи калимаи "сарвар" Аллоҳ таъоло бошад. Бар асоси ин эҳтимол неъматҳое, ки Аллоҳ ба ӯ додааст, аз қабили имон, илм, ахлоқ ва хилқати зебоии комил, сабаби тоат ва шукри Ӯ таъолоро доранд.

б) Эҳтимоли дигаре низ вуҷуд дорад, ки қасди Юсуф алайҳиссалом аз истифодаи калимаи "сарвар" сайидаш (подшоҳ) бошад. Бар асоси ин эҳтимол, неъмати тарбия ва маконати додаи сайидаш азизи Миср аст, ки сабаби хиёнат накардани Юсуф алайҳиссалом буд, ки албатта ҷавоби хубӣ бо хубӣ мебошад.

- Далолат мекунад, ки зикри номи раб (**رب**) аҳёнан ба маънои сайид ё подшоҳ низ меояд, ба шарте, ки бо калимаи дигар қайд шуда бошад, ҳамчуноне ки Юсуф алайҳиссалом ба ғуломи подшоҳ гуфт: (**أذكرني عند ربك**) **"Манро дар назди сайидат ба ёд ор..."** (ояти 42) Инҷо номи раб бо замири (ка) қайд шудааст (**ربك**) ва ин ҳуҷҷат аст, ки васф кардани махлуқ ба ин ном ҷоиз аст, албатта бо шартҳои дар боло зикршуда. Аммо вақто, ки калимаи раб бо алиф лом (**الرب**) ё мутлақан ба танҳоӣ зикр шавад, пас дар инҷо мурод танҳо Аллоҳ таъолост.

- Юсуф алайҳиссалом яке аз сабабҳои анҷом надодани зиноро, хубиҳо ва маконате, ки подшоҳ ба ӯ дода буд, ба ёд оварда аз он дурӣ кард. Пас ҷои ибрат ва тазаккур аст, ки Парвардигори мову шумо, моро бар замми

ҳамаи ин неъматҳо боз тарбия карда, моро ризқи фаровон, неъмати ақл ва тамоми хубиҳои беҳисоб муҳайё кардааст, оё ин зоти ҳаким ва бузурги якто авло ва шоистатар нест, ки нофармониву хиёнат карда нашавад?!

Ибни Ҷавзӣ, ки яке аз муфассирони Қуръон аст, дар робита ба ин оят чунин мегӯяд: *"Нафси ман маро ба коре барангехт, ки он кор дар шариъат зишт буд ва далелҳояш низ возеҳу ошкор буданд, ки анҷоми ин амал дар шариъат ҷоиз нест. Пас ба Аллоҳ таъоло рӯй овардам то аз дили ман ин кори ношоистаро дур кунад ва рӯй овардам ба мутолиаи китоб. Вазифаи ҳамонрӯзаам мутолиаи сураи Юсуф буд ва шурӯъ кардам ба хондани он. Тамаркуз дар хондан надоштам, зеро фикр ва зеҳнамро иҷрои он амали бад машғул мекард, то ҳатто намедонистам, ки чи мехонам. Ҳангоме ки ба қавли Аллоҳ таъоло расидам, ки мегӯяд:* ***"Паноҳ бар Аллоҳ, албатта шавҳари ту маро беҳтарин манзалат ва ҷой додааст."*** *баногоҳ мутаваҷҷеҳ ва огоҳ шудам ва гӯё ин оят барои ман хитоб мекарда бошад. Баъди мутолиаи ин оят ба худ гуфтам: "Эй нафс оё мефаҳмӣ? Юсуф алайҳиссалом ҷавони озод буд, ба зулм фурӯхта шуд ва ғулом гашт, пас ҳаққи касеро, ки ба ӯ хубӣ кардааст риоя мекунад ва ӯро малик ва подшоҳ меномад, гарчи дар асл ба ӯ подшоҳӣ надошт. Бар замми ин Юсуф алайҳиссалом гуфт:* ***"Он сайиди ман аст"****, сипас дасти худро аз ончи ба ӯ зиён мебахшид, боздошт ва гуфт:* ***"Беҳтарин манзилат бар ман додааст."*** *Аллоҳе, ки маро тарбият кард, таълим дод, рӯзӣ дод, дифоъ кард, ба некӣ ҳидоят кард, ба роҳи рост ҳидоят кард ва маро аз ҳар макр наҷот дод, ки агар ҳамаи неъматҳоро биҳисобам, қобили шумориш нестанд ва агар ҳамаи неъматҳоро бихоҳам, ки бинависам, пас аз зиёдии неъмат, имкони навистани ҳамаи онҳоро надорам. Пас эй нафс, чигуна*

*нофармонии ин зоти бузургро мекунӣ!? Оё шоиста аст коре анҷом диҳӣ, ки Ӯ таъоло розӣ набошад!? Оё Аллоҳи муттаъол, ки неъматҳои зиёдро арзонӣ доштааст, шоистаи онро дорад, ки ба Ӯ хиёнат карда шавад?! Пас ба ёд ор сухани Юсуф алайҳиссаломро, ки гуфт: "**"Паноҳ мебарам ба  Аллоҳ, азончи ки маро ба он даъват кардаӣ, ӯ (яъне шавҳари ту) сарвари ман  аст, маро обрӯи баланд додааст ва ман зани ӯро ҳаргиз хиёнат нахоҳам кард. Албатта ситамкорон наҷот намеёбанд." (23)*** (Китоби Сайдул-хотир, саҳ. 215)

***Огоҳӣ***: Зулайхо ном доштани зани азизи Миср дар Қуръон ва ҳадисҳои саҳеҳ ворид нашудааст, гарчанде ки баъзе муаррихин ва муфассирин номи Зулайхоро барои зани азизи Миср нисбат медиҳанд.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Дар воқеъ он зан қасди наздик шудан бо Юсуфро кард ва агар Юсуф бурҳони Парвардигорашро намедид, ӯ низ қасди он занро мекард. Чунин кардем, то  беҳаёиро аз ӯ дур созем, чунки Юсуф аз  бандагони покиза ва ихтиёркардаи Мо буд!" (24)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят далел аст, ки маърифати Аллоҳ таъоло бо номҳову сифатҳояш ва муроқабаи (наздикии) Ӯ таъоло, сабаби дурӣ аз фитна ва гуноҳон мешаванд, зеро Аллоҳ хабар медиҳад, ки Юсуф алайҳиссалом бурҳони Парвардигорашро дид ва аз фитна наҷот ёфт. Бурҳони Парвардигор, яъне ҳуҷҷат ва далелҳои имоние, ки дар қалби Юсуф алайҳиссалом мустаҳкам буданд.

- Фазилати илм, фазилати маърифат ва шинохти Аллоҳ таъоло ва амал кардан ба он, зеро ин сабаби наҷот дар дунё ва охират барои банда мебошад, ки Юсуфро яке аз сабабҳои наҷоташ низ ҳамин буд.

- Ин оятҳо далолат бар он мекунанд, ки ихлос ва мухлис будан ба Аллоҳ таъоло ва ба шариати Ӯ, сабаб барои дур кардани ишқи ҳаром ва сабаби оне мешаванд, ки инсонро ба бадӣ ва фаҳшо водор мекунанд.

- Дар хабари Аллоҳ таъоло, ки **"Мо аз Юсуф бадӣ ва фаҳшоро дур кардем, чунки Юсуф аз бандагони холис, покиза ва ихтиёркардаи Мо буд!"** далел бар маъсум будани Юсуф алайҳиссалом мекунад ва ҳамчунин баён мекунад, ки анҷом додани кори хубе бо сабаби аҷр ва савоби ҳасанаи пеш аз ин кори хуб мебошад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "**"Юсуф ба сӯи дар фирор кард ва ҳамсари азиз низ аз пушти ӯ давид, то ӯро баргардонад ва зан ҷомаи Юсуфро аз ақиб даронд ва онҳо шавҳари он занро тасодуфан наздики дар ёфтанд. Зан ба шавҳараш гуфт: "Ҷазои касе, ки бо зани ту қасди баде дошта бошад чист? Зан (тарсид, ки шавҳараш Юсуфро накушад) дарҳол гуфт: Ҷуз ин ки ӯ ба зиндон афтад ё ба азобе дардовар гирифтор шавад!?" (25)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки банда бояд аз маконҳои фитна ва ҷое, ки дар онҷо эҳтимоли воқеъ шудани гуноҳ аст, фирор кунад ва ба Аллоҳ паноҳ бубарад ва ба ёди неъматҳои додаи Ӯ таъоло бошад.

- Дар лафзи (**سيدها**) **"сайидаҳо"** яъне сарварашро, ҳуҷҷат бар ҷоиз будани номгузорӣ ё васф кардани махлуқин ба номи "Сайид" ё "Сарвар" мебошад, зеро (**السيد**) ас-Сайид яке аз номҳои зебои Аллоҳ таъоло буда ва аз номҳои муштарак дар лафз ба махлуқин мебошад, яъне номест, ки ҳам барои Холиқ ва ҳам барои махлуқ истифода карда мешавад.

- Яке аз бузургтарин зулмҳо зиндонӣ кардани шахси бегуноҳ аст, зеро зиндон дар шариат ба бадӣ зикр шуда ва дар ин оят ҳамчун азоби

дарднок омадааст. Ин далолат бар он мекунад, ки зиндон худ як азоби хело вазнин ва душвор буда, бар асоси ин дар шариат, зиндонӣ кардани шахс як навъи ҷазо додан дар ҳоли изтирор ва маҷбурӣ, аст на дар ҳоли ихтиёрӣ.

- Ҳамаи мазлумон аҳёнан аз дуъо кардан бар золимон ғофил мешаванд, магар маҳбусоне, ки ба зулм, ба туҳмат ва ба бегуноҳӣ маҳбас шудаанд, ки онҳо шабу рӯз бар золимон дуъо мекунанд.

- Барои уммати Ислом шаби Қадр бо сабаби даъвои ду нафар номуайян гашт, ки яке золим ва дигаре мазлум буд. Ҳоло чи расад бар оне, ки имрӯзҳо ҳазорҳо зиндонӣ бегуноҳ ва бе баёни муддати ҳукмашон дар зиндонҳо маҳкуманд.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло ""**Юсуф гуфт: "Ин зан маро ба сӯи худ хонд, вале ман қабул накардам ва аз ӯ фирор мекардам." Дар ин ҳангом шоҳиде аз бастагони он зан чунин шаҳодат дод: "Агар пироҳани Юсуф аз пеш пора шуда бошад, пас ин зан рост мегӯяд ва Юсуф дурӯғгӯст." (26)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Машрӯъияти (ҷоиз будани) дифоъ аз нафси худ ҳангоми тӯҳмат ё шубҳае, ки ворид мешавад, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом тӯҳмати занро рад кард.

- Уламои тафсир дар синну соли шоҳиди хонадони зани азизи Миср ихтилофи назар доранд, баъзе гуфтаанд, ки шоҳид кӯдаки гаҳворагӣ буд, баъзе гуфтаанд, ки шоҳид марде калонсол буд, ки ин қавлро Ибни Ҷарири Табарӣ бо санади саҳеҳ ривоят мекунад ва зоҳири оят ҳам бар ин далолат мекунад. Зеро агар шоҳид кӯдаки гаҳворагӣ мешуд, пас ин худ далел мешуд ва эҳтиёҷ ба шоҳиди дигар набуд, яъне агар кӯдаки гаҳворагӣ шоҳидӣ медод ва сухан мекард, пас ҳоҷат бар он набуд, ки ин

кӯдак далелҳои бегуноҳии Юсуф алайҳиссаломро (дар робита бо пироҳан) зикр кунад.
- Ишора ба он аст, ки ин марди ҳукмкунанда (шоҳид) аз наздикон ва хешони зани азизи Миср буд.

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Вале агар пироҳани Юсуф аз пушт пора шуда бошад, пас ин зан дурӯғ мегӯяд ва Юсуф аз ростгӯён аст." (27)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Бингар, ки Аллоҳ чигуна аз дохили он хона довареро аз афроди худи он зан омода месозад, то аз маърази иттиҳом (бӯҳтон) дуртар бошад ва он довар бо далел ва нишона ҳукм мекунад, ки бар исботи ростӣ ва покии Юсуф далолат мекунад.
- Ғолибан дар ҳолатҳои тухмат ё ҷиноят чизҳое рӯх медиҳанд, ки туҳматгар ё ҷинояткор аз он ғофил мемонад, вале онро аҳли тахассус ошкор мекунанд, мисли пироҳани Юсуф алайҳиссалом, ки тавассути он бегуноҳии Юсуф алайҳиссалом ба исбот расид.
- Ин оят ҳуҷҷат бар қабули далел, нишона ва аломат дар ҳолатҳои туҳмат кардан, чизи гумшуда ё дуздидашударо пайдо кардан ва монанди инҳо барои содир кардани ҳукм мебошад. Албатта агар дар ҳолатҳои зикршуда шоҳиде вуҷуд надошта бошад.
- Дар ин оят далел бар эътибори қиёс ва амал бар урфу одат дар шариат мебошад, зеро бароати (покӣ ва бегуноҳии) Юсуф алайҳиссалом бар урфе, ки бар пора шудани пироҳан аз пешу қафо буд, зикр шудааст.

7. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **""Чун шавҳар дид, ки пироҳани Юсуф аз пушт пора шудааст, ба ҳақиқат пай бурд ва гуфт: "Ин аз**

**найранги шумо занон аст, ба ростӣ, ки найранги шумо хеле бузург аст."" (28)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Хабари Аллоҳ таъолост, ки макру ҳилаи зан хеле бузург ва душвор аст, бояд ҳар як мард зиракӣ ва ҳушёриро аз даст надиҳад то дар зулми дигарон воқеъ нашавад, чуноне ки азизи Миср бар зулми Юсуф алайҳиссалом водор карда шуд.

- Бар асоси ин оят олимон чунин назар доранд:

а) Баъзе аз олимон гуфтаанд, ки тарси мо аз баъзе занҳо нисбат ба шайтон ҳам бештар аст, зеро Аллоҳ таъоло дар васфи фиреб ва ҳилаи шайтон фармудааст: **"Албатта макр ва кайди (фиреб ва найранги) шайтон заиф аст."** (Нисо, 76) Аммо Аллоҳ таъоло дар васфи найранг ва макри занҳо фармудааст: **"Албатта найранг ва макри занон бузург аст."** (Сураи Юсуф, 28)

б) Баъзе муфассирин найранги занонро нисбат ба найранги мардон бузургтар медонанд: **"Албатта найранг ва макри занон бузург аст."** (Сураи Юсуф, 28) Ин оят далолат бар он мекунад, ки макр ва ҳилаи занон дар баробари макр ва ҳилаи мардон бузург аст, на дар баробари макри шайтон, зеро макр ва ҳилаи занон ҷузъи макру ҳилаи шайтон аст. Дар ояти **"Албатта макру найранги шайтон заиф аст."** (Нисо, 76) олимон инро гуфтаанд, ки макр ва ҳилаи шайтон дар баробари Аллоҳ заиф ва ҳеҷ аст.

в) Назари севвум ин аст, ки муфассирон гуфтаанд, макр ва ҳилаи занон бузург ва вазнин дар амри шаҳвату ҷимоъ аст ва ҳамчун фитнаи мадҳушкунанда барои мардон аст, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом ба ин фитна гирифтор шуд.

- Ишора бар ин аст, ки ҳикмати Аллоҳ таъоло барои бандагони дӯстдораш ҳам масъалаҳои дунявӣ ва ҳам масъалаҳои ухравии онҳоро дар бар мегирад.

8. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "**Азизи Миср гуфт: "Эй Юсуф, забони хеш нигоҳ дор ва ба касе дар ин маврид чизе магӯ! Эй зан, ту аз гуноҳи худ омурзиш бихоҳ, ки ҳамоно аз гунаҳкоронӣ."" (29)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Аллоҳ таъоло бандагони мухлиси худро дар вақти муносиб аз рӯйи ҳикмати комили худ доиман нусрат медиҳад.

- Азизи Миср аз ҳамсараш талаб кард, то ки ӯ истиғфор бикунад, ки гуфт: **"Эй зан, ту аз гуноҳи худ омурзиш бихоҳ"** ин далолат бар он мекунад, ки онҳо тавҳиди рубубиятро иқрор доштанд, аммо дар тавҳиди ибодат (улуҳият) шарик меоварданд, чуноне ки дар ояти 39 ҳамин сура зикр шудааст.

- Ин оят далолат мекунад, ки онҳо зино ва фаҳшоро гуноҳ ва бад медонистаанд, зеро азизи Миср аз ҳамсараш талаб кард, ки ӯ истиғфор бикунад.

## Ояти 30 то 35

وَقَالَ نِسْوَةٌ فِى ٱلْمَدِينَةِ ٱمْرَأَتُ ٱلْعَزِيزِ تُرَٰوِدُ فَتَىٰهَا عَن نَّفْسِهِۦ ۖ قَدْ شَغَفَهَا حُبًّا ۖ إِنَّا لَنَرَىٰهَا فِى ضَلَٰلٍ
مُّبِينٍ ٣٠ فَلَمَّا سَمِعَتْ بِمَكْرِهِنَّ أَرْسَلَتْ إِلَيْهِنَّ وَأَعْتَدَتْ لَهُنَّ مُتَّكَـًٔا وَءَاتَتْ كُلَّ وَٰحِدَةٍ مِّنْهُنَّ سِكِّينًا
وَقَالَتِ ٱخْرُجْ عَلَيْهِنَّ ۖ فَلَمَّا رَأَيْنَهُۥٓ أَكْبَرْنَهُۥ وَقَطَّعْنَ أَيْدِيَهُنَّ وَقُلْنَ حَٰشَ لِلَّهِ مَا هَٰذَا بَشَرًا إِنْ هَٰذَآ إِلَّا
مَلَكٌ كَرِيمٌ ٣١ قَالَتْ فَذَٰلِكُنَّ ٱلَّذِى لُمْتُنَّنِى فِيهِ ۖ وَلَقَدْ رَٰوَدتُّهُۥ عَن نَّفْسِهِۦ فَٱسْتَعْصَمَ ۖ وَلَئِن لَّمْ يَفْعَلْ مَآ
ءَامُرُهُۥ لَيُسْجَنَنَّ وَلَيَكُونًا مِّنَ ٱلصَّٰغِرِينَ ٣٢ قَالَ رَبِّ ٱلسِّجْنُ أَحَبُّ إِلَىَّ مِمَّا يَدْعُونَنِىٓ إِلَيْهِ ۖ وَإِلَّا تَصْرِفْ
عَنِّى كَيْدَهُنَّ أَصْبُ إِلَيْهِنَّ وَأَكُن مِّنَ ٱلْجَٰهِلِينَ ٣٣ فَٱسْتَجَابَ لَهُۥ رَبُّهُۥ فَصَرَفَ عَنْهُ كَيْدَهُنَّ ۚ إِنَّهُۥ هُوَ
ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ٣٤ ثُمَّ بَدَا لَهُم مِّنۢ بَعْدِ مَا رَأَوُا۟ ٱلْءَايَٰتِ لَيَسْجُنُنَّهُۥ حَتَّىٰ حِينٍ ٣٥

**"Ин хабар дар шаҳр паҳн шуд ва гурӯҳе аз занон гуфтанд: "Зани азизи Миср хостааст, ки ходими худро бифиребад ва ба худ хонад, ки албатта муҳаббат ва ишқи ин ҷавон дар қалби он зан нуфуз кардааст. Мо ба таҳқиқ он занро дар гумроҳии ошкоро мебинем." (30) "Вақте зани азизи Миср макру ҳила ва суханони бади онҳоро шунид, пас наздашон нафар фиристонд ва меҳмоние бароящон тартиб дод. Дар меҳмониаш барои пӯст кардани мева ба ҳар зане корде доду гуфт: "Берун ой Юсуф, то меҳмонҳо туро бубинанд." Вақте занҳо Юсуфро диданд, бузургаш шумурданд ва аз ҳусну ҷамоли ӯ дасти хеш буриданд ва гуфтанд: "Пок аст Аллоҳ, ин одамизод нест, балки ин фариштае бузургвор аст!"" (31) "Зани азизи Миср гуфт: "Ин ҳамон ҷавон аст, ки маро ба хотири дӯст доштани ӯ маломат мекардед. Ҳамоно ман ӯро ба худ хондаам, аммо ӯ худро пок нигоҳ дошт. Агар ончи фармонаш медиҳам накунад, пас ба зиндон хоҳад афтод ва хор хоҳад шуд." Пас Юсуф бар худ зиндонро ихтиёр кард." (32) "Юсуф паноҳҷӯёна аз шарри занон гуфт: "Эй Парвардигори ман, барои ман зиндон нисбат ба ончи ки маро ба он мехонанд, дӯстдоштатар аст ва агар макри ин занонро аз ман дур нагардонӣ, ба онҳо майл мекунам ва аз ҷумлаи нодонон**

**мегардам."" (33) "Пас Парвардигораш дуъояшро иҷобат кард ва макри занонро аз ӯ дур кард. Албатта Аллоҳ ба дуъои Юсуф ва дуъои ҳар як дуъокунанда шунаво ва доност (ва ба ончи ки Юсуф ва ҳамаи бандагонаш ба он эҳтиёҷ доранд ва барояшон шоиста аст, доност!)" (34) "Вақте нишонаҳои покии ӯ бар азиз ва бар ҷамоаташ зоҳир шуд, тасмим гирифтанд, ки барои дур кардани овозаи мардум ӯро муддати номаълуме зиндонӣ кунанд." (35)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Расидани хабар ба занҳои шаҳр, макри онҳо ба Юсуф алайҳиссалом ва қарор ба зиндонӣ кардани ӯ.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки хабар дар шаҳр паҳн шуд ва занон аз рӯи нописандӣ ва танқиди зани азизи Миср гуфтанд: "Чигуна ин зан бо ин мақом ва шарафаш бо ғуломи хеш муровада (иртибот) барқарор намуда ва ба шавҳараш хиёнат мекунад? Бегумон ӯ ин корро анҷом додааст, баъд аз он ки ишқи Юсуф дар қалбаш ворид шуда ва тамоми вуҷудашро фаро гирифтааст. Бо ин васф мо ӯро бар ин кори зишташ зани хатокор ва бадном медонем." Вақте зани азиз огоҳ шуд, ки занони шаҳр ба ғайбати ӯ машғуланд ва дар пахш ва нашри моҷарои ӯ ва Юсуф ба найранг мутавассил мешаванд, онҳоро ба дидори хеш дар қаср фаро хонд ва барояшон болиштҳо омода кард то бар онҳо такя зананд. Баъдан барояшон меваҳое ҳозир намуд ва ба дасти ҳар зане корде дод то меваҳоро пӯст бикунанд. Сипас ба Юсуф дастур дод то ба таври ногаҳонӣ ба назди занон дохил шавад. Вақте занон ҳусн ва зебогии ӯро диданд, мадҳуш шуданд ва аз шиддати мадҳушӣ дастҳои худро буриданд ва аз рӯи тааҷҷуб, ҳайрат ва саросемагӣ гуфтанд: "Паноҳ бар Аллоҳ! Қасам ба Аллоҳ, ки ӯ аз ҷинси башар нест, зеро мо

ҳаргиз ҳаммонандашро надидаем! Ба ростӣ зебоияш бовар накарданӣ аст ва ин ҷавон ҷуз аз фариштагони шариф ва покиза чизи дигаре нест."

Ҳамсари азиз баъд аз он ки даҳшати занонро дид, гуфт: "Бале! Ин ҳамон ҷавон аст, ки ақли манро бурда ва диламро фидои хеш сохтааст, ки акнун бар шумо низ ҳамин асарро гузошт. Пас баъд аз имрӯз дигар бар ман сарзанише нест. Бале, ман сароҳатан мегӯям, ки аз ӯ хостам то бо ман робита дошта бошад, лекин ӯ рад кард ва бар хоҳиши ман мувофиқати накард. Яқинан бо сабаби нахостанаш зиндонияш хоҳам кард ва аз он ки бар хоҳиши ман мувофиқатӣ накунад, ӯро хор ва беарзиш хоҳам сохт."

Юсуф паноҳҷуён бо Парвардигори худ чунин гуфт: "Парвардигоро, зиндон аз анҷом додани ин фаҳшо, ки маро ба он мехонанд, дӯстдоштатар ва бар ман осонтар аст. Агар маро барои саркӯб ва ғолиб омадан бар нафсам кумак накунӣ ва аз ресмонҳои найранги занон бозам надорӣ, пас дар фитнаи онҳо хоҳам афтод ва муртакиби амалҳои ҳаром гашта, аз ҷумлаи ҷоҳилон мешавам."

Аллоҳ таъоло ба хотири ихлос ва садоқати Юсуф даъваташро иҷобат кард ва ӯро аз фитнаи зани азизи Миср ва занони мудҳиш нигаҳ дошт. Зеро Аллоҳ дуъои даъватгарро шунида ва ростиро аз дурӯғ мешиносад, Ӯ зотест шунавандаи садоҳо ва донандаи ниятҳо ва аъмол.

Онгоҳ пас аз дидани нишонаҳои покдоманӣ ва ростии Юсуф, азиз ва ёронаш ба хотири пӯшондани бадномии худ ва баъд аз машварат бо ҳам, чунин тасмим гирифтанд, ки Юсуфро то муддати номуайяне зиндонӣ кунанд.

***Огоҳӣ:*** *„Савганд ба Аллоҳ, ки ин як фитнаи бузурге буд, ки бар Юсуф алайҳиссалом рух дод, чаро ки зани зебо дар қасри зебо, дар мансаби олӣ ва дар мол мумтоз, аз ӯ исрор мекард то бо ӯ иртибот*

*пайдо кунад. Сипас таҳдидҳои сахт ва ҳушдорҳои муҳкам низ ба ӯ содир мешаванд дар ҳоле, ки Юсуф ғуломи заиф ва инсони ғарибе буд, аммо бо ин вуҷуд, ӯ ба Аллоҳ паноҳ мебарад ва Аллоҳи меҳрубонаш ҳам ӯро дар паноҳ ва инояти хеш нигоҳ медорад, ки ин чи манзалати боло ва саодатмандии бузургест.*“ (Тафсири Муяссар, зери ҳамин оят.)

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ин хабар дар шаҳр паҳн шуд ва гурӯҳе аз занон гуфтанд: "Зани азизи Миср хостааст, ки ходими худро бифиребад ва ба худ хонад, ки албатта муҳаббат ва ишқи ин ҷавон дар қалби он зан нуфуз кардааст. Мо ба таҳқиқ он занро дар гумроҳии ошкоро мебинем." (30)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят ҳазар кунондааст инсонро аз муҳаббате, ки эҳтимолан ӯро ба зарар ва ба корҳои ҳаром водор мекунад, чуноне ки зани азизи Мисрро водор ба анҷоми он кард.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Вақте зани азизи Миср макру ҳила ва суханони бади онҳоро шунид, пас наздашон нафар фиристонд ва меҳмоние брояшон тартиб дод. Дар меҳмониаш барои пӯст кардани мева ба ҳар зане корде доду гуфт: "Берун ой Юсуф, то меҳмонҳо туро бубинанд." Вақте занҳо Юсуфро диданд, бузургаш шумурданд ва аз ҳусну ҷамоли ӯ дасти хеш бурида ва гуфтанд: "Пок аст Аллоҳ, ин одамизод нест, балки ин фариштае бузургвор аст!"" (31)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Овоза ва паҳн шудани хабар дар шаҳр ишора ба он аст, ки занони шаҳр вақте дар бораи моҷаро сухан мекарданд ва хабарро пахш мекарданд, мақсадашон танҳо сарзаниши зани азизи Миср набуд, балки дидани

Юсуф алайҳиссалом низ буд, бар асоси ҳамин ин суханонашон макру ҳила зикр шудааст.

- Дар ояти зикршуда, ки баъзе занони шаҳр нисбат ба зани азизи Миср макру ҳилаҳоро раво диданд, нишона ва ишораҳои зеринро метавон ҳамчун "макр" зикр кард:

а) Занон истилоҳи "зани азизи Миср" - ро истифода карданд, яъне номи ӯро нагирифтанд, балки ба сифати зани шавҳардор ӯро зикр карданд, ки албатта анҷом додани амали фаҳшо аз зани шавҳардор бадтар аст нисбат ба зани бешавҳар.

б) Зане, ки мехост бо Юсуф алайҳиссалом иртибот барқарор бикунад, шавҳараш азиз, раис ва яке аз сардорони Миср буд, ки анҷоми ин амал барои зане, ки соҳиби чунин манзилат ва мақом аст, хеле бад ва нанговар аст.

в) Зани азизи Миср анҷоми амали фаҳшоро бо як ғулом ва барда хостааст, на бо шахси озод.

г) Зани азизи Миср худ Юсуф алайҳиссаломро хоста ва талаб кардааст, на Юсуф алайҳиссалом ӯро, ки ин низ обрӯ ва мақоми ин занро боз ҳам пасттар мекунад.

д) Муҳаббат ва ишқи ғулом бар ақл ва қалби зан ғолиб омада, ба гумроҳӣ ва ба ин хатои бад водораш кардааст.

- Машрӯъияти (дуруст будани) истифодаи лафзи "Субҳоналлоҳ" дар ҳолатҳои тааҷҷуб кардан ва инкор кардани чизе, зеро вақте занҳои шаҳр зебоии Юсуф алайҳиссаломро диданд, "Субҳоналлоҳ" гуфтанд.

- Ин оят аз яке далелҳоест, ки малоикаҳо аз инсонҳо ҳам зеботар мебошанд, зеро ҳангоме ки занҳо Юсуф алайҳиссаломро диданд, гуфтанд: **"Пок аст Аллоҳ, ин одамизод нест, балки ин фариштае бузургвор аст."**

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Зани азизи Миср гуфт: "Ин ҳамон ҷавон аст, ки маро ба хотири дӯст доштани ӯ маломат мекардед. Ҳамоно ман ӯро ба худ хондаам, аммо ӯ худро пок нигоҳ дошт. Агар ончи фармонаш медиҳам накунад, пас ба зиндон хоҳад афтод ва хор хоҳад шуд." Пас Юсуф бар худ зиндонро ихтиёр кард." (32)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Меҳмондори кардани занҳои шаҳр ба хотири он буд, ки зани азизи Миср худро аз маломат ва сарзаниши онҳо дар амон нигоҳ дорад, ба ҳамин хотир гуфт ин ҳамон ҷавоне аст, ки шумо маро ба хотири ӯ сарзаниш кардаед ва ба кори худ иқрор шуд ва Юсуф алайҳиссаломро ба покӣ ёд кард.

- Юсуф алайҳиссаломро таҳдид ба зиндон ва хорӣ карданд, то хостаи зани азизро амалӣ намояд, аммо Юсуф алайҳиссалом рӯй ба Аллоҳ карда аз макри онон паноҳ хост ва ин далолат ба он мекунад, ки на танҳо зани азизи Миср ӯро макру ҳила мекард, балки занони дигар низ ба Юсуф алайҳиссалом ишора мекарданд, ки аз бонуи хеш итоат кунад.

- Ба Юсуф алайҳиссалом байни фитнаи дин (маҳбас) ва фитнаи дунё (амали фаҳшо) ихтиёри интихоб дода шуд, локин Юсуф маҳбасро ихтиёр кард, зеро солим мондани дин ва иффати инсон болотар аз саломат мондани дунёи ӯст.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф паноҳҷӯёна аз шарри занон гуфт: "Эй Парвардигори ман, барои ман зиндон нисбат ба ончи ки маро ба он мехонанд, дӯстдоштатар аст ва агар макри ин занонро аз ман дур нагардонӣ, ба онҳо майл мекунам ва аз ҷумлаи нодонон мегардам."" (33)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Юсуф алайҳиссалом дар инҷо зиндон ва азоби дунявиро бар лаззати омодае, ки муҷиби азоби сахт дар охират мешавад, бартар донист, ки ин худ дарси ибрат барои ҳар як шахси мӯъмин мебошад.
- Сухани Юсуф алайҳиссалом, ки фармуд: **"Барои ман зиндон дӯстдоштатар аст."** аз боби бартарӣ ва афзалияти яке аз он нест, зеро Юсуф ба ҳеҷ ваҷҳ ба оне, ки даъват мешуд дӯст намедошт, локин аз боби ду шарре, ки маҷбур бар анҷоми яке аз он ду буд, Юсуф онеро ихтиёр кард, ки шар ва бадияш камтар буд.
- Аз ҳамин ихтиёри Юсуф алайҳиссалом, қоидаи муътабаре дар шариат гирифта шудааст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ва маҷбур будан ба анҷоми он, бояд ё ихтиёри камтари зарар ё ихтиёри камтари бадӣ интихоб карда шавад.
- Табиати инсонӣ дар асл заиф ва нотавон аст, хусусан дар баробари сабр кардан бар гуноҳ. Бар ҳамин асос бояд инсон дар ҳолатҳое, ки эҳтимолан ба гуноҳ воқеъ мешавад, аз Аллоҳ таъоло талаби кумак, талаби собит нигаҳ доштани дил бар дину имон бикунад ва талаб бикунад то Аллоҳ таъоло дили ӯро бар тоати хеш собитқадам нигоҳ бидорад, ки ин амал яке аз беҳтарин ибодатҳо ба шумор меравад.
- Ҷаҳл ва нодонии ҳақиқӣ он аст, ки инсонро ба нофармонии Аллоҳ таъоло бубарад ва лаззати ночизу андаки дунёро бар лаззати комилу доимии қиёмат тарҷиҳ бидиҳад. Бар асоси ҳамин дуъои Юсуф алайҳиссалом, дар шариъат ҳар касе нофармонии Аллоҳро бикунад ҷоҳил ва нодон гуфта мешавад, зеро илми ҳақиқӣ он аст, ки нодониро аз шахс дур бикунад ва боиси анҷоми амали солеҳ бишавад. Дар ин замина, ҳар нафаре, ки нофармонии Аллоҳ таъолоро бикунад, гарчанде, ки аз аҳли илм ҳам бошад, бо сабаби амал накардан ба илмаш, ба ӯ ҷоҳил ва нодон гуфта мешавад.

- Дар ин оят далел аст, ки илм ва ақал инсонро ба хубиҳо даъват ва аз бадиҳо манъ мекунанд, аммо ҷаҳл ва нодонӣ бошад инсонро ба бадӣ ва хоҳишоти нафсонӣ мебарад. Бар асоси ин дар шариъат ворид шудааст, ки бандаи мӯъмин бояд ҳамеша аз Аллоҳ талаби илми манфиатовар бикунад ва аз ҷаҳл ва нодонӣ ба Аллоҳ паноҳ бубарад.

- Ишора ба он аст, ки илми саҳеҳ ва ақли солим, инсонро водор месозад то ӯ хубтарро аз хуб ва лаззати доимиро аз лаззати муваққатӣ бартарӣ бидиҳад ва беҳтаринро ихтиёр намояд, аммо ҷаҳл ва нодонӣ инсонро аз воқеъият ва ҳақиқат дур месозад.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Пас Парвардигораш дуъояшро иҷобат кард ва макри занонро аз ӯ дур кард. Албатта Аллоҳ ба дуъои Юсуф ва дуъои ҳар як дуъокунанда шунаво ва доност (ва ба ончи ки Юсуф ва ҳамаи бандагонаш ба он эҳтиёҷ доранд ва барояшон шоиста аст, доност!)" (34)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки зиндон яке аз мадрасаҳои анбиё ва солеҳин мебошад.

- Исботи ду номи зебои Аллоҳ таъоло:

а) Ас-Самиъ (бениҳоят шунаво).

б) Ал-Алим (бениҳоят доно).

Бо ин ду ном ғолибан дар ҳолатҳои дуъо намудан ба Аллоҳ таъоло, васила карда мешавад.

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Вақте нишонаҳои покии ӯ бар азиз ва бар ҷамоаташ зоҳир шуд, тасмим гирифтанд, ки барои дур**

**кардани овозаи мардум ӯро муддати номаълуме зиндонӣ кунанд."** **(35)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Зиндони ҳақиқӣ, зиндони қалбист, зеро дар таҷрибаҳо мушоҳида карда мешавад, ки шахсони озоде ҳастанд, ки ба худкушӣ даст мезананд, аммо зиндониҳое низ ҳастанд, ки аз зиндони будани худ хушҳол ва хандонанд.
- Ҳар вақто инсони бо ақлу хирад зиндонӣ шавад, бештар ба неъматҳое аз қабили ҳикмат, ақл ва сиёсат аҳамият қоил мешавад ва фаҳми дақиқ ва дурустро ба даст меоварад, ки Юсуф алайҳиссалом низ дар зиндон ба ин неъматҳо мушарраф шуд.
- Вақте нишонаҳо ва далелҳоеро бар покдомании Юсуф алайҳиссалом диданд, ба хулосае расиданд, ки ӯро то муддате зиндонӣ кунанд, то хабари пахшшуда ба фаромӯшӣ равад, зеро вақте хабаре пахш шавад ва асбоб ва авомили он вуҷуд дошта бошанд, пас он хабар ҳамвора шоеъ ва паҳн мегардад. Аз ин сабаб онҳо салоҳро дар он диданд, ки Юсуф алайҳиссаломро зиндонӣ кунанд ва бино бар тасмими худ ӯро ба зиндон фиристоданд.
- Зиндонӣ кардани шахс, бе баёни муддати ҳукм як навъ зулм аст, аммо зиндони кардани мазлум зулм болои зулм аст.

***Огоҳӣ:*** Имтиҳони Юсуф алайҳиссалом дар фитнаи занон хело имтиҳони душвор буд ва ҳамчунин дорои имконоте буд, ки сабр кардан дар ингуна шароит барои ҳар касе муяссар намегардад, магар касеро, ки Аллоҳ таъоло ӯро сабр дода бошад ва бар ӯ раҳм карда бошад. Аз ҷумаи имконоти зикршуда инҳо мебошанд:

- Хилқати табиие, ки Аллоҳ таъоло барои мардон офаридааст, ки он ҳам майл намудани онҳо бар занон мебошад.

- Юсуф алайҳиссалом ҷавоне буд, ки ба ҳадди камол расида буд ва шаҳвати ҷавон низ хело қавӣ аст.
- Юсуф алайҳиссалом ҷавони комил ва муҷаррад буд, ки ҷавони муҷаррад шиддати майл ва шаҳваташ аз ҷавони оиладор бештар аст.
- Зани азизи Миср зани оддӣ набуд, балки зане буд, ки зебо, соҳиби мансаб, насаб ва соҳиби мол, ки ин гуна авсоф бо худ як навъ ҷалби хосе доранд.
- Зани азизи Миср сайид ва сардораш буд ва ӯро таҳдид ба зиндон ва пастӣ мекард, ки ин худ метавонист боиси воқеъ шудани гуноҳ бошад.
- Зан худро омода карда, дарҳоро баста ва Юсуф алайҳиссаломро даъват ба амали фаҳшо кард, ки ин як омодагии комил барои анҷоми амали фаҳшо мебошад.

## Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло

*Дар ин қисмат номҳои зерини Аллоҳи муттаъол зикр мешаванд: "Ар-Раб" ва "ас-Самиъу".*

1. Имон ва тасдиқ кардан бар ин ки "Раб" яке аз номҳои Аллоҳ таъолост, ки дар ояти 33 зикр шудааст.
2. Исботи сифати рубубият аз номи "Раб".
3. Маъно ва далолати он ном ва сифати Аллоҳи муттаъол: Парвардигорест, ки халқашро бо неъматҳояш парвариш медиҳад, онҳоро оҳиста-оҳиста рушд медиҳад ва Ӯст, ки дӯстонашро бо ончи, ки дилҳояшонро ислоҳ кунад, тарбия мекунад. Ӯ холиқ, малик, сайид, офаридгор ва идоракунанда аст ва ҳамаи халқашро бо неъматҳояш тарбия мекунад. Истифодаи номи "Раб" барои ғайри Аллоҳ таъоло ҷоиз намебошад, магар дар ҳолате, ки исме ё чизе ба ин ном илова карда

шавад. Масалан, раббул-усрати (соҳиби оила) ё раббул байт (соҳиби хона) ва монанди инҳо.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба он.

- Дуъои ҳамду сано ва ибодат. Монанди "Ё Парвардигори бузург, ё Парвардигори кариму қодир" ва амсоли ин.

- Дуъои талабу пурсиш: Монанди "Ё Парвардигор маро раҳмат бикун ё Парвардигоро маро бибахш" ва амсоли ин. Зеро аксари дуъоҳои воридшуда аз анбиё алайҳимуссалом бо Раббано шурӯъ шудаанд.

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "ар-Раб". Манзур ин аст, ки вақте банда умури 5-гонаро донист ва аз худ кард, дар банда бояд нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Ҳикмати тавҳиди рубубиятро аз худ кардан ва ба он амал кардан: Фармудаи Ӯ таъоло: **“Оё пиндоштаед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва ба сӯи Мо бозгардонида намешавед?”** (Мӯъминон, 115)

- Таваккули комил ба Парвардигор кардан, чун медонад ҳамаи умури дунё дар дасти Ӯ таъолост. Аллоҳ фармудааст: **“Бигӯ: "Агар медонед, бигӯед фармонравоии ҳама чиз ба дасти кист ва кист, ки наҷот медиҳад ва касе дар баробари азоби ӯ наҷот надорад? "Хоҳанд гуфт: "Фармонравоии ҳама чиз аз они Аллоҳ таъолост." Бигӯ: "Пас чӣ гуна фиреб мехӯред [ва намеандешед]?"** (Мӯъминон, 88-89).

- Лаззат ва таъми имонро чашида ва ба амрҳо ва манъкардаҳои илоҳӣ розӣ мешавад, зеро медонад, ки ҳамаи корҳо аз ҷониби Парвардигори якто буда ва ба хости Ӯ анҷом мегиранд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Касе, ки розӣ бошад бар ин ки Аллоҳ Парвардигораш аст, Ислом дин ва ойинаш аст ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам Расулаш аст, лаззат ва таъми ҳақиқати имондориро мечашад."*** (Саҳеҳи Муслим, 34)

- Ҳамчунин аз нишонаҳои амал кардан ба номи "ар-Раб", бузургдошт ва таъзими ин ном ва хондани Аллоҳ ба василаи ин ном мебошад. Дар Қуръон номи "ар-Раб" 900-бор омадааст.

2. Дар ояти 34 исботи ду номи зебои Аллоҳ таъоло зикршудаанд:
- Ас-Самиъ, яъне бениҳоят шунаво.
- Ал-Алим, яъне бениҳоят доно (шарҳи ин ном дар ояти 6 зикр карда шуд).

Бо ин ду ном ғолибан дар ҳолатҳои дуъо намудан ба Аллоҳ таъоло, васила карда мешавад.

1. Исботи номи ас-Самиъ барои Аллоҳ таъоло. Ин номи зебои Аллоҳ дар Қуръон 45-маротиба омадааст.
2. Исботи сифати ас-Самъу (السمع) (бениҳоят шунаванда) аз номи "ас-Самиъу".
3. Маънои он: Зоте, ки шунавоии Ӯ ҳамаи сир ва суҳбатҳои пинҳониро фаро гирифтааст, зоте ки гуфтори бандагонашро ва ба он чизе, ки халқаш ҳарф мезананд, мешунавад. Пас бар Ӯ чизе пӯшида намемонад ва Ӯ шунавоест, ки суолкунандагонро иҷобат мекунад. Албатта шунаво будани Аллоҳ таъоло ду маъноро дар бар мегирад:
- Ҳамаи садоҳоро мешунавад ва дарк мекунад, чи садоҳои паст бошанд ва чи баланд ва чи садоҳои наздик бошанд ва чи дур.
- Ба маънои қабул кардан аст, яъне иҷобат ва қабул мекунад дуъои дуъокунандаро, ки фармудаи Аллоҳ таъолост дар ин замина: **"Албатта Парвардигори ман қабулкунандаи дуъоҳост."** (Иброҳим, 39) Аллоҳ таъоло дар инҷо хабар дод, ки вақте Юсуф алайҳиссалом дуъо кард, Аллоҳ дуъои ӯро қабул ва пазируфт, чун зоте аст, ки шунаванда ва қабулкунандаи дуъоҳост. Монанди ин ки шахси намозгузор мегӯяд:

***"Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ"***, яъне Аллоҳ барои касе, ки Ӯро ҳамду ситоиш кард, иҷобат намуд. Дар инҷо манзур танҳо шунидан нест, балки шунидан, иҷобат ва қабул кардан аст.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи ас-Самиъу. Аз Абумусои Ашъарӣ разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки гуфт: ***"Ҳамроҳи Паёмбар алайҳиссалом дар сафар будем ва ҳангоме ки ба баландӣ мебаромадем, бо садои баланд "Аллоҳу акбар" мегуфтем, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: "Бар нафсҳои худ осониро бигиред, зеро шумо кар ё ғоиберо намехонед, балки зоти бисёр шунаво ва бино ва наздикеро садо ва фаро мехонед.""*** (Бухорӣ, 6348) Дар ин сухан, ки фармуданд: ***"Бар нафсҳои худ осониро бигиред..."***, яъне бо баланд кардани садоҳо бар худатон сахтӣ ва мушкилиро нагиред ва худро азият надиҳед, чун ниёзе ба ин кор нест. Зоте, ки Ӯро бузург мешуморед, бисёр шунаво ва биност ва садоҳои оҳиста ва пастро монанди садоҳои баланд ва ошкор мешунавад.

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "ас-Самиъ". Вақте банда умури 5-гонаро донист ва аз худ кард, дар банда бояд нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Имон ва боварии банда бояд бар ин бештар бишавад, ки Парвардигораш шунавост, ки ин барои банда сабаб мешавад то ӯ забон ва сухани худро ҳифз кунад.
- Пойдор будан бар зикр ва шукри илоҳӣ, яъне банда муноҷот ва дуъояш аз Аллоҳ таъоло бештар мешавад.
- Бо ин номи зебо ба Аллоҳ таъоло тавассул мекунад, то ба умедҳо ва орзуҳои худ бирасад, чуноне ки Иброҳим ва Исмоил алайҳимуссалом анҷом доданд: **"Парвардигоро! Аз мо қабул кун, албатта ту шунавои доно ҳастӣ."** (Бақара, 127)

## Ояти 36 то 42

وَدَخَلَ مَعَهُ ٱلسِّجْنَ فَتَيَانِۖ قَالَ أَحَدُهُمَآ إِنِّيٓ أَرَىٰنِيٓ أَعْصِرُ خَمْرًاۖ وَقَالَ ٱلْـَٔاخَرُ إِنِّيٓ أَرَىٰنِيٓ أَحْمِلُ فَوْقَ
رَأْسِي خُبْزًا تَأْكُلُ ٱلطَّيْرُ مِنْهُۖ نَبِّئْنَا بِتَأْوِيلِهِۦٓۖ إِنَّا نَرَىٰكَ مِنَ ٱلْمُحْسِنِينَ ٣٦ قَالَ لَا يَأْتِيكُمَا طَعَامٌ
تُرْزَقَانِهِۦٓ إِلَّا نَبَّأْتُكُمَا بِتَأْوِيلِهِۦ قَبْلَ أَن يَأْتِيَكُمَاۚ ذَٰلِكُمَا مِمَّا عَلَّمَنِي رَبِّيٓۚ إِنِّي تَرَكْتُ مِلَّةَ قَوْمٖ لَّا يُؤْمِنُونَ
بِٱللَّهِ وَهُم بِٱلْـَٔاخِرَةِ هُمْ كَٰفِرُونَ ٣٧ وَٱتَّبَعْتُ مِلَّةَ ءَابَآءِيٓ إِبْرَٰهِيمَ وَإِسْحَٰقَ وَيَعْقُوبَۚ مَا كَانَ لَنَآ
أَن نُّشْرِكَ بِٱللَّهِ مِن شَيْءٖۚ ذَٰلِكَ مِن فَضْلِ ٱللَّهِ عَلَيْنَا وَعَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَشْكُرُونَ ٣٨
يَٰصَٰحِبَيِ ٱلسِّجْنِ ءَأَرْبَابٞ مُّتَفَرِّقُونَ خَيْرٌ أَمِ ٱللَّهُ ٱلْوَٰحِدُ ٱلْقَهَّارُ ٣٩ مَا تَعْبُدُونَ مِن دُونِهِۦٓ إِلَّآ أَسْمَآءٗ
سَمَّيْتُمُوهَآ أَنتُمْ وَءَابَآؤُكُم مَّآ أَنزَلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلْطَٰنٍۚ إِنِ ٱلْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِۚ أَمَرَ أَلَّا تَعْبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُۚ
ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلْقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ ٤٠ يَٰصَٰحِبَيِ ٱلسِّجْنِ أَمَّآ أَحَدُكُمَا فَيَسْقِي رَبَّهُۥ خَمْرٗاۖ
وَأَمَّا ٱلْـَٔاخَرُ فَيُصْلَبُ فَتَأْكُلُ ٱلطَّيْرُ مِن رَّأْسِهِۦۚ قُضِيَ ٱلْأَمْرُ ٱلَّذِي فِيهِ تَسْتَفْتِيَانِ ٤١ وَقَالَ لِلَّذِي ظَنَّ
أَنَّهُۥ نَاجٖ مِّنْهُمَا ٱذْكُرْنِي عِندَ رَبِّكَ فَأَنسَىٰهُ ٱلشَّيْطَٰنُ ذِكْرَ رَبِّهِۦ فَلَبِثَ فِي ٱلسِّجْنِ بِضْعَ سِنِينَ ٤٢

**"Ду ҷавон низ бо ӯ ба зиндон афтоданд. Яке аз он ду ҷавон гуфт: "Дар хоб дидам, ки ангур мефишорам то шароб омода бишавад." Дигаре гуфт: "Дар хоб дидам, ки нонро болои сарам мебарам ва паррандагон аз он мехӯранд." Моро аз таъбири ин хобҳо огоҳ кун, ки ҳамоно мо туро мебинем ибодати Аллоҳро ба хубӣ анҷом медиҳӣ ва бо мардум некӯкорӣ мекунӣ." (36) "Юсуф гуфт: "Пеш аз он ки ғизоятон ба шумо бирасад, шуморо аз таъбири хобатон, аз чигунагии таъом ва аз чи чиз омода шудани таъом низ огоҳ хоҳам сохт. Ин таъбири хоб ва огоҳие, ки аз таъом ба шумо мерасонам, аз чизҳое ҳастанд, ки Парвардигорам ба ман омӯхтааст. Ҳамоно ман дини қавмеро, ки ба Аллоҳ имон намеоранд ва мункири охират низ ҳастанд, тарк кардаам. (37) Ман пайрави дини падаронам Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб ҳастам ва моро шоиста нест, ки ҳеҷ чизро шарики Аллоҳ қарор диҳем. Ин яктопарастӣ фазилатест, ки Аллоҳ бар мо ва бар мардуми дигар арзонӣ доштааст, вале бештари мардум аз он ношукрӣ мекунанд. (38) Эй**

**дӯстони зиндонии ман, оё маъбудони пароканда ва гуногун беҳтаранд ё Аллоҳи ягонаи ғолиби пирӯзманд? (39) Шумо аслан ба ҷои Аллоҳ чизҳоеро мепарастед, ки худ ва падаронатон онҳоро номгузорӣ карда ва Аллоҳ ҳеҷ далеле бар ҳақиқати онҳо нозил накардааст. Фармонравоӣ ва ҳукм кардан ҳаққи ягонаи Аллоҳ аст ва Аллоҳ фармон додааст, ки ҷуз Ӯ касе ё чизеро напарастед. Ин ҳамон дини рост ва устувор аст, вале бештари мардум ҳақиқати онро намедонанд."" (40) "Эй ду рафиқи зиндонии ман, таъбири хоби шумо чунин аст: Оне ки дар хобаш ангур мефишорад то шароб омода кунад, барои хоҷаи хеш шароб мерезад ва оне, ки дар хобаш нон бар сар ниҳодааст ва паррандагон аз он мехӯранд, ба дор овехта мешавад ва паррандагон аз майнаи сари ӯ мехӯранд. Коре, ки дар бораи он мепурсед қабул кунед ё накунед, фармони Аллоҳ бар он муайян шудааст." (41) "Юсуф ба яке аз он ду нафаре, ки медонист, наҷот меёбад, гуфт: "Қиссаи маро назди хоҷаи худ бозгӯ кун, ки ман мазлумам ва бегуноҳ ба зиндон афтодаам!" Аммо шайтон қиссаи Юсуфро аз хотири он ҷавон дур кард, то дар пеши мавлояш аз қиссаи ӯ бозгӯ накунад ва дар натиҷа Юсуф чанд сол дар зиндон монд." (42)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Саволи ду ҷавон аз Юсуф алайҳиссалом аз таъбири хоб ва даъвати Юсуф алайҳиссалом онҳоро ба тавҳид.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки ду ҷавон аз ҷавонони хидматгори шоҳ, бо Юсуф зиндонӣ шуданд ва яке аз онҳо дар мавриди хобе, ки дида буд аз Юсуф алайҳиссалом пурсид: "Ман дар хоб дидам, ки барои омода кардани шароб ангур мефишорам." Дуввумӣ гуфт: "Ман дар хоб дидам, ки бар сари худ нон мебарам ва паррандагон аз он мехӯрданд."

Эй Юсуф! Моро аз таъбири хоб хабар бидеҳ, зеро мо туро аз касоне дидаем, ки дар ибодаташон ростгӯ ва дар тоъат некӯкоранд ва бар замми ин камоли хилқат ва хубии рафторат дида мешавад. Юсуф ба онҳо гуфт: "Ман пеш аз он ки таъоме бароятон биёваранд ва онро бихӯред, ба шумо мегӯям, ки чигуна таъом оварда мешавад ва он таъом аз чи чиз омода шудааст. Инҳо аз умуре ҳастанд, ки Парвардигорам дар мавриди таъбири хоб ва фаҳми ҳақиқатҳо ба ман омӯзонидааст, зеро ман ба Аллоҳи якто имон оварда, ибодатро барои Ӯ холисона гардонидаам ва ҳар чизе ғайр аз Аллоҳ таъоло парастида мешавад ба он куфр ва безорӣ кардаам ва аз касоне, ки ба Аллоҳ ва ба рӯзи қиёмат имон надоранд тарк ва безорӣ ҷустаам. Ман дини падаронам Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқубро пайравӣ кардаам, аз ин рӯ танҳо Парвардигорамро якка ва ягона парастиш намуда ва динро барои Ӯ холис гардонидаам. Барои мо сазовор нест, ки чизеро бо Аллоҳ шарик оварем ва ин диндории рост ва устувор, ки тавҳиди Парвардигор ва наёвардани ширк ба Ӯ таъолост, аз фазли илоҳӣ бар мо ва бар мардум аст, вале аксари мардум Аллоҳро бар неъмати ҳидоят ва имон шукр нагузошта ва бештарашон ягонагии Парвардигорро иқрор намекунанд. Юсуф ба ду ҳамзиндонияш гуфт: "Оё парастиши худоёни офаридашуда ва гуногун барои инсон беҳтар аст ё ибодати Аллоҳи яктои ғолиб? Маълум аст, ки ибодати Аллоҳи якто беҳтар аст, зеро Ӯ таъолост, ки ҳам офарида ва ҳам рӯзӣ бахшида аст, пас танҳо Ӯ сазовори парастиш мебошад. Шумо ғайр аз Аллоҳ, танҳо чизҳоеро мепарастед, ки ҳеҷ ҳақиқат ва маъное надоранд, зеро худоёни шумо чизҳои бофтае ҳастанд, ки на фоидае мерасонанд ва на зарареро дур мекунанд. Шумо ва падаронатон ин чизҳои безабон ва ношунаворо ба гумон ва ақидаи худ ба худоӣ гирифтаед ва Аллоҳ барои парастиши онҳо ҳеҷ далел ва ҳуҷҷате нозил накардааст. Пас бидонед, ки ҳукм

кардан дар осмонҳо ва замин ҳаққи хоси Аллоҳ таъоло аст ва Ӯро ягон шарике нест, зеро Ӯ таъоло зотест, ки ба адл ҳукм намуда ва ба ҳақ файсала менамояд (яъне ҳақро аз ботил ҷудо менамояд) ва Ӯ худ фармон додааст, ки ба ҷуз Ӯ таъоло чизи дигаре парастиш карда нашавад. Ин ҳамон дини рост ва устувор аст, ки барои пойдор сохтани он, китобҳо нозил шуда ва Паёмбарон фиристода шудаанд, вале бештари мардум ин ҳақиқатро намедонанд ва аз ин сабаб ибодатро холиси Аллоҳ намесозанд.

Эй ду рафиқи зиндониям, акнун тафсири хобҳои худро бишнавед. Фарди аввалӣ, ки дар хоб дид ангур мефишорад, аз зиндон озод шуда, дар назди подшоҳ соқӣ (шаробдиҳанда) мешавад ва ба ӯ шароб менӯшонад. Аммо фарди дуввум, ки дар хобаш бар рӯи сараш нон ҳамл мекунад, маҳкум ба эъдом шуда ва ба дор овехта мешавад ва паррандагон бар сараш неш мезананд ва аз гӯшташ мехӯранд. Ончи, ки дар мавриди таъбири хоб аз ман пурсидед, ман онро таъбир кардам ва ин амри ниҳоӣ аст.

Дар натиҷа низ оне шуд, ки Юсуф алайҳиссалом таъбир карда буд. Юсуф ба он марде, ки наҷот меёфт ва аз зиндон раҳо мешуд, гуфт: "Маро назди подшоҳ бо авсоф ва достонам ёд кун ва бар ӯ хабар бидеҳ, ки ман бо ситам ва бе ҳеҷ гуноҳе дар зиндон ба сар мебарам, умед аст, ки дастури озодиамро содир кунад. Аммо шайтон ин суханро аз хотири он ҷавон дур кард, ки ин мавзӯъро ба шоҳ ёдовар нашавад ва аз ин сабаб Юсуф чандин сол дар зиндон боқӣ монд.

***Огоҳӣ:*** Бино ба қавле боқӣ мондани Юсуф алайҳиссалом дар зиндон имтиҳоне аз сӯи Аллоҳ барои ӯ буд, зеро ӯ аз ғулом хост то шафоаташро назди подшоҳ бикунад, дар ҳоле ки шоиста он буд то

Юсуф алайҳиссалом танҳо ба боргоҳи Парвардигораш, ки подшоҳи ҳамаи подшоҳон аст, илтиҷо бикунад.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "**Ду ҷавон низ бо ӯ ба зиндон афтоданд. Яке аз он ду ҷавон гуфт: "Дар хоб дидам, ки ангур мефишорам то шароб омода бишавад." Дигаре гуфт: "Дар хоб дидам, ки нонро болои сарам мебарам ва паррандагон аз он мехӯрданд." Моро аз таъбири ин хобҳо огоҳ кун, ки ҳамоно мо туро мебинем ибодати Аллоҳро ба хубӣ анҷом медиҳӣ ва бо мардум некӯкорӣ мекунӣ." (36)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Машрӯъ (дуруст) будани таъбири хоб дар шариъат, албатта барои касоне ки аз илми таъбири хоб огоҳӣ дошта бошанд.

- Ду зиндоние, ки бо Юсуф алайҳиссалом буданд, дар ӯ эҳсон ва хубиро дида ӯро муҳсин шумурданд ва муҳсин дар шариъат ба касе гуфта мешавад, ки бо холиқ ва бо махлуқ бо беҳтарин равиш накӯӣ дошта бошад, яъне Аллоҳ таъолоро хуб ибодат бикунад ва ҳамчунин бо мардум хуб муносибат бикунад.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф гуфт: "Пеш аз он ки ғизоятон ба шумо бирасад, шуморо аз таъбири хобатон, аз чигунагии таъом ва аз чи чиз омода шудани таъом низ огоҳ хоҳам сохт. Ин таъбири хоб ва огоҳие, ки аз таъом ба шумо мерасонам, аз чизҳое ҳастанд, ки Парвардигорам ба ман омӯхтааст. Ҳамоно ман дини қавмеро, ки ба Аллоҳ имон намеоранд ва мункири охират низ ҳастанд, тарк кардаам. (37)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Нисбат додани ҳар илм ба Аллоҳ як навъ ибодат ва як навъ шукронаи Аллоҳ таъолоро баҷо овардан мебошад, чигунае, ки Юсуф алайҳиссалом гуфт: **"Парвардигорам ба ман омӯхтааст..."**

- Аз ин сухани Юсуф алайҳиссалом, ки гуфт: **"Парвардигорам ба ман омӯхтааст..."** ин гуна далел низ гирифта мешавад: Агар нафаре аз илме огоҳӣ дошта бошад ва нисбат ба дигарон дар ҳамон масъала ё мавзӯъе маълумоти бештар дошта бошад, метавонад инро сароҳатан ва ошкор баён кунад, зеро ин амал дар шариъат ҳамчун тазкияи нафс (поккунӣ ё сутудани нафс) дониста намешавад. Зеро ҳар олиме аз баён кардан ва ошкор кардани илмаш манзалат ва мақоми ӯ шинохта мешавад ва бо ин васила метавонад ба мардум ва ба дин хизмати хешро бирасонад.

- Ишора ба яке аз услубҳо ва равишҳои даъват аст, ки пеш аз саволро ҷавоб додан бояд бар чизи муҳимтар даъват карда шавад, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом муқаддимае карда ва ба чандин чизҳои муҳим онҳоро тазаккур дод.

- Далел аст, ки бояд дар даъват аввал аз шинохт ва маърифати Аллоҳ таъоло оғоз кард ва бингар, ки Юсуф алайҳиссалом чигуна даъват ба сӯи тавҳидро дар таъбири хоб ҷой кард, зеро масъалаи даъват ба тавҳид аз бузургтарин масоили даъват ба ҳисоб меравад.

- Баёни рукнҳои имондорӣ дар ин оят: Имон ба Аллоҳ таъоло овардан, холисона Ӯро ибодат кардан, дар шариъат аз Паёмбарон итоат ва пайравӣ кардан ва тарк ва безорӣ кардан аз ширк ва мушрикон.

- Шукрона аз неъматҳои Аллоҳ таъоло намудан, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом гуфт: **"Хубие, ки дар ман мебинед ин як неъмати Аллоҳ аст, ки ба ман додааст."**

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ман пайрави дини падаронам Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб ҳастам ва моро шоиста нест, ки ҳеҷ чизеро шарики Аллоҳ қарор диҳем. Ин яктопарастӣ фазилатест, ки Аллоҳ бар мо ва бар мардуми дигар арзонӣ доштааст, вале бештари мардум аз он ношукрӣ мекунанд. (38)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Воҷиб будани пайравӣ кардан аз миллати Иброҳим алайҳиссалом ва безорӣ кардан аз ширк ва мушрикон.

- Дар гуфтаи Юсуф алайҳиссалом: **"Ин яктопарастӣ фазилатест, ки Аллоҳ бар мо ва бар мардуми дигар арзонӣ доштааст..."** ишора ба он аст, ки мӯъмин шукронаи неъматҳоеро мекунад, ки Аллоҳ ба ӯ арзонӣ додааст ва ҳамчунин шукронаи Аллоҳро мекунад, ки Аллоҳ таъоло бар мардуми дигар неъматҳо додааст. Ҳамчунин воҷиб будани эътироф кардани он неъматҳо бо дил, бо забон баён кардани онҳо ва онҳоро дар розигии Аллоҳ сарф кардан аст. Чуноне ки Юсуф алайҳиссалом баён намуд:

а) Ман тарки қавме кардаам, ки на ба Аллоҳ ва на ба рӯзи қиёмат бовар доштанд.

б) Ман пайрави Паёмбарони гузашта ҳастам.

в) Муваҳҳид ва мусалмон будан як фазилати Аллоҳ таъолост, ки аксари мардум шукронаи онро баҷо намеоранд.

- Мо бояд тарки ширки Аллоҳ таъолоро бикунем, ки ин худ даъват ба сӯи тавҳид мебошад.

- Истилоҳи "бобо" ҳамчун падар низ номида мешавад, аз ин ҷиҳат Юсуф алайҳиссалом Иброҳим ва Исҳоқро падар номид.

- Юсуф алайҳиссалом бо истифода аз фурсат, пеш аз пардохтан ба таъбири хоб масъалаи имон ба Аллоҳро барояшон фаҳмонд ва онҳоро

ба сӯи ҳақиқати тавҳид фаро хонд, зеро мавзӯъи тавҳид бузург ва муҳимтар аз ҳар амри дигар аст.

- Юсуф алайҳиссалом даъвати тавҳидро муфассал шарҳ дод, зеро масъалаи тавҳид бузургтарин асл ва асос дар зиндагии банда мебошад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "**Эй дӯстони зиндонии ман, оё маъбудони пароканда ва гуногун беҳтаранд ё Аллоҳи ягонаи ғолиби пирӯзманд? (39)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар ин оят **"Оё маъбудони пароканда беҳтаранд..."** далел аст, ки мардуми Миср қаблан бар дини осмоние будаанд, аммо баъдан дини худро иваз карда бар ширк гаравидаанд.

- Ҳукми ҳақ ва рост танҳо ҳукми Аллоҳи яктои ғолиб аст, ки ин худ баёни тавҳиди рубубият мебошад.

- Исботи ду номи зебои Аллоҳ таъоло:

а) Ал-Воҳид (Зоте, ки якка ва ягона аст.)

б) Ал-Қаҳҳор (Зоте, ки доим пирӯз ва ғолиб аст.)

- Ҳазрати Юсуф алайҳиссалом дар инҷо барои ботил ва дурӯғ будани ибодати ғайри Аллоҳ таъоло мисол овард.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Шумо аслан ба ҷои Аллоҳ чизҳоеро мепарастед, ки худ ва падаронатон онҳоро номгузорӣ карда ва Аллоҳ хеҷ далеле бар ҳақиқати онҳо нозил накардааст. Фармонравоӣ ва ҳукм кардан ҳаққи ягонаи Аллоҳ аст ва Аллоҳ фармон додааст, ки ҷуз Ӯ касе ё чизеро напарастед. Ин ҳамон дини рост ва устувор аст, вале бештари мардум ҳақиқати онро намедонанд." (40)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Мо бояд Аллоҳ таъолоро яккаву ягона ибодат кунем, ки ин тавҳиди улуҳият мебошад.
- Ҳукм содир кардан ва фармонравоӣ ҳаққи хоси Аллоҳ таъолост, Ӯст, ки фармон медиҳад, манъ мекунад, қонунро мегузорад ва аҳкомро мефиристад ва Ӯст, ки фармон баровардааст, ки танҳо бояд Ӯ таъоло танҳо ибодат карда шавад, ки ҳақиқати дини Ислом ҳамин аст.
- Ибодат бояд бар асоси далел ва ҳуҷҷати саҳеҳ бошад, на бар асоси хаёл ва гумони гузаштагон.
- Ин оят ишора ба ин мекунад, ки аксари мардум ҳақиқати дини Исломро намедонанд, хусусан масоили тавҳидро, ки Юсуф алайҳиссалом дар инҷо робита бо ин масъала ишорае карда ва даъват мекунад.
- Хабари Аллоҳ далолат бар он мекунад, ки фарқ байни парастиши Аллоҳи ягонае, ки шарике надорад ва парастиши бутҳо ва сангону дарахтон ва солеҳон бисёр ошкор ва равшан аст, аммо аз онҷое, ки аксари мардум инро намедонанд, ширк меварзанд ва ба ин гуноҳи нобахшиданӣ даст мезананд.

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Эй ду рафиқи зиндонии ман, таъбири хоби шумо чунин аст: "Оне ки дар хобаш ангур мефишорад то шароб омода кунад, барои хоҷаи хеш шароб мерезад ва оне, ки дар хобаш нон бар сар ниҳодааст ва паррандагон аз он мехӯранд, ба дор овехта мешавад ва паррандагон аз майнаи сари ӯ мехӯранд. Коре, ки дар бораи он мепурсед қабул кунед ё накунед, фармони Аллоҳ бар он муайян шудааст." (41)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Юсуф алайҳиссалом баъд аз даъвати он ду ҳамзиндонии худ, шурӯъ ба таъбири хоби онҳо карда, нонро ба гӯшти сари ӯ таъбир кард ва хабар дод, ки гуронда намешавӣ ва аз паррандагон наҷот нахоҳӣ ёфт ва таъкид кард, ки ин таъбири хоб ҳатман иҷро мешавад, ки дар ҳақиқат иҷро шуд.

7. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф ба яке аз он ду нафаре, ки медонист, наҷот меёбад, гуфт: "Қиссаи маро назди хоҷаи худ бозгӯ кун, ки ман мазлумам ва бегуноҳ ба зиндон афтодаам!" Аммо шайтон қиссаи Юсуфро аз хотири он ҷавон дур кард, то дар пеши мавлояш аз қиссаи ӯ бозгӯ накунад ва дар натиҷа Юсуф чанд сол дар зиндон монд." (42)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Юсуф алайҳиссалом ба дӯсте, ки наҷот меёфт гуфт: **"Маро дар назди сайидат ёд бикун, ки шояд дилаш ба ҳоли мо бисӯзад то ин ки озодамон кунад."** Аммо шайтон аз зеҳни он ҷавон Аллоҳ ва он чизеро, ки ӯро ба Аллоҳ наздик мекард ба фаромӯшӣ бурд ва яке аз он некиҳое, ки ӯро ба Аллоҳ наздик мекард зикри Юсуф алайҳиссалом буд ва ба сабаби ин фаромӯшӣ Юсуф алайҳиссалом чандин соли дигар дар зиндон боқӣ монд.

- Калимаи **"бизъ" (بضع)** дар луғати араб шомили аз 7 то 9-солро дар бар мегирад ва бинобар ин гуфта шудааст, ки Юсуф алайҳиссалом 7-сол дар зиндон монд, гарчанде, ки олимон дар робита бо чанд сол зиндонӣ будани ҳазрати Юсуф алайҳиссалом ихтилофи назар доранд.

- Дар талаби Юсуф алайҳиссалом аз дӯсти зиндонияш, ки гуфт: **"Ҳоли маро назди подшоҳ баён бикун..."** далолат бар ҷоиз будани талаб кардан аз махлуқинро мекунад, ки албатта дар чизҳое, ки хоси Аллоҳ таъоло набошанд ва махлуқ ба он қудрат дошта бошад. Ин аз умури оддӣ ва табиист, ки то имрӯз мардум аз якдигар талаби кумак мекунанд.

- Ишора ба он аст, ки фаромӯш кардани кори хайр аз ҷониби шайтон аст.

## Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло

*Дар ин қисмат номҳои зерини Аллоҳи муттаъол зикр мешаванд: "Ал-Воҳид", "ал-Қаҳҳор" ва "ал-Аҳад"*

- Дар ояти 39 исботи 2-номи зебои Аллоҳ таъоло зикр шудааст:
- а) Ал-Воҳид (Зоте, ки якка ва ягона аст.)
- б) Ал-Қаҳҳор (Зоте, ки доим пирӯз ва ғолиб аст.)

1. Исботи номи "ал-Воҳид" барои Аллоҳ таъоло. Номи ал-Воҳид дар Қуръон 22-маротиба омадааст, аммо номи "ал-Аҳад" бошад 1-маротиба зикр шудааст, ки он ҳам дар сураи Ихлос аст. Ин ду ном ғолибан ба як маъно далолат мекунанд, гарчи ҳар яке маънои хоси худро ҳам доранд.
2. Исботи сифати аҳадия (**الأحدية**), яъне зоте, ки якка ва ягона дар зот, дар сифот, дар афъол ва дар ибодаташ мебошад, ки аз номи (**الواحدالأحد**) гирифта шудааст.
3. Маънои ал-Воҳид ва ал-Аҳад: Зоти яктое, ки ҳамеша ягона аст ва ҳамроҳи Ӯ касе намебошад, ки ин далолат мекунад бар ягонагӣ ва беҳамтоӣ дар зот ва дар сифатҳояш, дар амалҳо ва дар парвардигорияш, дар илоҳият ва дар ягонагияш ва зотест, ки шоиста аст танҳо ва холисона барои Ӯ ибодат карда шавад. Бинобар ин зотест, ки шарик ва ҳамтое дар муҳаббат, дар таъзим ва дар ибодат надорад. Зоти ягонае, ки сифатҳояш бисёр баландмартаба ва бузурганд, ба гунае ки ҳар навъ камолеро ба танҳоӣ дорад ва бар тамоми махлуқот номумкин аст, ки чизе аз сифатҳои Ӯро иҳота кунанд ё он сифатҳоро ба куллӣ дарк намоянд, ҳоло чи расад бо монандӣ ба ин зоти бузург. Номи ал-Воҳид дар чандин ҷои Қуръон баён карда шудааст, аз он ҷумла дар услуб ва

равиши исботи тавҳид ва дар ботил будани ширк, чуноне ки дар ҳамин ояти карима низ зикр шудааст.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи "ал-Воҳид" ва "ал-Аҳад". Ин ду номи зебои Аллоҳ таъоло баёнгари ягонагии Аллоҳ дар тамоми камолоти Ӯст, ба гунае ки ҳеҷ шарике надорад ва бар бандагон воҷиб аст, ки бо паймонҳо, бо суханон ва бо аъмолашон танҳо Ӯ таъолоро ибодат кунанд, яъне ба камоли мутлақи Аллоҳ эътироф кунанд, Ӯро ягона дониста ва тамоми намудҳои ибодатро танҳо барои Ӯ таъоло анҷом диҳанд.

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "ал-Воҳид" ва "ал-Аҳад": Ҳангоме ки банда умури 5-гонаро дар боби маърифати Аллоҳ донист ва аз худ кард, бояд дар ӯ нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Ҳаргуна мисл, шарик ва монандиро аз Аллоҳ таъоло рад намудан, зеро Аллоҳ таъоло зотест, ки мисл ва монанде надорад, чуноне ки мефармояд: **"Ҳеҷ кас ҳаммонанд ва ҳамтое Ӯ набуда ва нест."** (Ихлос, 4)

- Баёни ботил будани кайфият ва чигунагӣ барои сифатҳои Аллоҳ таъоло, чун агар инсон бо ақли кӯтоҳи худ талош кунад, ки кайфият ва чигунагии сифатҳои Аллоҳро бишносад, ин навъ шинохт маҳол ва ғайри мумкин аст. Зеро Парвардигор дар доро будани сифатҳо, камол ва азамату бузургӣ, ягона ва беҳамтост ва ҳеҷ кас ва ҳеч чиз шабеҳ ва монанди Ӯ нест, пас чигуна барои ақлҳо имкон дорад, ки аз ҳақиқати сифатҳои Аллоҳ таъоло огоҳ шаванд?! Ба ҳар андозае, ки зеҳни инсон ба камолот фикр кунад, боз ҳам Аллоҳ таъоло аз он фаротар ва болотар аст.

- Исботи тамоми сифатҳои камол, ба гунае, ки Аллоҳ таъоло дорои ҳамаи сифатҳои ҷалол ва ҷамол аст, чун Ӯ танҳо соҳиби камоли

мутлақест, ки ҳеч нақс ва айбе надорад. Фармудаи Аллоҳ таъоло дар ин замина: **"Яқинан бозгашти ҳамаи амрҳо ба сӯи Парвардигори ту аст."** (Наҷм, 42) Яъне соҳиби комилтарин шунавоӣ, биноӣ ва соири сифатҳои камол ва ҷалол аст ва ҳамчунин фармудааст: **"Барои Аллоҳ сифати бартар ва боло аст."** (Наҳл, 60)

- Пок будани Аллоҳ таъоло аз камбудӣ ва айбҳо, чун ин васфҳо ба сифатҳои махлуқин тааллуқ мегиранд, вале зоти ягонаи Аллоҳ дар доро будани камол ва азамату ҷалол, бидуни мисл ва монанд аст ва ба ҳамин сабаб, барои ба покӣ ёд кардани худ аз фарзанд фармудааст: **"Аллоҳ пок ва муназзаҳ аст, зеро Ӯ Аллоҳи яктои ғолиб аст."** (Зумар, 4)

- Воҷиб бар иқрор кардани ягонагии Аллоҳ таъоло, ки Ӯ зотест дар зот, дар сифот ва дар афъол дорои камоли мутлақ ва доштани эътиқод ва бовариии қалбӣ ба ин матлабҳо, ки инро дар шариъат тавҳиди илмӣ меноманд.

- Воҷиб будани якка ва ягона ибодат кардани Аллоҳ таъоло ва холис гардонидани дин барои Ӯ ва ба он асос, ки Ӯ таъоло холиқ, розиқ, неъматдиҳанда ва манъкунанда аст ва гурӯҳеро азиз ва дигареро пасту хор мегардонад, зинда шудан ва мурдан танҳо дар дасти Ӯст, бояд ки танҳо Ӯ таъоло холисона ибодат карда шавад, ки ин фармудаҳоро дар Ислом тавҳиди амалӣ меноманд.

- Посух ва рад ба ботил будани тамоми гурӯҳҳое, ки ширк меварзанд, нақс ва гумони бад нисбат ба Аллоҳ таъоло мекунанд ва ё Аллоҳро монанд ва ташбеҳ ба махлуқот медонанд.

## Ояти 43 то 49

وَقَالَ ٱلْمَلِكُ إِنِّىٓ أَرَىٰ سَبْعَ بَقَرَٰتٍ سِمَانٍ يَأْكُلُهُنَّ سَبْعٌ عِجَافٌ وَسَبْعَ سُنۢبُلَٰتٍ خُضْرٍ وَأُخَرَ يَابِسَٰتٍ
يَٰٓأَيُّهَا ٱلْمَلَأُ أَفْتُونِى فِى رُءْيَٰىَ إِن كُنتُمْ لِلرُّءْيَا تَعْبُرُونَ ٤٣ قَالُوٓا۟ أَضْغَٰثُ أَحْلَٰمٍ ۖ وَمَا نَحْنُ بِتَأْوِيلِ
ٱلْأَحْلَٰمِ بِعَٰلِمِينَ ٤٤ وَقَالَ ٱلَّذِى نَجَا مِنْهُمَا وَٱدَّكَرَ بَعْدَ أُمَّةٍ أَنَا۠ أُنَبِّئُكُم بِتَأْوِيلِهِۦ فَأَرْسِلُونِ ٤٥ يُوسُفُ
أَيُّهَا ٱلصِّدِّيقُ أَفْتِنَا فِى سَبْعِ بَقَرَٰتٍ سِمَانٍ يَأْكُلُهُنَّ سَبْعٌ عِجَافٌ وَسَبْعِ سُنۢبُلَٰتٍ خُضْرٍ وَأُخَرَ يَابِسَٰتٍ
لَّعَلِّىٓ أَرْجِعُ إِلَى ٱلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَعْلَمُونَ ٤٦ قَالَ تَزْرَعُونَ سَبْعَ سِنِينَ دَأَبًا فَمَا حَصَدتُّمْ فَذَرُوهُ فِى
سُنۢبُلِهِۦٓ إِلَّا قَلِيلًا مِّمَّا تَأْكُلُونَ ٤٧ ثُمَّ يَأْتِى مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ سَبْعٌ شِدَادٌ يَأْكُلْنَ مَا قَدَّمْتُمْ لَهُنَّ إِلَّا قَلِيلًا
مِّمَّا تُحْصِنُونَ ٤٨ ثُمَّ يَأْتِى مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ عَامٌ فِيهِ يُغَاثُ ٱلنَّاسُ وَفِيهِ يَعْصِرُونَ ٤٩

"Подшоҳ гуфт: "Дар хоб ҳафт гови фарбеҳро дидам, ки ҳафт гови лоғар онҳоро мехӯранд ва ҳафт хӯшаи сабзро дидам, ки ҳафт хӯшаи хушк онҳоро мехӯранд. Эй пешвоёни халқ, хоби маро таъбир кунед, агар шумо таъбири хобҳоро медонед." (43) "Гуфтанд: "Ин гуна хобҳо аз ҷумлаи хобҳои хаёлиянд ва мо аз таъбири ин гуна хобҳо огоҳӣ надорем." (44) "Яке аз он ду, ки қаблан дар зиндон буд ва наҷот ёфта буд, пас аз муддате хоҳиши Юсуф ба ёдаш омад ва гуфт: "Ман шуморо аз таъбири он хабар медиҳам, пас маро назди Юсуф бифиристед."" (45) "Назди Юсуф рафта гуфт: "Эй Юсуф, эй марди бисёр ростгӯй, барои мо таъбир кун, ки ҳафт гови фарбеҳро ҳафт гови лоғар мехӯранд ва ҳафт хӯшаи сабзро ҳафт хӯшаи хушк низ мехӯранд, то ман назди мардум бозгардам ва онҳо аз таъбири ин хоб огоҳ гарданд." (46) "Юсуф ба ӯ гуфт: "Ҳафт сол пайдарпай бо ҷиддият кишт кунед ва ҳарчи ки медаравед бо хӯша дар анбор нигоҳ доред, то муддати зиёд бимонад ва зуд вайрон нашавад, ҷуз андаке, ки худ истеъмол мекунед." (47) "Аз он пас ҳафт сол бар мардум қаҳтӣ ва сахтӣ меояд ва дар он ҳафт сол онҷи барояшон ҷамъ кардаед, сарфакорона истифода бубаранд." (48)

**"Пас аз он солҳои хушкӣ ва сахтӣ, соле ояд, ки мардумонро борон дода шавад ва дар он сол хайр ва баракат зиёд мешавад." (49)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Хоби подшоҳи Миср ва таъбири он аз тарафи Юсуф алайҳиссалом.*

Аллоҳ таъоло мефармояд: "Шоҳи Миср гуфт: "Ман дар хоб ҳафт гови фарбеҳро дидам, ки ҳафт гови лоғар онҳоро мехӯранд ва ҳафт хӯшаи хушкро низ дидам, ки бар ҳафт хӯшаи сабз мепечанд ва онҳоро нобуд мекунанд. Эй бузургони қавм аз олимон ва ҳакимон, агар хобҳоро таъбир мекунед, пас назари худро дар бораи хобе, ки ман дидаам баён намоед." Гуфтанд: "Ин хоб аз ҷумлаи хобҳои парешонӣ ва хиёлист, ки маъно надорад ва мо аз таъбири ин гуна хаёлпардозиҳо огоҳ нестем."" Ғуломи наҷотёфта ва соқии (шаробдиҳандаи) подшоҳ, ки қаблан бо Юсуф зиндонӣ буд ва дархости ӯро фаромӯш карда буд, баъд аз муддате онро ба хотир овард ва гуфт: "Ман метавонам таъбири ин хобро бароятон биёварам, пас иҷоза диҳед, ки ба зиндон ба назди Юсуф биравам то ӯ ин хобатонро бароям таъбир кунад." Чун ғулом бо Юсуф дар зиндон мулоқот кард ба ӯ гуфт: "Юсуф! Эй марди ростгӯй, дар бораи хоби марде ба мо назар бидеҳ, ки дар хоб ҳафт гови фарбеҳро дидааст, ки ҳафт гови лоғар онҳоро мехӯранд ва ҳафт хӯшаи хушкро дидааст, ки хӯшаҳои хушк бар ҳафт хӯшаҳои сабз мепечанд ва онҳоро нобуд мекунанд, то ки ман ба сӯи подшоҳ ва ёронаш баргардам ва тафсири ин хобро бар онҳо хабар диҳам. Шояд онҳо аз таъбири он баҳраманд гашта ва ба фазлу донояят пай бибаранд. Юсуф хостаи вайро иҷобат кард ва хобро ин гуна барояш тафсир кард: "Ҳафт сол пайдарпай мекоред ва дар кишт сахт талош мекунед, то тавлид боло биравад ва чун киштро даравидед, ҷуз андаке аз онро, ки масрафи ғизоӣ дорад, бақияро

дар хӯшаҳояшон мегузоред то осеб набинанд ва аз дигар офатҳо маҳфуз бимонанд. Баъд аз он солҳои фаровонӣ, ҳафт соли сахтӣ, хушксолӣ ва қаҳтӣ меояд, ки дар он солҳо на бороне аст ва на меваe, пас дар ин солҳо ончиро аз донаҳои гандум, ки қаблан захира кардаед, ба масраф расонед. Онгоҳ пас аз он ҳафт соли хушкӣ ва қаҳтӣ, соли бобарор, фаровонӣ аз мева ва дигар маҳсул фаро мерасад. Пас аз сахтӣ ва душворӣ, осонӣ мерасад ва дар он сол аст, ки мардум аз бисёрии ҳосил ва мева обмева ва шарбат мегиранд.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Подшоҳ гуфт: "Дар хоб ҳафт гови фарбеҳро дидам, ки ҳафт гови лоғар онҳоро мехӯранд ва ҳафт хӯшаи сабзро дидам, ки ҳафт хӯшаи хушк онҳоро мехӯранд. Эй пешвоёни халқ, хоби маро таъбир кунед, агар шумо таъбири хобҳоро медонед." (43)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҳангоме Аллоҳ таъоло хост Юсуф алайҳиссаломро аз зиндон озод кунад, пас ин хоби аҷиброро ба подшоҳ нишон дод, ки таъбири он ба ҳамаи мардум иртибот пайдо мекард ва таъбири он ба василаи Юсуф алайҳиссалом сурат гирифт, ки фазл ва илми ӯ ошкор гардид ва сабаби мақоми баланди ӯ дар ду ҷаҳон шуд.

- Ишора ба суннати илоҳӣ аст, ки Аллоҳ ҳар бандаеро бихоҳад иззат ва нусрат бидиҳад, чизеро барои амалӣ шудани он сабаб қарор медиҳад. Ба таври мисол: Қиссаи хоби подшоҳ дар ин сура, ки ҳамаи бузургон ва донишмандони қавми худро ба ҳайрат овард, ҳатто таъбиргарони қавм ин хобро як хоби хаёлӣ шумурданд ва онро рад карданд, аммо Юсуф алайҳиссалом ин хобро таъбир кард ва тавассути он ҷойгоҳи бузургеро пайдо намуд. Ё ин ки қиссаи Одам алайҳиссалом бо малоикаҳо ҳангоме ки Аллоҳ таъоло ба Одам номи ашёҳоро омӯзонд ва аз малоикаҳо савол

кард, ки оё номҳои ин ашёҳоро медонед? Дар натиҷа Одам алайҳиссалом бо илме, ки Аллоҳ барояш иноят карда буд, аз малоикаҳо бартарӣ пайдо кард. Қиссаи Паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам низ дар робита бо шафоат дар рӯзи қиёмат баёнгари ин масъала аст. Зеро Паёмбарамон дар рӯзи қиёмат бо шафоати кубро (бузург) аз дигар Паёмбарони илоҳӣ, мисли ҳазрати Одам алайҳиссалом, Иброҳим алайҳиссалом, Мусо алайҳиссалом ва Исои Масеҳ алайҳиссалом сабқат мегиранд ва мақоми эшон ошкор ва равшан мешавад.

- Ин оят аз асосҳои таъбири хоб ба шумор меравад ва далолат бар саҳеҳ будани хоби кофир мекунад ва ҳамчунин далолат бар он мекунад, ки подшоҳи кофирро низ "подшоҳ" ё "малик" ном бурдан ҷоиз аст.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "**Гуфтанд: "Ин хобҳо аз ҷумлаи хобҳои хаёлиянд ва мо аз таъбири ин гуна хобҳо огоҳӣ надорем." (44)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Вақте дӯсти зиндонии Юсуф наздаш омад, ӯро бо беҳтарин сифати дӯстӣ садо зад: **"Юсуф, эй дӯсти ростгӯй ва росткори ман..."** Юсуф алайҳиссалом саволи дӯсташро ҷавоб дод ва барои фаромӯш кардани васияти худ дӯсташро сарзаниш накард.

- Ишора ба он аст, ки хоб бар ду навъ мешавад, яке хоби раҳмонӣ ва дигаре хоби шайтони ё хаёлӣ.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яке аз он ду, ки қаблан дар зиндон буд ва наҷот ёфта буд, пас аз муддате хоҳиши Юсуф ба ёдаш омад ва гуфт: "Ман шуморо аз таъбири он хабар медиҳам, пас маро назди Юсуф бифиристед."" (45)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки фаромӯшӣ аз табиати башарист.
- Ишора ба он аст, ки бояд ҳар масъаларо аз олим ва аз аҳли фанни худ пурсид, чуноне ки аз Юсуф алайҳиссалом таъбири хобро пурсиданд.
- Ишора ба он аст, ки суол кардан яке аз сабабҳои ба даст овардани илму манфиъат аст, ба шарте, ки аз аҳли фанну тахассус пурсида шавад.
- Баёни одоби иҷозат гирифтан ва савол кардан бо шеваи эҳтиром ва хоҳишмандона.
- Ишора ба он аст, ки анбиё ва солеҳин, дар ҳақиқат хайрхоҳи тамоми мардуманд.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Назди Юсуф рафта гуфт: "Эй Юсуф, эй марди бисёр ростгӯй, барои мо таъбир кун, ки ҳафт гови фарбеҳро ҳафт гови лоғар мехӯранд ва ҳафт хӯшаи сабзро ҳафт хӯшаи хушк низ мехӯранд, то ман назди мардум бозгардам ва онҳо аз таъбири ин хоб огоҳ гарданд." (46)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф, Эй дӯсти ростини ман, хабар деҳ моро..."** далолат бар одоби савол кардан мекунад ва ҳар касе, ки мехоҳад аз шахсе чизеро таълим бигирад, бояд саволи худро бо як хитоби хуб пешниҳод намояд.
- Ишора ба он аст, ки таъбири хоб аз илмҳои шариат ба шумор меравад ва таълим гирифтан ва таълим додани он, дорои аҷр ва савоб аст.
- Ишора ба он аст, ки таъбири хоб дар боби фатво додан дохил мешавад, пас таъбири хоб бидуни илм ва огоҳӣ аз он ҷоиз нест, чун дар оят ин масъала бо лафзи "моро фатво бидеҳ" зикр шудааст.
- Ҷоиз будани хитоб кардани инсон бо яке аз сифатҳои хубаш, ки дар ин оят дӯсти Юсуф алайҳиссалом гуфт: **"Эй марди бисёр ростгӯй..."**

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф ба ӯ гуфт: "Ҳафт сол пайдарпай бо ҷиддият кишт кунед ва ҳарчи ки медаравед, бо хӯша дар анбор нигоҳ доред, то муддати зиёд бимонад ва зуд вайрон нашавад, ҷуз андаке, ки худ истеъмол мекунед." (47)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят ояти хабарӣ аст, аммо ба маънои амр омадааст, яъне Юсуф алайҳиссалом амр кард, ки кишт кунед, аксари молро нигоҳ доред ва ба қадри ҳоҷат аз онҳо истифода баред.
- Ҷоиз будани захира кардани мол ва озуқа барои солҳои оянда ё барои солҳои сахтӣ ва вазминӣ.
- Пеша гирифтани эҳтиёт дар сарфи молу озуқа.
- Ишора ба он аст, ки ҳар мавзӯъ ва ҳар масъаларо аз онҳое бояд пурсид, ки илм ва таҷрибаи онро дошта бошанд, монанди оне, ки зиндониён ва подшоҳ таъбири хобро аз Юсуф алайҳиссалом пурсиданд.

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Аз он пас ҳафт сол бар мардум қаҳтӣ ва сахтӣ меояд ва дар он ҳафт сол ончи барояшон ҷамъ кардаед, сарфакорона истифода бубаранд." (48)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Эҳтиёт ва омодагӣ гирифтан барои рӯзҳои сахтӣ, ки ин амр ҳеҷ мухолифат дар таваккул ба Аллоҳро надорад, балки ин худ ҳақиқати таваккул ба Аллоҳ таъолост.
- Юсуф алайҳиссалом ҳам хобро таъбир карданд ва ҳам ба корҳо ва тадобире, ки бояд дар солҳои ободӣ барои солҳои хушкӣ анҷом бигиранд, ишора карданд. Яъне мардум бояд дар солҳои ободӣ ба

андозаи муайян, аз рӯи тадбир ва сарфакорона маҳсули хешро истеъмол бикунанд, аммо бахши зиёдашро захира намоянд.

- Ин равише, ки ҳазрати Юсуф алайҳиссалом дар робита бо захира кардани маҳсулот ва танзими он ҳангоми тақсимкунӣ барои мардум пешниҳод намуд, яке аз роҳҳои аслӣ ва асосии танзими иқтисоди давлатӣ ба ҳисоб меравад.

- Дар Ислом ҳақиқати таваккул дар 3-чиз муҳаққақ (собит) мешавад:

а) Эътимод ва боварии комил доштан бар Аллоҳ таъоло.

б) Яқин доштан ба ин ки Аллоҳ таъоло он чиро, ки ваъда додааст, анҷом медиҳад.

в) Чанг задан ба сабабҳои дунявӣ ва шаръие, ки фоидаи динӣ ва дунявӣ доранд.

- Ин оят баёнгари фазли Юсуф алайҳиссалом бар мардуми Миср аст, зеро Юсуф алайҳиссалом на танҳо таъбири хобро барояшон баён намуд, балки роҳҳои ҳалли ин мушкилотро низ муфассалан шарҳ дод.

- Ин оят дар асл мақсадҳои панҷгонаи шариъатро дар бар мегирад, ки иборатанд аз:

*а) Ҳифзи дин*

*б) Ҳифзи нафс*

*в) Ҳифзи ақл*

*г) Ҳифзи насл ё номус*

*д) Ҳифзи мол.*

Пас ҳар он чизе, ки барои ҳифзи мақсадҳои панҷгонаи шариъат кумак мекунад ва аз он мақсад ба даст меоянд ё ба истилоҳе ба мақсадҳои панҷгонаи шариъат зарар ворид намекунад, онро "маслаҳа" мегӯянд. Дар муқобил ҳар чизе, ки дар ҳифз кардани яке аз ин панҷгонаҳо халал ворид кунад, ба он "мафсада" гуфта мешавад ва дур кардани онро низ

маслаҳа мегӯянд. Хилофе байни олимон нест, ки мақсад аз омадани шариъат, ин иршод ва роҳнамоии мардум ба сӯи масолеҳи дунявӣ аст, то ин ки шароит муҳайё гашта ва оромиш ба даст биёяд ва мардум ба ҳадафи аслии хеш бирасанд, ки он ҳам маърифати Аллоҳ таъоло, Ӯро якка ва ягона ибодат кардан ва ба саодати ухравӣ ноил шудан аст.

7. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Пас аз он солҳои хушкӣ ва сахтӣ, соле ояд, ки мардумонро борон дода шавад ва дар он сол хайр ва баракат зиёд мешавад." (49)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Мақсад аз хайр ва баракат, ки дар ин оят зикр шудааст, ин аст ки баъди сипари шудани солҳои қаҳтӣ, то дараҷае фаровонӣ мешавад, ки мардум ба ҷамъи меваҷот ва ба нӯшидани оби меваҷот мепардозанд.
- Юсуф алайҳиссалом 7-гови фарбеҳ ва 7-хушаи сабзро ба 7-соли ободӣ ва фаровонӣ таъбир кард, аммо 7-гови хароб ва 7-хӯшаи хушкро ба солҳои хушкӣ ва қаҳтӣ таъбир кард.
- Хабари Юсуф алайҳиссалом ва таъбири хоб бо ин равиши муфассал ва дақиқ, далолат бар набӣ будан, бар рост ва содиқ будани ӯ мекунад, зеро ин амр ҳам эҳтимоли илми ғайб буданро мекунад ва ҳам эҳтимоли илми эътибор ва таъбири хобро бар асоси қонун ва қоидаҳояш мекунад.
- Ишора ба он аст, ки байни хоб ва таъбири он, иртибот ва муносибат бояд вуҷуд дошта бошад, яъне хобро бояд тавре таъбир кард, ки робитае дар тафсири он вуҷуд дошта бошад, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом 7-гови фарбеҳро бо солҳои фаровонӣ ва 7-гови лоғарро бо солҳои қаҳтӣ баён намуд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки таъбир кардани хоб ва илми таъбири хоб қоидаҳои хоси худро дорост.

## Ояти 50 то 53

قَالَ مَا خَطْبُكُنَّ إِذْ رَٰوَدتُّنَّ يُوسُفَ عَن نَّفْسِهِۦۚ قُلْنَ حَٰشَ لِلَّهِ مَا عَلِمْنَا عَلَيْهِ مِن سُوٓءٍۚ قَالَتِ ٱمْرَأَتُ
ٱلْعَزِيزِ ٱلْـَٰٔنَ حَصْحَصَ ٱلْحَقُّ أَنَا۠ رَٰوَدتُّهُۥ عَن نَّفْسِهِۦ وَإِنَّهُۥ لَمِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ٥١ ذَٰلِكَ لِيَعْلَمَ أَنِّى لَمْ
أَخُنْهُ بِٱلْغَيْبِ وَأَنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى كَيْدَ ٱلْخَآئِنِينَ ٥٢ ۞ وَمَآ أُبَرِّئُ نَفْسِىٓۚ إِنَّ ٱلنَّفْسَ لَأَمَّارَةٌۢ بِٱلسُّوٓءِ
إِلَّا مَا رَحِمَ رَبِّىٓۚ إِنَّ رَبِّى غَفُورٌ رَّحِيمٌ ٥٣

**"Подшоҳ ба муовинонаш гуфт: "Таъбиркунандаи хоби маро аз зиндон озод кунед ва ӯро назди ман биёваред." Вақте фиристода назди Юсуф омад, Юсуф ба ӯ гуфт: "Назди хоҷаат бозгард ва бипурс: "Ҳоли заноне, ки дастҳои худро буриданд, чи гунааст (то ҳақиқат ба ҳама маълум шавад, ки Юсуф аз гуноҳ пок аст)?" Албатта, ки Парвардигорам ба макри онҳо огоҳ аст!" (50) "Подшоҳ гуфт: "Эй занон, чӣ гуна буд ин кори шумо, ки Юсуфро ба назди худ хондед, ӯ хоҳиши нафси шумо кард ё шумо хоҳиши нафси ӯ кардед?" Гуфтанд: "Паноҳ бар Аллоҳ, аз ӯ ҳеҷ хиёнате надидаем, вале зани азиз ба мо хабар дод, ки ӯ Юсуфро ба худ хондааст." Дар ин ҳол зани азиз иқрор шуд ва гуфт: "Акнун ҳақиқат ошкор ва равшан шуд. "Ман Юсуфро хостам, вале ӯ худро аз ин амал боздошт, албатта ӯ дар суханоне, ки мегӯяд дар зумраи ростгӯён аст!" (51) "Зани азиз гуфт: "Ин ҳама барои он аст, ки то ӯ (азиз) бидонад, ки ман ғоибона хиёнати ӯ накардаам ва аз ман кори зиште содир нашудааст ва ҳамоно Аллоҳ ҳилаи хоинонро ба мақсад намерасонад." (52) "Ман (зани азиз) хештанро бегуноҳ намедонам, ҳамоно нафс одамиро ба бадӣ фармон медиҳад. Магар касеро, ки Парвардигори ман ӯро аз бадӣ нигоҳ дорад, албатта Парвардигори ман омурзанда ва меҳрубон аст!" (53)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Таҳқиқи моҷарои байни Юсуф алайҳиссалом бо зани азизи Миср ва занҳои дигар.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки чун подшоҳ таъбири хобро шунид аз ёваронаш хост то Юсуфро назди ӯ биоваранд. Фиристодаи подшоҳ ба зиндон назди Юсуф омад ва аз ӯ хост ба ҳузури шоҳ биравад, аммо Юсуф ба ӯ гуфт: "Назди подшоҳ баргард ва аз ӯ бипурс, ки чаро ман он вақт ба назди занон ворид шудам ва онҳо дастони худро буриданд? Сабаби ин кор чи буд?" Юсуф чунин кард то покияш ошкор шавад ва ҳақиқат бар мардум равшан гардад. Сипас афзуд: "Бегумон Парвардигорам ба фиреб ва найранги занон доност, ҳеҷ кори пинҳони бар Ӯ пӯшида намемонад ва ба зудӣ ҳақро ошкор хоҳад сохт." Подшоҳ ба занони дастбурида гуфт: "Ба ман бигӯед, ки дар чи ҳол ва вазъе дар он замон қарор доштед? Чаро дар рӯзи меҳмонии қаср Юсуфро ба худ хондаед? Оё аз ӯ чизи шубҳанокеро мушоҳида намуда будед ё ӯ ба хостаи шумо мувофиқатӣ накард? Ё аз ӯ рағбате дар хештан ёфта будед?" Занон гуфтанд: "Паноҳ ба Аллоҳ! Савганд ба Аллоҳ, ки мо аз ӯ камтарин шак ва айбе надида ва надонистаем ва ӯ комилан бегуноҳ аст." Дар ин ҳангом буд, ки зани азизи Миср ҳақро ошкор кард ва гуфт: "Акнун ҳақ баъд аз пинҳон мондан ва ростиву дурустӣ баъд аз печидагӣ ошкор шуд. Қасам ба Аллоҳ, ки ман талош кардам то Юсуфро ба фитна андозам ва ин ман будам, ки ба иғво ва ангезаи ӯ пардохта ва шефта ва фидояш шуда будам, аммо ба Аллоҳ қасам, ки ӯ напазируфт ва рад кард. Ба Аллоҳ қасам, ки Юсуф ҳарчи мегуфт рост буд ва ӯ ростгӯст ва бегумон ӯ мазлум аст." Зани азиз афзуд: "Ончи ман ба он гувоҳӣ медиҳам ва бар худ эътироф менамоям барои он аст, ки то шавҳарам бидонад, ки ман бо дурӯғ бастан бар ӯ, ба ӯ хиёнат накардаам ва фаҳшо

аз ҷониби ман сар назадааст. Ман эътироф барои он мекунам, ки то бароати (покии) ман ва бароати Юсуф аз амали фаҳшо ошкор шавад ва Аллоҳ ҳеҷ хоинеро тавфиқ намедиҳад. Ман нафси худро пок ва тазкия намекунам, зеро нафс ҳамеша соҳибашро ба иртикоби бадиҳо ва гуноҳон дастур медиҳад, магар онеро, ки Аллоҳ дар ҳифзи худ қарор дода бошад. Албатта Аллоҳ бар бандагонаш бисёр омурзгор аст, ҳаргоҳ бандагон аз Ӯ таъоло талаби афв ва омурзиш бихоҳанд."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Подшоҳ ба муовинонаш гуфт: "Таъбиркунандаи хоби маро аз зиндон озод кунед ва ӯро назди ман биёваред." Вақте фиристода назди Юсуф омад, Юсуф ба ӯ гуфт: "Назди хоҷаат бозгард ва бипурс: "Ҳоли заноне, ки дастҳои худро буриданд, чи гунааст (то ҳақиқат ба ҳама маълум шавад, ки Юсуф аз гуноҳ пок аст)?" Албатта, ки Парвардигорам ба макри онҳо огоҳ аст!" (50)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят далолат бар фазли илм мекунад, зеро Аллоҳ таъоло илми Юсуфро сабаби озод шудан аз зиндон гардонид, яъне сабаби озодӣ аз як имтиҳони дунявӣ, пас илм чӣ гуна сабаб шудан наметавонад барои озодӣ ва халосӣ аз имтиҳони ухравӣ?!

- Фазли бо оромӣ ва бо хубӣ ҳал кардани мушкилот ва шитобкорӣ накардан.

- Юсуф алайҳиссалом озод шудан аз зиндонро рад кард, то покӣ ва бегуноҳияш комилан ошкор шавад ва ин далолат бар бурдборӣ ва ақлу хиради ӯ мекунад. Ҳамчунин далолат мекунад бар ин ки инсон бояд кӯшиш кунад то аз худ туҳмат ё шубҳаҳое, ки нисбати ӯ шудаанд, исботи покии нафси худро бикунад, хусусан шахсоне, ки дар ҷомеъа пешво ва намунаанд ва аз онҳо пайравӣ карда мешавад.

- Хостани Юсуф алайҳиссалом аз ошкор шудани моҷарои занони дастбурида ин буд, ки пок кардани ирз (обрӯ) ва номус яке аз мақсадҳои панҷгонаи шариъат ба ҳисоб меравад, гарчанде ки он моҷаро ошкор ва равшан буд ва бар зидди ӯ мубориза ҳо сурат гирифта буданд.
- Бегуноҳ беватан кардани шахс, чи бо берун кардан аз ватанаш бошад ё чи бо зиндонӣ кардани шахс, дар ҳарду ҳолат ин амал баробар бо марг аст. Баробар бо марг ба он маъно, ки вазнинӣ ва сахт будани шароит ва сахтии имтиҳон барои инсон дар ҳолатҳои зикршуда, чун фармудаи Аллоҳ таъолост: **"Ба ёд оред он вақтро, ки бо шумо паймон ниҳодем, ки хуни якдигарро нарезед ва қавми хешро аз ватан ва хонаҳои худ берун макунед. Дар ҳоле ки худ иқрор кардаед ва худ гувоҳед."** (Бақара, 84)

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Подшоҳ гуфт: "Эй занон, чӣ гуна буд ин кори шумо, ки Юсуфро ба назди худ хондед, ӯ хоҳиши нафси шумо кард ё шумо хоҳиши нафси ӯ кардед?" Гуфтанд: "Паноҳ бар Аллоҳ, аз ӯ ҳеҷ хиёнате надидаем, вале зани азиз ба мо хабар дод, ки ӯ Юсуфро ба худ хондааст." Дар ин ҳол зани азиз иқрор шуд ва гуфт: "Акнун ҳақиқат ошкор ва равшан шуд. "Ман Юсуфро хостам, вале ӯ худро аз ин амал боздошт, албатта ӯ дар суханоне, ки мегӯяд дар зумраи ростгӯён аст!" (51)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Дар гуфтаи подшоҳ: **"Юсуфро ба назди худ хондаед..."** далел аст, ки покии Юсуф барои касоне, ки аз қисса огоҳ буданд равшан буд, зеро подшоҳ гуфт, ки шумо худ Юсуфро ба наздатон хостаед.
- Далел аст бар эълони зани азизи Миср бар иқрори гуноҳи худ ва бар покии Юсуф алайҳиссалом аз тӯҳмате, ки ба ӯ карда буданд.

- Далолат бар тавбаи зани азизи Миср мекунад, зеро иқрор намудан бар гуноҳ, нишонаи тавба кардан мебошад.
- Ҷоиз будани истифодаи калимаи "Аллоҳ пок аст" дар ҳолатҳои иқрори гуноҳ ё дар ҳолатҳое, ки хатое зикр карда шавад, ки ин худ як навъ ибодат кардан ба ҳисоб меравад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Зани азиз гуфт: "Ин ҳама барои он аст, ки то ӯ (азиз) бидонад, ки ман ғоибона хиёнати ӯ накардаам ва аз ман кори зиште содир нашудааст ва ҳамоно Аллоҳ ҳилаи хоинонро ба мақсад намерасонад." (52)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Дар фармудаи Аллоҳ: **"Албатта Аллоҳ макр ва ҳилаи хиёнаткоронро ба ҷое намерасонад"** бар ин аст, ки хиёнат ва бадандешии ҳар кас бар худаш бармегардад, зеро рӯзе ҳақиқати кораш ошкор ва равшан мешавад.
- Ишора бар фазли ростӣ дар гуфтор ва дар рафтор аст, зеро ин амал сабаби бахшиш ва наҷоти зани азизи Миср шуд.
- Озод кардани асир ва зиндонӣ, яке аз ҳаққҳои бародарӣ ва сабаби муҳаббату дӯстӣ дар ҷомеъа ба шумор меравад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***"Яке аз ҳаққҳои бародарӣ ин аст, ки бародаратонро аз маҳбас озод кунед."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 7173) Ин амри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам далолат бар воҷиб будан мекунад, албатта барои касоне, ки тавон ва қудраташро дошта бошанд.
- Тақводорӣ сабаби оқибати хуби кор аст ва бадӣ оқибати гуноҳу хиёнат ва шармандагии шахс дар ҷомеъа мебошад.
- Ҳақиқат ҳатман ошкор мешавад, гарчи дер ҳам бошад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ман (зани азиз) хештанро бегуноҳ намедонам, ҳамоно нафс одамиро ба бадӣ фармон медиҳад. Магар касеро, ки Парвардигори ман ӯро аз бадӣ нигоҳ дорад, албатта Парвардигори ман омурзанда ва меҳрубон аст!" (53)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар лафзи **"ман нафсамро ба покӣ зикр намекунам"**, асос дар тавозӯъ ва шикастани нафси инсонӣ аст.

- Далел аст, ки дар асл нафси инсонӣ ба бадӣ васф шуда ва аз ин раҳоӣ нест, магар барои касоне, ки раҳмат ва инояти Аллоҳ таъоло шомили ҳоли онҳо шуда бошад. Дар Қуръони карим нафси инсон ба 3-ҳолат зикр шудааст:

*а) Нафси бад.*

*б) Нафси лаввома, яъне нафсе, ки баъди анҷоми гуноҳ худро сарзаниш мекунад.*

*в) Нафси оромёфта ба аҳкоми шариъат.*

- Ишора ба он аст, ки эътироф ба гуноҳ, аз сабабҳои бахшиши он ва аз нишонаҳои ростии тавба ва рӯй овардан ба Аллоҳ таъолост.

4. Исботи 3-номи зебои Аллоҳ таъоло:

а) Ал-Алим (бар ҳоли махлуқоташ бениҳоят доно.)

б) Ал-Ғафур (бениҳоят бахшанда, яъне ҳар касе муртакиби гуноҳ шавад ва тавба кунад ва ба сӯи Аллоҳ таъоло баргардад, ӯро меомурзад.)

в) Ар-Раҳим (зоте аст, ки меҳрубон ва тавбаро мепазирад ва бандаро тавфиқ медиҳад то корҳои шоистаро анҷом диҳад.)

**Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло**

*Дар ин қисмат номҳои зерини Аллоҳи муттаъол зикр мешаванд: "Ал-Ғафур", "ал- Ғаффор", "ар-Раҳим" ва "ар-Раҳмон"*

Дар ояти 53 номи ал-Ғафур ба Аллоҳ таъоло исбот мешавад:

1. Исботи номи ал-Ғафур ва ал-Ғаффор, барои Аллоҳ таъоло. Исми ал-Ғафур 91-маротиба дар Қуръон зикр шудааст, аммо номи ал-Ғаффор бошад танҳо 5-маротиба.

2. Исботи сифати "ал-Мағфирату ва ал-ғуфрону" (المغفرة و الغفران) сифати зотӣ ва феълии Аллоҳ таъолост, ки аз номи ал-Ғафур гирифта мешавад.

3. Маъно: Зоте, ки гуноҳонро мебахшад ва тавбаи касеро, ки тавба мекунад, мепазирад. Гуноҳони бандагонашро сатр мекунад ва бар онон пардаи лутф ва пардаи меҳрубонияшро рӯйпӯш мекунад. Ал-Ғаффор сиғаи муболаға аст ва бар бисёрии мағфирати Ӯ таъоло далолат мекунад.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи ал-Ғафур ва ал-Ғаффор. Ин ду номи зебои Аллоҳ таъоло далолат ба афви илоҳӣ карда, агар ба танҳои зикр шаванд маънои якдигарро дар бар мегиранд, аммо агар дар якҷоягӣ зикр шаванд, ҳар як маънои хоси худро дорад. Масалан ал-Афув, зоте аст, ки бадиҳоро маҳв мекунад ва гуноҳонро мебахшад ва мафҳуми ин ном наздик ба маънои номи ал-Ғафур аст, аммо мафҳуми ал-Афув комилтар аст. Фармудаи Аллоҳ таъолост: **''Эй Паёмбар! Аз ҷониби ман бигӯ: ''Эй бандагони ман, ки бар худ дар гуноҳ зиёдаравӣ кардаед! Аз раҳмати Аллоҳ ноумед нашавед, ҳамоно Аллоҳ ҳамаи гуноҳонро мебахшад, яқинан Ӯ бисёр омурзандаи гуноҳон аст.** '''' (Зумар, 53)

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "ал-Ғафур" ва "ал-Ғаффор". Ҳангоме ки банда умури 5-гонаро дар боби маърифати Аллоҳ донист ва аз худ кард, бояд дар ӯ нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Бидонад, ки огоҳӣ ва илми банда ба ин номҳои бузург роҳи муҳим барои расидан ба болотарин дараҷот аст, ба хусус дар ҳоли мубориза бурдан бо хоҳишоти нафс.

- Лозим гирифтани истиғфор дар тамоми ҳолатҳои зиндагӣ, чун банда бе камбудӣ намешавед.
- Умед ба мағфирати Аллоҳ таъоло доштан ва дурӣ кардан аз ноумедӣ, чун Аллоҳ зоте аст, ки бандаи тавбакунандаашро дӯст медорад.

Исми "ар-Раҳим" ба Аллоҳ таъоло дар ояти 53:

1. Исботи номи "ар-Раҳим" (الرَحيم) ба Аллоҳ таъоло. Исми "ар-Раҳмон" 57-маротиба ва исми "ар-Раҳим" 123-маротиба дар Қуръон омадааст.
2. Исботи сифати "ар-Раҳмату" аз номи ар-Раҳим ва ар-Раҳмон мебошад, яъне раҳмат яке аз сифоту Ӯ таъоло аст ва раҳим баёнгари расидани меҳрубонӣ ва раҳмати илоҳӣ ба касе аст, ки мавриди раҳмат қарор гирифтааст.
3. Маъно: Ар-Раҳмон ва ар-Раҳим ин ду исм бар раҳмате, ки шомили ҳамаи махлуқот мешаванд, ба эҷоду мадади онҳо далолат мекунанд ва бар раҳмати хосе, ки дарбаргирандаи мӯъминон дар дунё ва охиратанд, далолат мекунанд ва бениҳоят меҳрубон аст, яъне зоте аст, ки меҳрубон ва тавбаро мепазирад ва бандаро тавфиқ медиҳад то корҳои шоистаро анҷом диҳад.
4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи ар-Раҳим ва ар-Раҳмон:

- Танҳо Аллоҳи мутаъол хубӣ ва хушиҳоро ба бандагонаш медиҳад ва танҳо Ӯст, ки бадиҳоро дур мекунад ва Ӯ меҳрубонтарини меҳрубонон аст. Фармудаи Ӯ таъолост: **"Раҳматам ҳар чизро фаро гирифтааст, пас онро барои касоне, ки тақво пеша мекунанд ва закот медиҳанд ва касоне, ки ба оятҳои мо имон ва боварӣ мекунанд, муқаррар хоҳем кард."** (Аъроф, 156) Бо аз худ кардани ин амалҳои зикршуда, мо метавонем раҳмати Аллоҳро ба даст биёварем ва ҳамчунин Аллоҳ

таъоло дар ҷои дигар дар ин замина мефармояд: **"Ҳамоно раҳмати Аллоҳ ба некӯкорон наздик аст."** (Аъроф, 56)

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "ар-Раҳим ва ар-Раҳмон": Ҳангоме ки банда умури 5-гонаро дар боби маърифати Аллоҳ донист ва аз худ кард, бояд дар ӯ нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Сифати бахшидан, зеро яке аз сифатҳоест, ки Аллоҳ онро дӯст медорад дар бандааш бубинад, яъне Аллоҳ бахшанда аст ва бахшиданро дӯст медорад.

- Раҳм кардан ба махлуқот яке аз амрҳои хоси илоҳӣ аст, ҳатто ба ҳайвонот.

- Ногуфта намонад, ки раҳмате, ки ба Аллоҳ нисбат дода мешавад бар ду навъ аст: Раҳмати ом, ки ҳамроҳ бо илм баён мешавад: Фармудаи Аллоҳ таъолост: **"Парвардигоро! Раҳмат ва илми Ту ҳар чизро фаро гирифтааст."** (Ғофир, 7) Бинобар ин Аллоҳ аз ҳар чиз огоҳ аст ва раҳматаш ба онҳо расидааст, чун Аллоҳ ин навъ раҳматро ҳамроҳи илм баён кардааст, яъне раҳмате, ки тамоми махлуқот, ҳатто кофиронро фаро мегирад. Манзур раҳмати ҷисмӣ, баданӣ ва дунявӣ ба мисли хӯрдан, нушидан, неъмати либос ва монанди инҳост,

Навъи дуввум раҳмати хос аст, ки Аллоҳ онро ба бандагони мӯъминаш ихтисос додааст. Манзур раҳмати имонӣ, динӣ, дунявӣ ва ухравист, ки ба василаи тавфиқ додан бар мӯъминон барои анҷоми тоъат, барои осон кардани кори хайр ва тасбити он бар имон, ҳидоят ба роҳи рост ва икромашон ба дохил шудани ҷаннат ва наҷот аз оташи дӯзах мебошад.

## Ояти 54 то 57

وَقَالَ ٱلۡمَلِكُ ٱئۡتُونِي بِهِۦٓ أَسۡتَخۡلِصۡهُ لِنَفۡسِيۖ فَلَمَّا كَلَّمَهُۥ قَالَ إِنَّكَ ٱلۡيَوۡمَ لَدَيۡنَا مَكِينٌ أَمِينٌ ٥٤ قَالَ ٱجۡعَلۡنِي
عَلَىٰ خَزَآئِنِ ٱلۡأَرۡضِۖ إِنِّي حَفِيظٌ عَلِيمٌ ٥٥ وَكَذَٰلِكَ مَكَّنَّا لِيُوسُفَ فِي ٱلۡأَرۡضِ يَتَبَوَّأُ مِنۡهَا حَيۡثُ يَشَآءُۚ
نُصِيبُ بِرَحۡمَتِنَا مَن نَّشَآءُۖ وَلَا نُضِيعُ أَجۡرَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٥٦ وَلَأَجۡرُ ٱلۡأٓخِرَةِ خَيۡرٌ لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ
يَتَّقُونَ ٥٧

**"Подшоҳ гуфт: "Юсуфро назди ман биёваред то ӯро ҳамнишини хоси худ гардонам." Ҳангоме ки бо Юсуф мулоқот ва суҳбат кард, барояш гуфт: "Ҳамоно ту аз имрӯз ба баъд, назди мо соҳибқадр ва амонатдор ҳастӣ." (54) "Юсуф гуфт: "Маро масъули хазинаҳои хӯрок ва амволи ин сарзамин муқаррар бикун, ки ҳамоно ман хазинаҳоро муҳофизаткунандаам ва аз истифодаи дурусти онҳо огаҳӣ дорам." (55) "Инчунин Юсуфро дар он сарзамини Миср обрӯ додем, ҳарҷо ки мехост мерафт ва ҳарчи ки мехост аз он мегирифт. Раҳмати худро ба ҳар кас, ки бихоҳем, арзонӣ медорем ва подоши некӯкоронро барбод намекунем." (56) "Албатта, подоши охират барои касоне, ки имон овардаанд ва парҳезгорӣ мекунанд (яъне аз азоби Аллоҳ метарсанд ва амру наҳйяшро ба ҷо меоранд) беҳтар аст." (57)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Маконати Юсуф алайҳиссалом дар назди подшоҳ ва ҳукм карданаш дар Миср.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки ҳангоме ки бароати Юсуф ва тақвову ахлоқаш бар подшоҳ ошкор шуд, подшоҳ чунин гуфт: "Юсуфро назди ман биёваред то ӯро аз дӯстон ва наздиктарин афроди худ бигардонам, то ӯ аз ман баҳраманд шавад ва ман аз машваратҳои ӯ баҳра бубарам." Чун Юсуф ҳозир шуд ва подшоҳ бо ӯ сухан гуфта ба камоли ақлдорӣ, ба ҳусни одоб, ба азамати амонатдорӣ ва ба ростии ӯ ошно

гашт, пас ба ӯ гуфт: "Эй Юсуф! Ту назди мо ҷойгоҳи басо бузург дошта ва бар ҳама чиз амонатдор ҳастӣ." Юсуф, ки дӯстдори адолат ва ҳидояти мардум буд, аз ин рӯ ба подшоҳ гуфт: "Маро масъули сарпарастии хазинаҳои ин сарзамин бигузор, зеро ман амонатдор ҳастам ва ба ҳисобу китоб доно ва дар захирасозӣ ва масрафи он илми кофӣ дорам." Ҳамчунон Аллоҳ ба берун овардани Юсуф аз зиндон, ба эъломи бароату покияш аз туҳмат, ба илми таъбири хоб ва ба амонатдорӣ бар ӯ миннат гузошт ва ҳамчунин барояш дар сарзамини Миср қудрат дод, то ба ҳар ҷое аз он сарзамин бихоҳад гашту гузор кунад.

Аллоҳ ба ҳар бандае бихоҳад чунин неъматҳоро фаровон мекунад, ба шарте, ки он банда тақво ва ростиро пеша кунад, ки бегумон Аллоҳ амали мухлисони ростгӯй ва дурусткорро бе асар намесозад, балки ба он бузургтарин подош ва оқибати нек ва устувор дар ҳар кор арзонӣ медорад. Албатта подоши илоҳӣ дар охират барои касоне, ки имон оварда ва амали нек кардаанд, бузургтар аз подоши дунёст, зеро подоши охират беҳтар ва доимист. Албатта ин подош барои касоне аст, ки имон ба Аллоҳро дар вуҷуди худ пойдор сохта ва бо анҷоми амрҳо, бо дурӣ кардан аз манъшудаҳо ва ба тақвояш пойбанд бошанд.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Подшоҳ гуфт: "Юсуфро назди ман биёваред то ӯро ҳамнишини хоси худ гардонам." Ҳангоме ки бо Юсуф мулоқот ва суҳбат кард, барояш гуфт: "Ҳамоно ту аз имрӯз ба баъд, назди мо соҳибқадр ва амонатдор ҳастӣ." (54)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин подшоҳе аз подшоҳони башар аст, ки Юсуфро дар баробари фазл, тақво ва салоҳаш ба беҳтарин шакл подош медиҳад, пас чи гуна хоҳад

буд подоши зоте, ки подшоҳи подшоҳон аст, Аллоҳе, ки покону поксиратонро дӯст медорад ва ононро нусрат медиҳад!

- Озодӣ ва озод будан яке аз неъматҳои Аллоҳ таъолост, зеро Аллоҳ дар инҷо бар Юсуф алайҳиссалом миннат гузошт .

- Аз Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам ворид шудааст, ки зане ба хотири маҳбас кардани гурбае дохили дӯзах шудааст, зеро на таъоме ва на обе барои гурба додааст ва на ӯро ба ҳоли худ раҳо гузоштааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 3318) Аз ин ҳадис маълум мешавад, ки озод кардани гурба сабаби дохил шудани ҷаннат мебошад ва ин дар баробари ҳайвонот аст, пас чи расад бар азобу оқибати касоне, ки инсонҳоро бегуноҳ зиндонӣ мекунанд?!

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф гуфт: "Маро масъули хазинаҳои хӯрок ва амволи ин сарзамин муқаррар бикун, ки ҳамоно ман хазинаҳоро муҳофизаткунандаам ва аз истифодаи дурусти онҳо огаҳӣ дорам." (55)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст бар ҷоиз будани талаби мақом ва мансаб барои касоне, ки шоистаи онро дошта бошанд, аз ҳавову ҳавас дур бошанд ва дар айни ҳол амонатдор, доно ва барподорандаи ҳаққи масъулият низ бошанд.

- Дар ин оят далел аст, ки шахси солеҳ метавонад зери дасти шахси фоҷир ва кофир кор бикунад, ба шарте, ки хилофи шариъат чизе анҷом дода нашавад.

- Ҷоиз будани зикри худ ба сифатҳои хуб ва ё ба маҳоратҳое, ки шахс онҳоро дорост ва анҷом дода метавонад, албатта дар ҳоли пешниҳод кардани кор ё дар ҷойҳои лозима, ки ин дар тазкияи нафс дохил намебошад ё ба ибораи дигар ин амал худтаърифкунӣ намебошад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Инчунин Юсуфро дар он сарзамини Миср обрӯ додем, ҳарҷо ки мехост мерафт ва ҳарчи ки мехост аз он мегирифт. Раҳмати худро ба ҳар кас, ки бихоҳем арзонӣ медорем ва подоши некӯкоронро барбод намекунем." (56)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки тақво, покдоманӣ ва рост будан дар гуфтору кирдор, сабаби наҷот дар дунё ва охират мебошад.

- Зикри ду шарти масъулияти мардумро ба ӯҳда гирифтан:

а) Рост будан бо мардум ва амонатдорӣ намудан.

б) Илм доштан бар масъулияти корӣ.

- Далел аст, ки мӯъмин барои корҳои хубаш дар дунё ва охират аҷр дода мешавад.

- Ишора ба он аст, ки итоъати Аллоҳ ризқро барои банда дар дунё зиёд мегардонад ва дар охират аз аҷру савоби ӯ кам карда намешавад, зеро Аллоҳ хабар медиҳад, ки дар охират ҳам барои ӯ аҷри хубтар ва афзалтар дода мешавад.

- Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Раҳмати худро ба ҳар кас, ки бихоҳем арзонӣ медорем..."** далел аст, ки анҷоми ҳамаи корҳо вобаста ба хоҳишоти кавнии илоҳӣ мебошанд.

- Ишора ба он аст, ки ҳоли Юсуф алайҳиссалом дар охират беҳтар ва хубтар аст.

- Бо сабр кардан иззат ва обрӯмандии шахс ба даст меояд, гарчи барои ӯ таҳқир ва иҳонат ҳам сурат бигирад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Албатта, подоши охират барои касоне, ки имон овардаанд ва парҳезгорӣ мекунанд (яъне аз азоби**

**Аллоҳ метарсанд ва амру наҳйяшро ба ҷо меоранд) беҳтар аст." (57)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки аҷру савоби охират беҳтар ва хубтар аст, албатта барои касоне, ки имон овардаанд ва тақворо пеша кардаанд.

- Ҳақиқати имондорӣ дар шариъат он аст, ки инсон қалбан боварии комил дошта бошад, ба забон иқрор бикунад ва бо ҷавориҳ (аъзои бадан) амал намояд, аммо ҳақиқати тақво дар шариъат ин амал кардан бо қадри тавоноӣ ва ба он тарзест, ки Аллоҳ ва Расул ба он амр кардаанд ва дурӣ кардан аз онест, ки Аллоҳ ва Расул онро манъ намудаанд.

## Ояти 58 то 62

وَجَآءَ إِخۡوَةُ يُوسُفَ فَدَخَلُواْ عَلَيۡهِ فَعَرَفَهُمۡ وَهُمۡ لَهُۥ مُنكِرُونَ ٥٨ وَلَمَّا جَهَّزَهُم بِجَهَازِهِمۡ قَالَ ٱئۡتُونِي بِأَخٖ
لَّكُم مِّنۡ أَبِيكُمۡۚ أَلَا تَرَوۡنَ أَنِّيٓ أُوفِي ٱلۡكَيۡلَ وَأَنَا۠ خَيۡرُ ٱلۡمُنزِلِينَ ٥٩ فَإِن لَّمۡ تَأۡتُونِي بِهِۦ فَلَا كَيۡلَ لَكُمۡ
عِندِي وَلَا تَقۡرَبُونِ ٦٠ قَالُواْ سَنُرَٰوِدُ عَنۡهُ أَبَاهُ وَإِنَّا لَفَٰعِلُونَ ٦١ وَقَالَ لِفِتۡيَٰنِهِ ٱجۡعَلُواْ بِضَٰعَتَهُمۡ
فِي رِحَالِهِمۡ لَعَلَّهُمۡ يَعۡرِفُونَهَآ إِذَا ٱنقَلَبُوٓاْ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِمۡ لَعَلَّهُمۡ يَرۡجِعُونَ ٦٢

**"Бародарони Юсуф, ки дар сарзаминашон хушкӣ омада буд, ба Миср барои озуқа омаданд ва ба назди ӯ рафтанд, ки Юсуф онҳоро шинохт ва аммо онҳо ӯро нашинохтанд." (58) "Юсуф ҳангоме, ки барои онҳо як шутур бор аз таъом ва ғалла муҳайё сохт, гуфт: "Бародари падариятонро низ дар сафари баъдӣ назди ман биёваред, оё намебинед, ки паймонаро комил адо мекунам ва беҳтарин мизбонам?"" (59) "Пас агар бародаратонро назди ман наёваред, паймонае аз таъоме назди ман нахоҳед ёфт ва ба ман наздик машавед." (60) "Гуфтанд: "Мо ӯро бо кӯшиши зиёд аз падараш хоҳем хост ва ин корро ҳатман иҷро хоҳем кард."" (61) "Юсуф ба ходимони худ гуфт: "Сармояашонро, ки ба ивази озуқа дода буданд дар борҳояшон пинҳонӣ бимонед, бошад ки назди хонаводаашон бозгарданд, он сармояашонро бишиносанд ва меҳмондории моро қадр карда, дубора боз оянд." (62)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Омадани бародарони Юсуф алайҳиссалом ва аҳди онҳо барои овардани бародари хурдияшон.*

Аллоҳ таъоло мефармояд, ки бародарони Юсуф баъд аз он ки дучори фақр ва тангдастӣ шуданд аз Фаластин ба Миср омаданд, то аз хазинаҳои Миср дархости озуқа бикунанд. Вақте бар Юсуф ворид шуданд, ӯ онҳоро шинохт, вале онҳо ӯро нашинохтанд, чун замони тулоние гузашта буд. Чун Юсуф аз онҳо ба хубӣ меҳмондорӣ намуд ва

борҳояшонро низ ба тарзи хуб ва комиле, ки мехостанд омода кард ва ба онҳо бахшид, аз онҳо хост, ки дар сафари баъдӣ бародари падарии худро низ ба худ биёваранд. Онҳо худ дар ҷараёни гуфтугӯ бо ӯ хабар дода буданд, ки бародари падарӣ низ доранд. Онгоҳ Юсуф эҳсон ва хубии худро ба онҳо дар мавриди комил додани паймона ва гиромидошти онҳо ёдовар шуд ва афзуд, ки ба хубӣ донистед, ки ман беҳтарин мизбонам, ки аз меҳмонон ба хубӣ пазирой намуда ва бар замми ин бо намояндагон тухфаҳо ва ҳадяҳо низ медиҳам. Бинобар ин ҳақ дорам, ки хостаамро дар мавриди овардани бародаратон баровард созед. Аммо агар бародари падариатонро наёвардед, баъд аз он барои шумо паймона нахоҳам кард ва меҳмоние наздам нахоҳед дошт, на ба қасрам наздик шавед ва на ба хонаам дароед. Бародаронаш гуфтанд, ки тамоми талош ва тавони худро ба кор хоҳем бурд то падарамонро дар фиристоданаш бо мо қонеъ кунем.

Юсуф бо ғуломони худ дастур дод, ки пинҳонӣ баҳои ончиро, ки аз бародаронаш гирифтаанд дар даруни колояшон бигзоранд, шояд баъд аз он ки бубинанд баҳопулӣ бо колояшон баргардонида шудааст, ба карам ва бузургвориам пай бурда ва ба тамаъи (чашмдошт ё умед) афзоиши ин карам дубора назди ман баргарданд ва ҳамчунон бар овардани бародар низ кӯшиши бештар пайдо кунанд, зеро эҳсон ва хубӣ аз нишонаҳои ахлоқи инсонианд ва инсонро водор мекунанд, ки аксуламали хубе нишон диҳад.

***Огоҳӣ:*** Гарчанде, ки баъзе аз уламо ва муаррихон бар он назаранд, ки бародари кучаки Юсуф алайҳиссалом Бинямин (ё Бенёмин) ном дошт, аммо ин матлаб дар Қуръон ва ҳадисҳои саҳеҳ ворид нашудааст.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бародарони Юсуф, ки дар сарзаминашон хушкӣ омада буд, ба Миср барои озуқа омаданд ва ба назди ӯ рафтанд, ки Юсуф онҳоро шинохт ва аммо онҳо ӯро нашинохтанд." (58)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Шинохти Юсуф бародаронашро далел бар камоли заковат ва ҳушмандии Юсуф алайҳиссалом аст, зеро аз миён солҳо гузашта буд ва чеҳра ва вазъи онҳо тағйир ёфта буд.
- Ишора ба он аст, ки Юсуф алайҳиссалом худ корҳоро таҳти назорат мегирифтааст ва ҳар муҳтоҷро худ истиқбол мекардааст.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф ҳангоме, ки барои онҳо як шутур бор аз таъом ва ғалла муҳайё сохт, гуфт: "Бародари падариятонро низ дар сафари баъдӣ назди ман биёваред, оё намебинед, ки паймонаро комил адо мекунам ва беҳтарин мизбонам?"" (59)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Машрӯъияти (дуруст будани) зиёфат кардани меҳмон, ки ин амал суннати Паёмбарамон алайҳиссалом низ ҳаст ва шариъати мо бар ин ташвиқ ва иқрор мекунад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Пас агар бародаратонро назди ман наёваред, паймонае аз таъоме назди ман нахоҳед ёфт ва ба ман наздик машавед." (60)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки онҳо аз шароит ва аҳволи худ ба Юсуф алайҳиссалом хабар додаанд ва бар асоси ин гуфтаҳо Юсуф аз онҳо бародари худро талаб кард.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Гуфтанд: "Мо ӯро бо кӯшиши зиёд аз падараш хоҳем хост ва ин корро ҳатман иҷро хоҳем кард."" (61)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки Яъқуб алайҳиссалом баъди Юсуфро аз даст додан, ба бародари хурдии ӯ хело аҳамияти зиёд дода, тоқати ҷудоии ӯро надошт.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф ба ходимони худ гуфт: "Сармояашонро, ки ба ивази озуқа дода буданд дар борҳояшон пинҳонӣ бимонед, бошад, ки назди хонаводаашон бозгарданд, он сармояашонро бишиносанд ва меҳмондории моро қадр карда, дубора боз оянд." (62)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Табиати инсонӣ дар баробари хубӣ хубӣ кардан аст ва муомалаи хуб ва хубӣ кардан дар асл инсонро ҷалб мекунад, то ӯ низ бо амали хубӣ аксуламал нишон диҳад ва ин яке аз ҳикматҳои Юсуф алайҳиссалом дар муомила бо бародаронаш буд.

## Ояти 63 то 66

فَلَمَّا رَجَعُوٓاْ إِلَىٰٓ أَبِيهِمۡ قَالُواْ يَٰٓأَبَانَا مُنِعَ مِنَّا ٱلۡكَيۡلُ فَأَرۡسِلۡ مَعَنَآ أَخَانَا نَكۡتَلۡ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ٦٣ قَالَ
هَلۡ ءَامَنُكُمۡ عَلَيۡهِ إِلَّا كَمَآ أَمِنتُكُمۡ عَلَىٰٓ أَخِيهِ مِن قَبۡلُۖ فَٱللَّهُ خَيۡرٌ حَٰفِظٗاۖ وَهُوَ أَرۡحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ٦٤
وَلَمَّا فَتَحُواْ مَتَٰعَهُمۡ وَجَدُواْ بِضَٰعَتَهُمۡ رُدَّتۡ إِلَيۡهِمۡۖ قَالُواْ يَٰٓأَبَانَا مَا نَبۡغِيۖ هَٰذِهِۦ بِضَٰعَتُنَا رُدَّتۡ إِلَيۡنَا
وَنَمِيرُ أَهۡلَنَا وَنَحۡفَظُ أَخَانَا وَنَزۡدَادُ كَيۡلَ بَعِيرٖۖ ذَٰلِكَ كَيۡلٞ يَسِيرٞ ٦٥ قَالَ لَنۡ أُرۡسِلَهُۥ مَعَكُمۡ حَتَّىٰ تُؤۡتُونِ
مَوۡثِقٗا مِّنَ ٱللَّهِ لَتَأۡتُنَّنِي بِهِۦٓ إِلَّآ أَن يُحَاطَ بِكُمۡۖ فَلَمَّآ ءَاتَوۡهُ مَوۡثِقَهُمۡ قَالَ ٱللَّهُ عَلَىٰ مَا نَقُولُ وَكِيلٞ ٦٦

"Пас чун назди падар бозгаштанд, гуфтанд: "Эй падар, паймона бар мо манъ карда шуд. Бародарамонро бо мо бифирист, то паймона бозгирем ва ҳамоно, мо нигаҳдори ӯ ҳастем." (63) "Яъқуб гуфт: "Оё ман дар бораи ӯ шуморо бовар бикунам, ҳамон гуна, ки қаблан дар бораи бародараш Юсуф ба шумо бовар карда будам. На, ман ба аҳди шумо бовар намекунам, балки ба Аллоҳ таваккул менамоям, ки Аллоҳ беҳтарин нигаҳбон ва меҳрубонтарини меҳрубонон аст." (64) "Ҳангоме ки борҳои худро кушоданд, сармояи худро дар дохилашон ёфтанд, ки ба онҳо бозгардонида шудааст. Гуфтанд: "Эй падари мо, беш аз ин чӣ мехоҳем? Ин сармояи мо аст, ки ба сӯи мо бозгардонида шудааст, пас бигузор то бори дигар биравем ва барои хонаводаҳои худ озуқа биёварем. Бародари худро нигаҳбонӣ мекунем ва ҳамчунин як шутур бор бештар меёрем (зеро барои ҳар нафаре як шутур бор дода мешавад) ва ба даст овардани ин бор бароямон осон аст."" (65) "Яъқуб гуфт: "Ҳаргиз ӯро бо шумо намефиристам, то бо ман ба номи Аллоҳ паймоне бибандед ва ба номи Ӯ қасам ёд кунед, ки бародаратонро ба назди ман бозмегардонед. Магар дар ҳолате, ки чизе бар сари шумо ояд ва ҳама ба он гирифтор шавед ва тавоноии аз он халос шуданро надошта бошед." Чун аҳди хешро доданд, Яъқуб гуфт: "Аллоҳ бар ончи мегӯем, гувоҳ аст!" (66)

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Талаби фарзандон аз Яъқуб алайҳиссалом барои бурдани бародари хурдиашон ва ҷавоби падар.*

Аллоҳ таъоло мефармояд, ки чун бародарони Юсуф ба назди падар бозгашта ва гиромидошти азизи Миср, хубии ахлоқ ва рафтори болои ӯро ба падар гуфтанд ва баён карданд, ки ӯ ҳаргиз бори дигар онҳоро икром нахоҳад кард ва ҳаргиз барояшон озуқа нахоҳад фурӯхт, магар дар он сурат, ки бародари падарии худро наздаш бубаранд, онҳо аз падар дархост карданд, ки бародари дигарашонро низ ба мақсади дидор бо азизи Миср ҳамроҳашон ба онҷо бифиристад, то ин бор ҳам озуқаи кофӣ биёранд, зеро барои ҳар нафаре як шутур бор дода мешуд. Бар замми ин гуфтанд, ки эй падар бо ту аҳд мебандем, ки бародари худро муҳофизат карда ва аз ӯ ба хубӣ нигоҳбонӣ мекунем. Падарашон ба онҳо гуфт, ки чигуна шуморо бовар кунам, дар ҳоле, ки шумо пеш аз ин дар мавриди Юсуф бар ман хиёнат кардаед?! Ҳаргиз ба ваъдаи шумо боварӣ накарда, сухани шуморо тасдиқ наменамоям ва ҳаргиз ба нигаҳбонии шумо такя накарда, балки ба ҳифз ва нигаҳбонии Аллоҳ такя менамоям, ки Аллоҳ таъоло беҳтарин нигаҳбон аст, чуноне ки Ӯ ба раҳмати хеш Юсуфро ҳифз карда ва ӯро назди ман бармегардонад. Вақте онҳо борҳояшонро кушоданд, сармояашонро дар дохилашон ёфтанд, ки ба онон бозгардонда шудааст. Гуфтанд: "Падарҷон, беш аз ин чӣ мехоҳем? Ин сармояи мост, ки ба мо бозгардонданд. Пас мо меравем то барои хонаводаамон ғалла биёварем, аз бародарамон низ нигаҳбонӣ мекунем ва ба ваъдаи мо бовар бикун. Илова бар ин азизи Миср як шутур бори дигар изофа мекунад, зеро азизи Миср дар хушксолӣ ба ҳар шахс танҳо як шутур бор медиҳад." Яъқуб ба онҳо гуфт: "Ҳаргиз ӯро бо шумо намефиристам то ба Аллоҳи бузург қасам ёд

кунед, ки ҳамон гунае, ки бо худ ӯро мегиред, ҳамон тавр ӯро ба ман боз мегардонед, магар ин ки ҳамаи шумо мағлуб ва ҳалок шавед, ки дар ин ҳолат маъзуред." Вақте фарзандон барои падар қасами вазнин ёд карда ва аҳд карданд, пас Яъқуб гуфт: "Аллоҳ барончи гуфтаем гувоҳ аст, бар Ӯ таваккул карда, корамонро ба ӯ месупорем ва ӯ моро басанда ва кофӣ аст."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Пас чун назди падар бозгаштанд, гуфтанд: "Эй падар, паймона бар мо манъ карда шуд. Бародарамонро бо мо бифирист, то паймона бозгирем ва ҳамоно, мо нигаҳдори ӯ ҳастем." (63)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора бар вазнин будани ҳаёти маишии хонадони Яъқуб алайҳиссалом мекунад, зеро ӯ дубора аз ночорӣ фарзанди худро бо дасти касоне дод, ки бовариро аз онҳо аз даст дода буд.
- Ишора бар вазнин ва сахт будани мусибат ва имтиҳон бар солеҳон аст.
- Далолат бар ночиз ва ҳақир будани молу мулки дунё дар назди Аллоҳ таъолост, зеро агар дунё қадру қимате медошт, пас онро бар ҳамаи дӯстон ва авлиёи худ монанди анбиё ва солеҳин фаровон мегардонид.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб гуфт: "Оё ман дар бораи ӯ шуморо бовар бикунам, ҳамон гуна, ки қаблан дар бораи бародараш Юсуф ба шумо бовар карда будам. На, ман ба аҳди шумо бовар намекунам, балки ба Аллоҳ таваккул менамоям, ки Аллоҳ беҳтарин нигаҳбон ва меҳрубонтарини меҳрубонон аст." (64)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Гуфтаи Яъқуб алайҳиссалом, ки **"Аллоҳ беҳтарин нигоҳбон аст..."** далолат бар он мекунад, ки Яъқуб алайҳиссалом иҷозат бар рафтани

бародари Юсуф кардааст ва ҳамчунин ишора ба он аст, ки Яъқуб алайҳиссалом медонист, ки Юсуф алайҳиссалом зинда аст.

- Далел бар он аст, ки мусалмон бояд корҳояшро ба Аллоҳ биспорад ва боварии комил ба Ӯ таъоло дошта бошад.

- Далел аст, ки гумони бад кардан ба касе, ки қаблан аз ӯ нишонаҳои гуноҳеро дида бошем, ҳаром ва гуноҳ ҳисобида намешавад. Мисле, ки бародарони Юсуф алайҳиссалом ӯро аз падар ҷудо карданд ва Яъқуб алайҳиссалом ин амали онҳоро ҳамчун нишона ва қарина барои бародари хурдияшон ҳисобид ва ба осонӣ иҷоза надод, то фарзандонаш бародари хурдияшонро бо худ ба Миср бубаранд.

- Далел бар он аст, ки барои таъкид кардани амал ва барои боварии комил ба даст овардан, ҷоиз аст инсон ба Аллоҳ таъоло қасам ёд бикунад, хусусан ҳангоми аҳду паймон ва ҳамчунин ҷоиз аст дар қасам истисно кардани чизҳое, ки дар ихтиёри инсон нестанд.

- Баёни қуввати таваккул ва эътимоди Яъқуб алайҳиссалом ба Аллоҳ таъоло, ба маърифати Ӯ ва ба асмову сифоти Ӯ таъоло.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме ки борҳои худро кушоданд, сармояи худро дар дохилашон ёфтанд, ки ба онҳо бозгардонида шудааст. Гуфтанд: "Эй падари мо, беш аз ин чӣ мехоҳем? Ин сармояи мо аст, ки ба сӯи мо бозгардонида шудааст, пас бигузор то бори дигар биравем ва барои хонаводаҳои худ озуқа биёварем. Бародари худро нигаҳбонӣ мекунем ва ҳамчунин як шутур бор бештар меёрем (зеро барои ҳар нафаре як шутур бор дода мешавад) ва ба даст овардани ин бор бароямон осон аст."" (65)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки бародарони Юсуф алайҳиссалом медонистанд, ки Юсуф алайҳиссалом моли онҳоро қасдан баргардондааст, зеро гуфтанд: **"Эй Падари мо, беш аз ин чӣ мехоҳем?!"**

- Далел аст, ки хубӣ, карам ва меҳмоннавозӣ як муҳаббати хуб ва таъсири хоси худро дорад.

- Ишора бар қадр ва қимати боварӣ ва рост будан дар гуфтор ва кирдор, хусусан дар аҳду вафоро мекунад, зеро фарзандони Яъқуб алайҳиссалом боварӣ ва аҳду вафоии хешро назди падар аз даст дода буданд, бар асоси ҳамин далелҳои зиёдеро пешниҳод мекарданд, то падар дубора онҳоро бовар бикунад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб гуфт: "Ҳаргиз ӯро бо шумо намефиристам, то бо ман ба номи Аллоҳ паймоне бибандед ва ба номи Ӯ қасам ёд кунед, ки бародаратонро ба назди ман бозмегардонед. Магар дар ҳолате, ки чизе бар сари шумо ояд ва ҳама ба он гирифтор шавед ва тавоноии аз он халос шуданро надошта бошед." Чун аҳди хешро доданд, Яъқуб гуфт: "Аллоҳ барончи мегӯем, гувоҳ аст!" (66)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Аҳд гирифтани Яъқуб алайҳиссалом аз фарзандонаш, ин истифодаи сабаб дар корҳост, ки ин амал худ таваккул кардан ба Аллоҳ таъоло мебошад.

- Далел аст бар ҷоиз будани аҳду паймон дар корҳои муҳим, гарчанде, ки аҳду паймон байни наздиктарин ашхос сурат бигиранд.

## Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло

*Дар ин қисмат номҳои зерини Аллоҳи муттаъол зикр мешаванд: "Ал-Ҳофиз", "ал-Ҳафиз" ва "ал-Вакил".*

Дар ояти 64 зикри ин ду номи зебои Аллоҳ таъоло ворид шудаанд:

1. Исботи номи "ал-Ҳофиз" ва "ал-Ҳафиз". Исми ал-Ҳофиз 3-маротиба ва исми ал-Ҳафиз низ 3-маротиба дар Қуръон омадааст.

2. Ин 2-номи зебо далолат мекунанд, ки Аллоҳ таъоло ба сифати ҳифз (الحفظ) васф шудааст ва сифати "ҳифз" аз номҳои ал-Ҳофиз ва ал-Ҳафиз' гирифта шуда ва ин сифат ду чизро шомил мешаванд:

а) Ҳифзи тамоми маълумот, ба гунае ки ҳеҷ чиз бар Ӯ таъоло пинҳон намемонад ва зидди ин сифат фаромӯшӣ аст, ки Аллоҳ таъоло худро аз фаромӯшӣ ба покӣ ёд кардааст, зеро илм ва ҳифзи Ӯ таъоло комил аст, чуноне ки худ фармудааст: **"Парвардигорат ҳаргиз фаромӯшкор нест."** (Марям, 64)

б) Аллоҳ таъоло ҳофиз ва нигаҳдори махлуқоти осмону замин ва он чизест, ки байни онҳо вуҷуд дорад, то муддате, ки ин махлуқот дар дунё боқӣ бимонанд ва аз байн нараванд. Фармудаи Аллоҳ таъолост: **"Нигаҳдории замин ва осмон Ӯро хаста намекунад..."** (Бақара, 255)

3. Маъно: Ӯ таъоло зотест, ки осмону замин ва он чизе ва касе, ки дар он аст, ҳифз мекунад, амалҳои бандагонро низ чи бад бошанд ё нек ҳифз мекунад ва бандагони мӯъминашро аз ҳалокатҳо, шайтонҳо ва аз воқеъ шудан дар гуноҳон ҳифз мекунад.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи ал-Ҳофиз ва ал-Ҳафиз:

- Вақте банда донист, ки Парвардигораш ҳофиз ва ҳафиз аст, Аллоҳ таъолоро ба ин ду ном васила қарор дода, аз Аллоҳ таъоло талаб мекунад то дар дин, ҷон, ақл, номус ва дар моли худ дар амон бимонад, зеро ӯ медонад, ки амалҳои неку бад назди Аллоҳ таъоло ҳифз ва нигаҳдорӣ мешаванд. Бо ин ду ном ҳамчунин банда метавонад барои дигарон низ дуъо намояд ва бо ин роҳ ӯ Аллоҳро ибодат мекунад, ки ин

роҳ яке аз дӯсдоштатарини роҳҳои ибодат дар назди Аллоҳ таъоло ба шумор меравад.

- Гумони нек кардан ба Аллоҳ таъоло, ки Аллоҳ ӯро аз тамоми балоҳо ва мусибато ҳифз карда ва ӯро дар паноҳи худ нигоҳ мекунад, ки ин навъ ибодат худ як навъ нусрат ёфтан дар зиндагӣ мебошад, зеро Аллоҳ таъоло худ дар ҳадиси қудсӣ чунин мефармояд: ***"Ман нисбат ба бандаам, он гунае ҳастам, ки бандаам нисбат ба ман гумон мекунад."*** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 4315)

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи ал-Ҳофиз ва ал-Ҳафиз. Ҳангоме ки банда умури 5-гонаро дар боби маърифати Аллоҳ донист ва аз худ кард, бояд дар ӯ нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Аллоҳ таъолоро дар гуфтор ва дар амалҳо ба ёд овардан, зеро рафтор ва амалҳои банда бояд ба тарзе бошанд, ки Аллоҳ аз онҳо розӣ бошад, чун ҳамаи гуфтор ва кирдорҳо дар назди Аллоҳ навишта ва маҳфуз мемонанд.

- Бузург шумуридани Аллоҳ ва ибодати Ӯ, чун Ӯ зотест, ки ҳифзи замину осмон ва ҳифзи ҷонҳо дар дасти Ӯст.

- Рост ва содиқ будан дар таваккул ба Аллоҳ таъоло, чун Ӯ таъоло зотест, ки ҳар касеро ҳифз ва нигоҳ бикунад, пас ӯ наҷот ва комёб мешавад ва ҳар касеро, ки тарк бикунад, пас ӯ ҳалок ва нобуд мешавад.

- Гирифтани сабабҳои ҳифзи Аллоҳ таъоло барои банда, ки бузургтарини онҳо тавҳиди Ӯ таъолост ва амал кардан ба он амалҳое, ки Аллоҳ онҳоро дӯст медорад ва дурӣ кардан аз он амалҳо ва гуфторҳое, ки Аллоҳ бар онҳо ғазаб мекунад ва онҳоро бад мебинад ва ҳамчунин ҳифзи Аллоҳ таъоло дар ҳаромкардаҳо, дар дин ва дар шариъаташ. Паёмбар алайҳиссалом дар робита бо ин масъала дар васияти худ ба ибни Аббос разияллоҳу анҳу фармуд: ***"Аллоҳро ҳифз***

***кун ва дар муқобил Аллоҳ низ туро ҳифз мекунад."*** (Саҳеҳи Тирмизӣ, 2043)

- Муҳаббат ва дӯст доштани Аллоҳ таъоло ва ҳамду сано ва шукронаи Ӯ таъоло барои ҳифзи бандагонаш аз бадиҳо ва аз офатҳо.

Дар ояти 66 зикри номи "ал-Вакил" ворид шудааст:

1. Дар ин оят исботи номи "ал-Вакил" мебошад ва исми ал-Вакил дар Қуръон 14-маротиба зикр шуда, аммо исми ал-Кафил танҳо 1-маротиба омадааст.

2. Ин номи зебо далолат мекунад, ки Аллоҳ таъоло низ ба сифати вакил (**الوكيل**) васф шудааст ва сифати "вакил" аз номи "ал-Вакил" гирифта шуда ва ал-Вакил аз ҷумлаи сифатҳои феълии Аллоҳ таъолост.

3. Маъно: Ал-Вакил сарпарастест, ки ҳамаи халқашро идора мекунад, кафолатдиҳанда ба ризқҳояшон аст, ҳоҷатҳои ононро бароварда месозад ва Ӯ таъоло зотест, ки паноҳ медиҳад барои он касе, ки аз Ӯ паноҳ талаб мекунад. Дӯстонашро низ сарпарстӣ мекунад, ононро ба роҳҳои осон тавфиқ медиҳад ва аз роҳҳои душвор дӯр месозад ва умури онҳоро кифоягӣ мекунад. Номи "ал-Кафил" ҳаммаънои номи "ал-Вакил" мебошад, ки ба маъноҳои шоҳид, ҳифзкунанда ва зомин (замонатдеҳ) низ шарҳ дода мешавад. Вакил ҳамчунин ба маънои кофӣ ва кафил буда, бар 2-навъ меояд:

а) Ба маънои ом, яъне зоте, ки зомини ризқ ва рӯзии тамоми махлуқот аст, корҳои ҳастиро тадбир ва идора мекунад ва дар онҳо тасарруф менамояд, ки ин навъ дар ин фармудаи Аллоҳ таъоло баён шудааст: **"Аллоҳ бар ҳама чиз нигаҳбон аст."** (Ҳуд, 12)

б) Ба маънои хос, яъне Аллоҳ беҳтарин кифояткунанда барои касонест, ки ба Ӯ паноҳ мебаранд ва беҳтарин ҳифозаткунанда барои касеност, ки

аз Ӯ кумак мехоҳанд. Ин кифоят ва ҳифозат махсуси бандагони мӯъмини таваккулкунанда аст, ки ин навъ дар ин фармудаи Аллоҳ таъоло баён шудааст: **"Бар Аллоҳ таваккул кун ва Ӯ ёридиҳанда ва мудофеъи кофӣ аст."** (Нисо, 81)

4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи "ал-Вакил":

- Бешак ҳар касе ба Аллоҳ рост ва содиқ бошад ва Аллоҳро ба унвони кафили худ интихоб кунад, ҳатман Парвардигори ҷаҳон ӯро кумак менамояд, ба гунае ки шояд худи банда онро нафаҳмад, корҳояшро осон мегардонад.
- Таваккул бар Аллоҳи ягона, яъне супоридани тамоми умур ба Ӯ таъоло ва эътимод ва боварӣ бар Ӯ дар ҷалби неъматҳо ва дар дур кардани зарарҳо ва мусибатҳо, ки ин яке аз дараҷоти бузург ва боарзиши дин ва яке аз фарзҳои илоҳӣ ва вазифаҳои бандагон ба ҳисоб меравад ва бояд холисона барои Аллоҳ анҷом дода шавад.
- Таваккул асл ва пояи тамоми дараҷоти дин ба шумор меравад ва имон, дараҷот ва амалҳо низ танҳо бар пояи таваккул боқӣ мемонанд.
- Ҳақиқати таваккул, ки ин амал ва ибодати қалбиест, ки банда бар Аллоҳ эътимод дошта бошад, ба Ӯ паноҳ бубарад ва ба ончи Аллоҳ ҳукм бикунад, розӣ бошад.
- Ҳақиқати таваккул он аст, ки банда ҳамеша корҳояшро ба Аллоҳ месупорад ва худаш сабабҳои лозимаро барои расидан ба натиҷаҳои хуб ба кор мегирад ва дар натиҷа ҳатман Аллоҳ барои ӯ беҳтарин интихоби хубро муяссар мегардонад.

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "ал-Вакил": Ҳангоме ки банда умури 5-гонаро дар боби маърифати Аллоҳ донист ва аз худ кард, бояд дар ӯ нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Таваккул намудан дар асл аз ду бахши асосӣ иборат аст, ки дар ҳолати амалӣ нашудани яке аз онҳо, таваккул ба Аллоҳ таъоло комил намебошад.

а) Яке эътимод ва боварии мутлақ мебошад ва боварӣ ба он маъно, ки Аллоҳ таъоло ҳарчи бихоҳад анҷом медиҳад ва эътимод бар ин ки Аллоҳ таъоло анҷомдиҳандаи онҳост.

б) Дигаре гирифтани сабабҳои лозим дар корҳоест, ки банда ба гирифтани онҳо амр шудааст ва ҳамчунин дурӣ аз сабабҳои номашрӯъ ё ғайри муносиб, ки ин ду фармуда дар ин сухани Аллоҳ таъоло баён шудаанд: **"Пас Аллоҳро ибодат кун ва бар Ӯ таъоло паноҳ бубар ва таваккул кун..."** (Ҳуд, 123)

- Таваккул бояд дар тамоми корҳои динӣ ва дунявии мӯъмин ҳамроҳ бошад, зеро он яке аз шартҳои қабули имондорӣ ба ҳисоб меравад ва он бар ду навъ аст:

а) Таваккул бар Аллоҳ таъоло барои ба даст овардани ниёзҳо ва баҳраҳои дунявӣ ё таваккул барои дур кардани мушкилот ва мусибатҳо.

б) Таваккули бар Аллоҳ барои ба даст овардани ончизе, ки Ӯ таъоло онро дӯст медорад, монанди имон, намоз, рӯза, ҳаҷ, даъват ва ғайра.

Ин ду навъ таваккул дар фармудаи Аллоҳ таъоло баён шудаанд: **"Эй Аллоҳ, танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту талаби кумак мекунем."** (Фотиҳа, 5)

- Бояд танҳо аз Аллоҳ кумак бихоҳем ва танҳо бар Ӯ паноҳ бубарем ва таваккул кунем, зеро ҳеҷ тавоне барои анҷоми кори нек ва бозгашт аз гуноҳ вуҷуд надорад, магар ба ирода ва қудрати Ӯ таъоло.

Баёни ин ҳолатҳо ва навъҳои таваккул ба Аллоҳи муттаъол дар ин қисса алҳамдулиллоҳ, ки ошкор ва равшананд.

## Ояти 67 то 68

وَقَالَ يَٰبَنِيَّ لَا تَدۡخُلُواْ مِنۢ بَابٖ وَٰحِدٖ وَٱدۡخُلُواْ مِنۡ أَبۡوَٰبٖ مُّتَفَرِّقَةٖۖ وَمَآ أُغۡنِي عَنكُم مِّنَ ٱللَّهِ مِن شَيۡءٍۖ
إِنِ ٱلۡحُكۡمُ إِلَّا لِلَّهِۖ عَلَيۡهِ تَوَكَّلۡتُۖ وَعَلَيۡهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُتَوَكِّلُونَ ٦٧ وَلَمَّا دَخَلُواْ مِنۡ حَيۡثُ أَمَرَهُمۡ أَبُوهُم
مَّا كَانَ يُغۡنِي عَنۡهُم مِّنَ ٱللَّهِ مِن شَيۡءٍ إِلَّا حَاجَةٗ فِي نَفۡسِ يَعۡقُوبَ قَضَىٰهَاۚ وَإِنَّهُۥ لَذُو عِلۡمٖ لِّمَا
عَلَّمۡنَٰهُ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٦٨

**"Падарашон гуфт: "Эй писарони ман, ҳангоме ки ба Миср расидед, аз як дарвоза дохил нашавед, балки аз дарвозаҳои гуногун дохил шавед, то бар шумо чашме нарасад. Наметавонам чизеро, ки Аллоҳ бар шумо муқаррар кардааст, аз шумо дур кунам ва ҳеҷ фармоне ҷуз фармони Аллоҳ нест. Бар Ӯ таваккул кардам ва таваккулкунандагон бар Ӯ таваккул мекунанд." (67) "Аз ҷое, ки падар фармон дода буд, дохил шуданд, ин кор қазо ва ҳукми Аллоҳро бар онҳо бартараф накард. Танҳо ниёзе, ки дар замири Яъқуб буд ва ӯ онро ошкор сохт, он буд, ки ӯ метарсид ба фарзандонаш чашм нарасад. Ҳамоно Яъқубро илме буд, ки мо ба ӯ омӯхта будем, вале бештари мардум намедонанд." (68)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Супориши Яъқуб алайҳиссалом ба фарзандонаш то ин ки онҳо аз дарҳои гуногун вориди Миср бишаванд.*

Аллоҳ таъоло мефармояд, ки Яъқуб ба хотири бисёр будани фарзандонаш, ки ба онҳо чашми бад нарасад, барояшон супориш дод ва гуфт: "Эй фарзандони ман! Ҳангоме ки ба Миср ё ба қасри азизи Миср ворид мешавед, ҳама аз як дарвоза ворид нашавад, балки аз дарвозаҳои мухталиф ворид шавед. Аммо барномарези ҳақиқӣ ва сарнавиштсоз ҳамоно Аллоҳи яктост, ки ҳеҷ баргардонандае барои қазои Ӯ таъоло вуҷуд надорад, вале мо вазифадорем, ки сабабҳоро ба кор гирифта, бар сабабқарордиҳандаи сабабҳо таваккул намоем. Бинобар ин таваккули

мо фақат бар Ӯст ва ҳар мӯъмини муваҳҳид низ бар Ӯ таваккул мекунад." Онҳо ҳамон гунае, ки падар супориш карда буд, аз дарвозаҳои мухталиф ворид шуданд ва ин супориши падар барои он набуд, ки Яъқуб бо ин тавсия чизе аз қазои ҳатмии Аллоҳро рад намояд, балки барои он буд, ки дар нафси Яъқуб тарс ва нигаронӣ вуҷуд дошт, ки шояд писаронашро чашми бад бирасад ва хост он парешониеро, ки дар дилаш қарор дошт, бароварда созад. Бегумон Яъқуб алайҳиссалом аз дониши нофеъ, фаҳм ва хиради комили илоҳӣ бархӯрдор буд, вале аксари мардум аз оқибати корҳо, аз изҳори назарҳо ва аз мақсади ҳукмҳо огаҳӣ надоранд, балки ин Яъқуб ва монанди ӯ инсонҳо ҳастанд, ки аз ин гуна амрҳо огоҳанд.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Падарашон гуфт: "Эй писарони ман, ҳангоме ки ба Миср расидед, аз як дарвоза дохил нашавед, балки аз дарвозаҳои гуногун дохил шавед, то бар шумо чашме нарасад. Наметавонам чизеро, ки Аллоҳ бар шумо муқаррар кардааст, аз шумо дур кунам ва ҳеҷ фармоне ҷуз фармони Аллоҳ нест. Бар Ӯ таваккул кардам ва таваккулкунандагон бар Ӯ таваккул мекунанд." (67)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора бар он аст, ки мусалмон бояд дар тамоми корҳояш ҳазар ва эҳтиётро пеша кунад.
- Далел аст, ки мусалмон бояд чанг ба сабабҳои шаръӣ ва кавнӣ зада ва натиҷаи онро ба тақдири илоҳӣ вогузор кунад.
- Ин оят далолат мекунад, ки барои ҳар мусалмон воҷиб аст, ки бародари худро аз он ҳодисае, ки эҳтимоли воқеъ шуданаш бошад ҳазар ва огоҳ кунад ва ҳамчунин ӯро ба роҳҳои наҷот ва амн роҳнамоӣ карда, аз

бадиҳо дур нигоҳ дорад, зеро дини Ислом дини насиҳат буда ва мусалмон бародари мусалмон аст.

- Дар гуфтаи Яъқуб алайҳиссалом **"Наметавонам чизеро, ки Аллоҳ бар шумо муқаррар кардааст, аз шумо дур кунам..."**, ин нишона аз одоб ва устуворӣ дар амрҳои илоҳист, ки Аллоҳ таъоло моро ба гирифтани сабабҳо ва эҳтиёт кардан аз бадиҳо амр кардааст. Яъқуб алайҳиссалом ин тавсияро кард, аммо яқин дошт, ки ончи Аллоҳ таъоло бихоҳад, ҳатман ҳамон иҷро мешавад.

- Ин оят далел бар исботи ҳақ будани чашм ва ҳамчунин ҳазар кардан аз он мебошад.

- Гирифтани сабаб дар шариъат яке аз намудҳои ибодат ба шумор рафта, дорои шартҳоест, ки ҳар як банда бояд аз онҳо огоҳӣ дошта бошад, то ин ки дар тавҳиди улуҳияташ халал эҷод нашавад. Сабабҳо умуман бар 2-навъ тақсим мешаванд:

1. Сабабҳои шаръӣ, монанди руқияи шаръӣ, ки Аллоҳ таъоло руқияро барои рафъӣ беморӣ қарор додааст ва ҳамчунин дуъо, ки аз Аллоҳ талаби кумак карда мешавад.
2. Сабабҳои ҳиссӣ, монанди дору, ки Аллоҳ таъоло онро низ сабабе барои шифо ёфтан қарор додааст.

- Ҷоиз будани тарс ва эҳтиёт кардан аз чашм, ки албатта бо эътиқоде, ки ҳар чизе бо хости Аллоҳ таъоло анҷом меёбад.

- Дар инҷо мақсад аз ҳукми Аллоҳ, ҳукми кавнист, ки ҳатман он иҷрошаванда аст ва банда дар иҷрои он ихтиёр надорад, зеро бандаро Аллоҳ таъоло танҳо дар ҳукми шаръӣ ё динӣ ихтиёр додааст.

- Воҷиб будани таваккул намудан ба Аллоҳ таъоло ва оқибати корҳоро ба Ӯ таъоло таслим кардан.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Аз ҷое, ки падар фармон дода буд, дохил шуданд, ин кор қазо ва ҳукми Аллоҳро бар онҳо бартараф накард. Танҳо ниёзе, ки дар замири Яъқуб буд ва ӯ онро ошкор сохт, он буд, ки ӯ метарсид ба фарзандонаш чашм нарасад. Ҳамоно Яъқубро илме буд, ки мо ба ӯ омӯхта будем, вале бештари мардум намедонанд." (68)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Баёни фазли илм ва аҳли он, чун уламо ва аҳли илм мардумро ба Аллоҳ ва ба корҳои наҷотбахш ёдовар ва огоҳ мекунанд.

- Иқрор шудан ба он, ки аксари мардум ҳақиқатро намедонанд.

- Далел аст, ки анбиёҳо аз оқибати корҳо ва аз илми ғайб огоҳӣ надоранд ва монанди мардуми дигар, оқибати корҳоро ба Аллоҳ месупоранд.

## Ояти 69 то 77

وَلَمَّا دَخَلُواْ عَلَىٰ يُوسُفَ ءَاوَىٰٓ إِلَيۡهِ أَخَاهُۖ قَالَ إِنِّىٓ أَنَا۠ أَخُوكَ فَلَا تَبۡتَئِسۡ بِمَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٦٩ فَلَمَّا
جَهَّزَهُم بِجَهَازِهِمۡ جَعَلَ ٱلسِّقَايَةَ فِى رَحۡلِ أَخِيهِ ثُمَّ أَذَّنَ مُؤَذِّنٌ أَيَّتُهَا ٱلۡعِيرُ إِنَّكُمۡ لَسَٰرِقُونَ ٧٠ قَالُواْ
وَأَقۡبَلُواْ عَلَيۡهِم مَّاذَا تَفۡقِدُونَ ٧١ قَالُواْ نَفۡقِدُ صُوَاعَ ٱلۡمَلِكِ وَلِمَن جَآءَ بِهِۦ حِمۡلُ بَعِيرٖ وَأَنَا۠ بِهِۦ زَعِيمٞ
٧٢ قَالُواْ تَٱللَّهِ لَقَدۡ عَلِمۡتُم مَّا جِئۡنَا لِنُفۡسِدَ فِى ٱلۡأَرۡضِ وَمَا كُنَّا سَٰرِقِينَ ٧٣ قَالُواْ فَمَا جَزَٰٓؤُهُۥٓ إِن كُنتُمۡ
كَٰذِبِينَ ٧٤ قَالُواْ جَزَٰٓؤُهُۥ مَن وُجِدَ فِى رَحۡلِهِۦ فَهُوَ جَزَٰٓؤُهُۥۚ كَذَٰلِكَ نَجۡزِى ٱلظَّٰلِمِينَ ٧٥ فَبَدَأَ بِأَوۡعِيَتِهِمۡ قَبۡلَ
وِعَآءِ أَخِيهِ ثُمَّ ٱسۡتَخۡرَجَهَا مِن وِعَآءِ أَخِيهِۚ كَذَٰلِكَ كِدۡنَا لِيُوسُفَۖ مَا كَانَ لِيَأۡخُذَ أَخَاهُ فِى دِينِ ٱلۡمَلِكِ
إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُۚ نَرۡفَعُ دَرَجَٰتٖ مَّن نَّشَآءُۗ وَفَوۡقَ كُلِّ ذِى عِلۡمٍ عَلِيمٞ ٧٦ ۞ قَالُوٓاْ إِن يَسۡرِقۡ فَقَدۡ
سَرَقَ أَخٞ لَّهُۥ مِن قَبۡلُۚ فَأَسَرَّهَا يُوسُفُ فِى نَفۡسِهِۦ وَلَمۡ يُبۡدِهَا لَهُمۡۚ قَالَ أَنتُمۡ شَرّٞ مَّكَانٗاۖ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِمَا
تَصِفُونَ ٧٧

**"Ҳангоме ки бародарон назди Юсуф дохил шуданд, Юсуф бародарашро назди худ ҷой дод ва пинҳонӣ барояш гуфт: "Ҳамоно ман бародари ту ҳастам, аз коре, ки инҳо бар ман кардаанд, андӯҳгин мабош ва ин суҳбати моро ба ҳеҷ кас магӯй." (69) "Пас ҳангоме ки Юсуф борҳояшонро омода кард, ба ходимонаш фармуд, то зарферо пинҳонӣ дар дохили бори бародараш бигузоранд. Онгоҳ нидокунанда нидо кард: "Эй корвониён, ҳатман шумо дузд ҳастед."" (70) "Корвониён рӯй ба сӯи онҳо карда гуфтанд: "Магар чӣ гум кардаед?". (71) "Гуфтанд: "Зарфи подшоҳро, ки бо он паймона (андоза ё чен) мекард, гум кардаем ва ҳар ки онро биёварад, ӯро як бори шутур мукофотест ва гуфт нидокунанда, ки ман ба ин ваъда зоминам (кафилам)." (72) "Бародарони Юсуф гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ шумо худ медонед, ки мо барои фасод кардан ба ин сарзамини Миср наёмадаем ва дузд ҳам набудаем."" (73) "Пас маъмурон гуфтанд: "Агар дурӯғ гуфта бошед, пас ҷазои дузд чист?"" (74) "Бародарони Юсуф гуфтанд: "Сазояш ин аст, ки ҳар касе он паймона дар дохили бораш ёфт шавад, пас ӯ асир**

**мегардад ва мо касонеро, ки ба сабаби дуздӣ ба ҷони худ ситам мекунанд, дар динамон ингуна ҷазо медиҳем." (75) "Пас Юсуф ба кофтукови борхалтаҳояшон шурӯъ кард, пеш аз кофтани борхалтаи бародараш, баъд аз он дар охир паймонаро аз борхалтаи бародараш берун овард, ин гуна барои Юсуф тадбир омӯхтем, чунки Юсуф омода набуд, ки бародари худро дар дини подшоҳи Миср асир бигирад, аммо ин тадбир, яъне асир гирифтан, иродаи хоси Аллоҳ буд. Баланд мегардонем мартабаи ҳар касеро, ки бихоҳем ва болои ҳар соҳибилм боз донишманде ҳаст." (76) "Бародаронаш гуфтанд: "Мумкин аст, ки ӯ дуздӣ кунад, чунки бародараш Юсуф низ пеш аз ин дуздӣ кардааст." Юсуф дар ҷавоби суханони онҳо ҳеҷ изҳоре накард ва дар дилаш пинҳон дошт ва ба дили худ гуфт: "Шумо мақоми бадтаре доред ва Аллоҳ ба ончи, ки баён мекунед, донотар аст!"" (77)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Таслияти Юсуф алайҳиссалом ба бародари кучакаш, нигоҳ доштани ӯ назди хеш ва тӯҳмати бародаронаш ба Юсуф алайҳиссалом.*

Аллоҳ таъоло мефармояд: "Онгоҳ, ки фарзандони Яъқуб назди Юсуф ворид шуданд, ӯ бародари кучакашро назди худ ҷой дод ва пинҳонӣ ба ӯ гуфт: "Ман бародари падарӣ ва модарии ту ҳастам, пас аз ончи бародарон бо ман кардаанд, на тарсе дошта бош ва на андӯҳгин бош, зеро Аллоҳ бо мост ва оқибати хайр ва хубӣ насибамон хоҳад буд. Валокин рози миёни ман ва худро пинҳон нигоҳ дор, ки ба зудӣ Аллоҳ бо мо лутф карда ва моро ба ҳимояти хоси худ қарор хоҳад дод."" Пас Юсуф ҳангоме, ки озуқаҳои онҳоро омода мекард то назди падар баргарданд, ба коргаронаш дастур дод, ки зарфи обхӯрияшро пинҳонӣ дар борхалтаи бародараш бигзоранд! Вақте қасди бозгашт карданд,

нидокунандае садо зад: "Эй корвон! Ба яқин шумо дузд ҳастед. Биистад то ҳақиқати моҷаро ошкор шавад." Фарзандони Яъқуб ба ҷои нидокунанда бозгаштанд ва гуфтанд: "Чӣ гум кардаед, ки моро ба дуздии он муттаҳам мекунед" Садозанандаи Юсуф гуфт: "Зарфи обхӯрии шоҳро гум кардаем ва ҳар кас онро биёварад, ҷоизааш як бори шутур озуқа хоҳад буд ва ман додани ин ҷоизаро ба уҳдаи худ мегирам ва ин ҷоиза аз тарафи шоҳ муайян шудааст." Бародарони Юсуф гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ, ки шумо медонед ва аз ҳоли мо дар ин муддати меҳмонӣ огоҳ ҳастед, ки мо ин сарзамин барои фасод ва дуздӣ наомадаем ва дуздӣ асосан аз ахлоқи мо нест, чун мо аз хонадони диндор ва амонатдор ҳастем." Коргарони Юсуф ба онҳо гуфтанд: "Агар дурӯғатон ошкор гашт, ки шумо дузд ҳастед, пас ҷазои дузд дар назди шумо чист?"

Онҳо чунин карданд, ки то ҳукм аз забони худи бародарон ошкор шавад ва ҳуҷҷат бар онҳо ҳатмӣ гардад. Бародарон дар ҷавоб гуфтанд: "Ҷазои дузд дар назди мо ин аст, ки аз ҳар касе моли дуздидашуда пайдо шавад, ӯ бояд ҳамроҳ бо он мол ба соҳиби мол таслим дода шавад, то дар назди соҳиби мол ғуломӣ бикунад. Бар асоси ин, он дузд дар баробари моли дуздидашуда ба ғуломӣ гирифта мешавад. Ин аст ҷазои касе, ки бар худ ва ба дигарон ситам карда ва ба амали дуздӣ даст мезанад. Маъмурон бародарони Юсуфро наздаш баргардониданд ва ӯ худ ба бозрасии борҳояшон пардохт. Юсуф алайҳиссалом аз ҳушмандӣ ва илме, ки Аллоҳ ба ӯ дода буд, истифода бурда, аввал кофтуковро аз бори дигар бародаронаш оғоз кард то гумоне барои нақшаи гирифтани бародари кучакаш нашавад. Саранҷом ба кофтукови бори бародари кучакаш расид ва зарфро аз миёни он берун овард. Бале! Ин андешаи устувор, тасҳил (осонӣ) ва омӯзиш аз сӯи Аллоҳ таъоло ба Юсуф буд,

то бо ин роҳ бародари худро ба даст биёварад. Зеро бар асоси қонунҳои онзамонаи сарзамини Миср, Юсуф алайҳиссалом наметавонист бо иртикоби ин ҷурм бародари худро назди худ нигоҳ бидорад, локин Аллоҳ барои анҷоми ин кор, сабабҳоро низ омода сохт, то дар ин маврид ба шариъати бародарони Юсуф ҳукм карда шавад, то дигар мунокаша нашавад.

Ингуна аст, ки Аллоҳ таъоло ҷойгоҳи ҳар касеро бихоҳад боло мебарад, чигунае ки ҷойгоҳи Юсуфро бар бародаронаш баланд кард. Бешак аз ҳар донишманде, донишмандтари дигаре ҳам вуҷуд дорад, бар асоси ин ҳар донишманд бояд мутавозеъ бошад.

Бародарони Юсуф гуфтанд: "Агар ин бародари мо дуздӣ карда бошад, пас ҷои таҷҷуб нест, зеро пеш аз ӯ бародараш Юсуф низ дуздӣ кардааст." Ин як туҳмати дигар бар Юсуф алайҳиссалом буд, аммо Юсуф ин суханро дар дилаш пинҳон дошт ва ба худ гуфт: "Шумо аз касе, ки муттаҳамаш мекунед бадтар ҳастед, зеро шумо падарро нофармонӣ, бародарро зоеъ ва Аллоҳи муттаъолро нофармонӣ кардаед ва Аллоҳ ба дурӯғ, бухтон ва найранге, ки васф мекунед донотар аст ва ҳеҷ амри пинҳонӣ бар Ӯ таъоло пушида боқӣ намемонад.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме ки бародарон назди Юсуф дохил шуданд, Юсуф бародарашро назди худ ҷой дод ва пинҳонӣ барояш гуфт: "Ҳамоно ман бародари ту ҳастам, аз коре, ки инҳо бар ман кардаанд, андӯҳгин мабош ва ин суҳбати моро ба ҳеҷ кас магӯй." (69)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҷоиз будани амонат ва рознигаҳдорӣ байни бародарон.
- Ҷоиз будани эҳтиёт дар байни бародарон дар ҳолати вуҷуд доштани хатар ё маслаҳа.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Пас ҳангоме ки Юсуф борҳояшонро омода кард, ба ходимонаш фармуд, то зарферо пинҳонӣ дар дохили бори бародараш бигузоранд. Онгоҳ нидокунанда нидо кард: "Эй корвониён, ҳатман шумо дузд ҳастед."" (70)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар ин қисмати оят **"Эй корвониён, ҳатман шумо дузд ҳастед..."** ҳуҷҷат бар мубоҳ будани дурӯғ гуфтан дар ҳолатҳои эҳтиёҷ ба он аст. Эҳтиёҷ ба он маъно, ки дурӯғ гуфтан барои ислоҳи вазъ, барои хубӣ ва барои дур кардани мушкилӣ бошад ва ё барои дур кардани гуноҳе бошад, ки он дубора анҷом дода нашавад.

- Ҷоиз будани ҳила барои ба даст овардани ҳаққи худ, ба шарте, ки тавассути он барои дигарон зарар ворид нашавад. Найранг ва ҳилаи мамнӯъ ва ҳаром он ҳила ва найрангест, ки бар соқит кардани фарз ё воҷибе бошад ё дар муртакиби кори ҳароме анҷом дода шавад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Корвониён рӯй ба сӯи онҳо карда гуфтанд: "Магар чӣ гум кардаед?" (71)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Таъкид намудани мавзеъи иттиҳом (бадгумонӣ ё буҳтон), яъне савол кардан аз он, ки туҳмат дар чӣ чиз аст ё ба истилоҳе дар инҷо сабаби дузд хондани онҳо дар чист, зеро корвониён гуфтанд: **"Чӣ гум кардаед?"**

4. Дар фармудаи Аллоҳ: **"Гуфтанд: "Зарфи подшоҳро, ки бо он паймона (андоза ё чен) мекард, гум кардаем ва ҳар ки онро биёварад, ӯро як бори шутур мукофотест ва гуфт нидокунанда, ки**

**ман ба ин ваъда зоминам (кафилам)." (72)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар ин қисмати оят **"Ӯро як бори шутур мукофотест..."** далел барои асли машрӯъияти (дуруст будани) ҷаъола мебошад. Ҷаъола дар шариъат ба муомилае гуфта мешавад, ки дар он мукофотпулӣ ё моле қарор дода мешавад, ки миқдори он пул ё он моли пешниҳодшуда муайян бошад ва ҳамчунин дар баробари кори маълум бошад, локин бояд бар ваҷҳи иҷора набошад, яъне ба тарз ва равиши муқобил набошад. Монанди ҳамин сухани нидозананда, ки гуфт ҳар нафаре, ки агар обнушро биёварад, пас борхалтаҳоро нокофта як шутур бор барои ӯ мукофот дода мешавад.

- Дар ин қисмати оят "**Ман бар ин ваъда зоминам...**" далел аст бар ҷоиз будани замонат ва кафолат гирифтани чизе барои каси дигар, зеро дар инҷо шахси замонатгиранда ғайри Юсуф алайҳиссалом буд.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бародарони Юсуф гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ шумо худ медонед, ки мо барои фасод кардан ба ин сарзамини Миср наёмадаем ва дузд ҳам набудаем."" (73)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят далел аст, ки амал кардан ба шариъат сабаби ислоҳи ҷомеъа буда ва duздиву гуноҳ бошанд сабаби фасод дар замин мегарданд ва пайравии Паёмбарон бошад, салоҳи мутлақ, яъне салоҳи дин ва дунёст.

- Далел аст, ки донистани ҳоли зоҳирӣ, ҳоли ғоибии инсонро низ дар бар мегирад, зеро дуздӣ маъмулан амали пинҳонист ва аз ин хотир бародарони Юсуф алайҳиссалом барои покӣ ва бароати хеш аз амали дуздӣ, ҳоли зоҳирии хешро далел оварданд, яъне хешро муаррифӣ карданд, ки барои фасод ва дуздӣ ба сарзамини Миср наомадаанд.

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Пас маъмурон гуфтанд: "Агар дурӯғ гуфта бошед, пас ҷазои дузд чист?"" (74)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба яке аз одоб ва усули мунокиша дар масоилест, ки ду тараф дар он ихтилофи назар доранд, ки он ҳам кӯшиш кардан то ҳақиқат аз тарафи муқобил шунида шавад ва қабул кардани он лозим ва зарурӣ бошад.
- Ин оятро уламои усул ва тафсир ба оятҳои маърифати илми ҷидол номгузорӣ мекунанд, яъне илми баҳсу мунокиша барои ошкор ва зоҳир шудани ҳақиқат.

7. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бародарони Юсуф гуфтанд: "Сазояш ин аст, ки ҳар касе он паймона дар дохили бораш ёфт шавад, пас ӯ асир мегардад ва мо касонеро, ки ба сабаби дуздӣ ба ҷони худ ситам мекунанд, дар динамон ингуна ҷазо медиҳем." (75)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Маърифати шариъати Иброҳим алайҳиссалом дар боби ҳукми дуздӣ, яъне агар чизи дуздидашуда аз бордони касе пайдо шавад, дузд бояд ғуломи соҳиби мол гардад ва бар асоси ҳамин ҳукм Юсуф алайҳиссалом обнӯшро дар борхалтаи бародараш гузошт.
- Хабари Аллоҳ таъоло аст, ки дар шариъати иброҳимӣ ҷазои ситамгорон чунин будааст.

8. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Пас Юсуф ба кофтукови борхалтаҳояшон шурӯъ кард, пеш аз кофтани борхалтаи бародараш, баъд аз он дар охир паймонаро аз борхалтаи бародараш**

**берун овард, ин гуна барои Юсуф тадбир омӯхтем, чунки Юсуф омода набуд, ки бародари худро дар дини подшоҳи Миср асир бигирад, аммо ин тадбир, яъне асир гирифтан, иродаи хоси Аллоҳ буд. Баланд мегардонем мартабаи ҳар касеро, ки бихоҳем ва болои ҳар соҳибилм боз донишманде ҳаст." (76)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин қисмати оят: **"Ин гуна барои Юсуф тадбир омӯхтем..."** далолат мекунад, ки найранг ва ҳила агар ҷазо барои золим ва ҳилагар бошад ва монанд ба ҳилаи худи он ҳилагар бошад, пас дар ин сурат адл ба ҳисоб рафта ва ҳамчун як феъли хуб низ пазируфта мешавад.
- Ҳамчунин далел аст, ки ҳар касе ҳилаи ҳаромро барои дигарон анҷом диҳад, пас Аллоҳ субҳоналлоҳу ва таъоло ӯро низ дар найранг ва ҳилае гирифтор мекунад, чуноне ки бародарони Юсуфро ба он гирифтор намуд. Банда бояд ҳангоми гирифтор шудан ба ин гуна мушкилиҳо, сабр ва таҳаммулро пеша кунад.
- Далел аст бар ҷоиз будани ҳила барои расидан ба ҳуқуқ ё барои ислоҳи байни мардум, ба шарте, ки он ҳила хилофи шариъат набошад ё ягон асли шаръиро аз байн набарад.
- Дар ин оят шоҳид аст, ки мардум дар боби илм гуногун ва мутафовит ҳастанд, зеро Аллоҳ хабар медиҳад, ки болои ҳар соҳибилме донишманди дигаре вуҷуд дорад.
- Ин оят иқрор бар қоидаи куллиест, ки мардум байни худ мегӯянд: *"Болои ҳар доное донои дигаре ҳаст."*
- Маърифат ва шинохти ҳукми дуздӣ дар шариъати Яъқуб алайҳиссалом.
- Баёни ҳукми дуздӣ дар қонунҳои мисрӣ дар аҳди Юсуф алайҳиссалом.
- Бузургии мақоми Юсуф алайҳиссалом дар илм ва дониш.

- Ин оят далел аст, ки илм бузургтарин мақом ва болотарин дараҷа ба ҳисоб меравад, зеро Аллоҳ таъоло дар ин оят аҳли илмро мадҳ ва ситоиш намудааст.

- Дар маърифат ва илми қиссаи Юсуф алайҳиссалом уламои салаф гуфтаанд: *"Тарз ва равиши оятҳои қиссаи Юсуф алайҳиссалом, далолат бар илми сиёсати шаръӣ ва фаҳми он мекунанд, то ин ки фоидаҳои матлуб ба даст биёянд. Ҳамчунин бо истифода аз ин қисса ва баъд аз таълим, тафаккур ва таҳқиқ кардани масъалаҳои он, метавон зарарҳоро аз худ дур кард."*

9. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бародаронаш гуфтанд: "Мумкин аст, ки ӯ дуздӣ кунад, чунки бародараш Юсуф низ пеш аз ин дуздӣ кардааст." Юсуф дар ҷавоби суханони онҳо ҳеҷ изҳоре накард ва дар дилаш пинҳон дошт ва ба дили худ гуфт: "Шумо мақоми бадтаре доред ва Аллоҳ баончи, ки баён мекунед, донотар аст!"" (77)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки худро аз азият ва бадии дигарон ба ғофилӣ ё нодонӣ гирифтан ва нигаҳ доштан дар нафси худ, аз ахлоқи ҳасана шумурда мешавад, хусусан агар ин рафтор байни бародарон ва ё хешу табор сурат бигирад, зеро Юсуф алайҳиссалом бадии онҳоро дар нафси худ нигоҳ дошта ва онро ошкор накард.

## Ояти 78 то 80

قَالُوا۟ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلْعَزِيزُ إِنَّ لَهُۥٓ أَبًا شَيْخًا كَبِيرًا فَخُذْ أَحَدَنَا مَكَانَهُۥٓ ۖ إِنَّا نَرَىٰكَ مِنَ ٱلْمُحْسِنِينَ ٧٨ قَالَ مَعَاذَ
ٱللَّهِ أَن نَّأْخُذَ إِلَّا مَن وَجَدْنَا مَتَـٰعَنَا عِندَهُۥٓ إِنَّآ إِذًا لَّظَـٰلِمُونَ ٧٩ فَلَمَّا ٱسْتَيْـَٔسُوا۟ مِنْهُ خَلَصُوا۟ نَجِيًّا
قَالَ كَبِيرُهُمْ أَلَمْ تَعْلَمُوٓا۟ أَنَّ أَبَاكُمْ قَدْ أَخَذَ عَلَيْكُم مَّوْثِقًا مِّنَ ٱللَّهِ وَمِن قَبْلُ مَا فَرَّطتُمْ فِى يُوسُفَ ۖ فَلَنْ
أَبْرَحَ ٱلْأَرْضَ حَتَّىٰ يَأْذَنَ لِىٓ أَبِىٓ أَوْ يَحْكُمَ ٱللَّهُ لِى ۖ وَهُوَ خَيْرُ ٱلْحَـٰكِمِينَ ٨٠

**"Бародаронаш гуфтанд: "Эй азиз, ӯро падарест солхӯрда, пас ба ҷои ӯ яке аз моро назди худ нигоҳ дор, ки мо яқинан туро аз некӯкорон мебинем." (78) "Юсуф гуфт: "Ба Аллоҳ паноҳ мебарам аз ин ки касеро нигоҳ дорем, ки бори хешро назди ӯ наёфтаем ва агар чунин кунем, пас аз ҷумлаи ситамкорон хоҳем буд."" (79) "Ҳангоме ки бародарон аз Юсуф ноумед шуданд, барои машварат ба каноре рафтанд ва бузургашон чунин гуфт: "Оё намедонед, ки падаратон аз шумо ба номи Аллоҳ паймони маҳкам гирифта ва пеш аз ин низ дар ҳаққи Юсуф кӯтоҳӣ кардаед? Ман аз ин сарзамини Миср берун нахоҳам омад, то падарам маро иҷозат надиҳад ё Аллоҳ дар ҳаққи ман доварие накунад, ки Ӯ таъоло беҳтарини доварон аст."" (80)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Пешниҳоди бародарон ба Юсуф алайҳиссалом барои ба асирӣ нагирифтани бародари кучакашон.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки бародарони Юсуф бо оҷизӣ ва шикастагӣ ба ӯ гуфтанд: "Эй азиз! Ин бародари моро, ки ту назди худ асир гирифтаӣ, падари пир ва солхӯрдае дорад, ки таҳаммули ҷудоӣ аз ӯро надорад. Ба ин хотир яке аз моро ба ҷои ӯ ба асирӣ бигир, то ҷойгузини ӯ дар таҳамулли ҷазои дуздӣ бошад. Ба ростӣ, ки мо туро аз некӯтарин мардум дар ахлоқ ва рафтор мебинем, чунон ки ту ба мо некӣ карда ва ба хубӣ пазироӣ намудаӣ." Юсуф гуфт: "Паноҳ бар Аллоҳ, ки

ман ба касе зулм бикунам ва ӯро бегуноҳ ба асирӣ бигирам. Бинобар ин касе, ки дуздӣ кардааст, ӯро хоҳам гирифт ва ин ҳамон адл ва инсофест, ки худатон бар он доварӣ намудед ва бар ин қоида бино шудааст, ки ҳеҷ касе бори дигареро бар намедорад." Чун фарзандони Яъқуб алайҳиссалом аз посухи Юсуф ноумед шуданд, аз мардум канор рафта ва байни худ ба машварат пардохтанд. Бародари бузургашон гуфт: "Оё ба ёд намеоваред, ки падаратон аз шумо аҳди маҳкам бо қасам бо Аллоҳ таъоло гирифтааст, ки бародаратонро солим ба ӯ баргардонед? Ба ёд надоред, ки пеш аз ин низ ба Юсуф зулм ва ситам кардаед? Акнун бо кадом рӯй назди падар бармегардем? Ман аз сарзамини Миср ҳаракат намекунам то падарам ба ман иҷозаи хуруҷ аз онро надиҳад ё Аллоҳ ба ман доварӣ накунад ва фармон набарорад, ки Ӯ таъоло беҳтарин довар ва фармондеҳ аст."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бародаронаш гуфтанд: "Эй азиз, ӯро падарест солхӯрда, пас ба ҷои ӯ яке аз моро назди худ нигоҳ дор, ки мо яқинан туро аз некӯкорон мебинем." (78)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Фазли собит будан дар эҳсону хубӣ дар тамоми ҳолатҳои зиндагӣ, чи дар ҳолати хизматкорӣ, чи дар зиндон будан ва чи дар вазъи подшоҳӣ, ки ин аз ахлоқи ҳасана шумурда мешавад, зеро Юсуф алайҳиссаломро дар ин се ҳолати зикршуда бо ин сифатҳои некӯ диданд ва ҳамчунин бо ин сифатҳо хитобаш намуданд.

- Фазилати тағйир накардани ҳолати мӯъмин аз ҳадафҳои муҳими зиндагияш, тағйир надодани худ бо сабаби мол, макон ва мақом, зеро Юсуф алайҳиссалом дар тамоми ҳолатҳои зиндагияш тарки ин

ҳадафҳои муҳим накард, хусусан дар боби даъват ба сӯи Аллоҳ таъоло, ки бузургтарин ҳадафи зиндагии Юсуф алайҳиссалом буд.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф гуфт: "Ба Аллоҳ паноҳ мебарам аз ин ки касеро нигоҳ дорем, ки бори хешро назди ӯ наёфтаем ва агар чунин кунем, пас аз ҷумлаи ситамкорон хоҳем буд."" (79)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дурӣ кардан аз суханҳое, ки эҳтимоли тухмат ё бадӣ нисбат ба касеро доранд, зеро Юсуф алайҳиссалом дар ҷавобаш ба бародаронаш гуфт: **"Бори худро назди ӯ ёфтаем..."** ва нагуфт, ки дуздро нигоҳ медорем, яъне Юсуф алайҳиссалом ва ёронаш лафзи "дузд"-ро истифода набурданд ва истифода набурдани лафзи "дузд" ду сабаб дошт.

а) Исботи худро наёфта буд, яъне дуздии бародари кучакашро касе надида буд, зеро ӯ дуздӣ накарда буд.

б) Рост сухан кардан, яъне ин оят далолат мекунад, ки инсон бояд дар ҳама ҳолат сухани муносиб ва ҳақ бигӯяд.

- Ин оят далолат бар асоси ҳукмҳо мекунад, ки ҳар як инсон худ ҷавобгӯи кори худ аст, чи кори хуб дошта бошад ва ё кори бад. Пас ҷоиз нест, ки ба ҷои шахси муҷрим каси дигар гирифта ё ҷазо дода шавад, зеро ин амал зулм ҳисобида мешавад ва зулм ҳаром аст.

- Аз ин оят масъалаи дақиқе гирифта мешавад, ки хубӣ ва эҳсон, хубӣ диниста мешавад модоме, ки анҷоми кори ҳаромеро ва ё тарки фарз ё воҷиберо дар бар нагирад, зеро ҳар хубие, ки дар он тарки адл бошад, он худ зулм ба шумор меравад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме ки бародарон аз Юсуф ноумед шуданд, барои машварат ба каноре рафтанд ва бузургашон**

**чунин гуфт: "Оё намедонед, ки падаратон аз шумо ба номи Аллоҳ паймони маҳкам гирифта ва пеш аз ин низ дар ҳаққи Юсуф кӯтоҳӣ кардаед? Ман аз ин сарзамини Миср берун нахоҳам омад, то падарам маро иҷозат надиҳад ё Аллоҳ дар ҳаққи ман доварие накунад, ки Ӯ таъоло беҳтарини доварон аст."" (80)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин қисмати оят, ки бародари бузургашон гуфт: **"То Аллоҳ таъоло дар ҳаққи ман доварие накунад, ки Ӯ таъоло беҳтарини доварон (ҳукмкунандагон) аст"**, манзур аз ҳукми зикршуда, ҳукми кавнии (дунявии) Аллоҳ таъолост, ки банда дар ин ҳукми илоҳӣ ҳеҷ ихтиёре надорад, балки ихтиёри банда танҳо дар ҳукми шаръӣ аст, ки банда бар анҷоми он ихтиёри комил дорад ва маҳалли имтиҳони илоҳӣ қарор мегирад. Аллоҳ таъоло дар сураи Моида дар ин мавзӯъ чунин ишора мекунад: **"Аллоҳ ҳалол гардонид ҳайвоноти чаҳорпоро (шутур, гов, гӯсфанд ва оҳу...), ғайри он ҳайвоноте, ки аз ин пас бароятон гуфта мешавад ва он чиро, ки дар ҳоли эҳром сайд мекунед, ҳалол машуморед. Ба дурустӣ Аллоҳ ончи мехоҳад, ҳукм мекунад!"** (Моида, 1)

- Ҷоиз будани даъват намудан барои машварат дар корҳои муҳим.

- Аҳамияти машварат байни бародарон дар мушкилоти зиндагӣ.

- Ҷоиз будани гӯшзад ва ёдовар шудан дар аҳду вафо.

## Ояти 81 то 87

ٱرْجِعُوٓاْ إِلَىٰٓ أَبِيكُمْ فَقُولُواْ يَٰٓأَبَانَآ إِنَّ ٱبْنَكَ سَرَقَ وَمَا شَهِدْنَآ إِلَّا بِمَا عَلِمْنَا وَمَا كُنَّا لِلْغَيْبِ حَٰفِظِينَ ٨١
وَسْـَٔلِ ٱلْقَرْيَةَ ٱلَّتِى كُنَّا فِيهَا وَٱلْعِيرَ ٱلَّتِىٓ أَقْبَلْنَا فِيهَا ۖ وَإِنَّا لَصَٰدِقُونَ ٨٢ قَالَ بَلْ سَوَّلَتْ لَكُمْ أَنفُسُكُمْ
أَمْرًا ۖ فَصَبْرٌ جَمِيلٌ ۖ عَسَى ٱللَّهُ أَن يَأْتِيَنِى بِهِمْ جَمِيعًا ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْحَكِيمُ ٨٣ وَتَوَلَّىٰ عَنْهُمْ
وَقَالَ يَٰٓأَسَفَىٰ عَلَىٰ يُوسُفَ وَٱبْيَضَّتْ عَيْنَاهُ مِنَ ٱلْحُزْنِ فَهُوَ كَظِيمٌ ٨٤ قَالُواْ تَٱللَّهِ تَفْتَؤُاْ تَذْكُرُ يُوسُفَ
حَتَّىٰ تَكُونَ حَرَضًا أَوْ تَكُونَ مِنَ ٱلْهَٰلِكِينَ ٨٥ قَالَ إِنَّمَآ أَشْكُواْ بَثِّى وَحُزْنِىٓ إِلَى ٱللَّهِ وَأَعْلَمُ مِنَ ٱللَّهِ
مَا لَا تَعْلَمُونَ ٨٦ يَٰبَنِىَّ ٱذْهَبُواْ فَتَحَسَّسُواْ مِن يُوسُفَ وَأَخِيهِ وَلَا تَاْيْـَٔسُواْ مِن رَّوْحِ ٱللَّهِ ۖ إِنَّهُۥ لَا
يَاْيْـَٔسُ مِن رَّوْحِ ٱللَّهِ إِلَّا ٱلْقَوْمُ ٱلْكَٰفِرُونَ ٨٧

"Назди падар бозгардед ва бигӯед: "Эй падар, писарат дуздӣ кард ва мо ҷуз ба он чи медонистем, шаҳодат надодем ва аз ғайб низ огоҳ нестем. (Яъне чун ба ту ваъда дода будем, ки ӯро ҳимоя мекунем, аммо намедонистем, ки ӯ дар оянда дуздӣ мекунад)." (81) "Аз мардуми деҳае, ки бо мо буданд ва аз корвоне, ки ҳамроҳаш омадем бипурс, ки ҳамоно мо рост мегӯем." (82) "Яъқуб гуфт: "Нафсҳои шумо кори бадеро дар назаратон зиннат дод ва маро сабри ҷамил беҳтар аст. Умед аст, ки Аллоҳ ҳамаро (Юсуфу додараш ва писари бузургиамро) ба ман бозгардонад, ки Ӯ  Аллоҳ зотест доно бар ҳоли ман ва дар корҳояш бо ҳикмат аст." (83) "Яъқуб рӯи худ аз онҳо бигардониду гуфт: "Эй вой бар андӯҳи ман, бар дурӣ аз Юсуф." Чашмонаш аз ғам сапедӣ гирифт ва ҳамчунон андӯҳи худро фурӯ мебурд." (84) "Писаронаш гуфтанд: "Ба Аллоҳ савганд, пайваста Юсуфро ёд мекунӣ, то бемор гардӣ ё бимирӣ." (85) "Яъқуб гуфт: "Ҷуз ин нест, ки шарҳи андӯҳи хеш танҳо бо Аллоҳ мегӯям, зеро он чи ман аз Аллоҳ дар бобати меҳрубонӣ, фазл ва раҳматаш медонам, шумо намедонед!"" (86) "Эй писарони ман, бираведу Юсуф ва бародарашро биҷӯед ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед

**машавед, зеро танҳо кофирон аз раҳмати Аллоҳ ноумед мешаванд." (87)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Машварати бародарон бо ҳам ва ҳоли Яъқуб алайҳиссалом бо шунидани мусибат.*

Аллоҳ таъоло аз сухани бародари бузургии Юсуф хабар медиҳад, ки барои бародарони дигараш чунин гуфт: "Шумо ба назди падаратон баргардед ва бигӯед: "Эй падар! Писарат туздӣ кардааст ва дар баробари он ғулом гашта ва ба асорат рафтааст. Гувоҳӣ медиҳем ончиро, ки худ дидаем ва бар он огоҳ шудаем ва он ҳангом, ки бо ту паймон бастем намедонистем, ки ӯ туздӣ мекунад, зеро мо аз ғайб хабар надоштем. Аз мардуме, ки бо мо ба Миср омаданд ва аз корвоне, ки бо он баргаштаем бипурс, то бегуноҳӣ барои ту собит шавад ва мо таъкид мекунем, ки мо ростгӯем." Вақте бародарон баргаштанд, моҷароро ба падарашон гуфтанд, аммо Яъқуб гуфт: "На! Балки нафси зишти шумо бадиеро дар назаратон ороста ва шуморо дучори он кардааст, ки ин кори шумост, аммо кори ман сабри ҷамил аст ва аз Аллоҳ умед аст, ки ҳамаи ононро ба ман боз гардонад. Бегумон Ӯ комилан аз ҳоли ман ва аз ҳоли онҳо огоҳ буда ва дорои ҳикмати комил аст."

Яъқуб алайҳиссалом аз фарзандон рӯй гардонда гуфт: "Эй вой бар ман ва бар дурии Юсуфи ман! Азбаски зиёд гирист, чашмонаш аз ғам сафед ва нобино гардиданд ва ӯ андӯҳу ғами худро дар дил пинҳон медошт ва хашми худ бар фарзандонашро фурӯ мехӯрд. Гуфтанд: "Эй падар! Ба Аллоҳ қасам! Он қадар ту пайваста ёди Юсуф мекунӣ, ки то бемор шавӣ ё нобуд гардӣ." Яъқуб гуфт: "Шикояти парешонҳолӣ ва андӯҳи худро танҳо ва танҳо ба даргоҳи Аллоҳ мебарам ва ман аз сӯи Аллоҳ чизҳоеро медонам, ки шумо намедонед. Эй фарзандонам!

Биравед ба дунболи Юсуф ва бародараш дар Миср бигардед ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед машавед, зеро аз раҳмати Аллоҳ танҳо кофирон ноумеданд."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Назди падар бозгардед ва бигӯед: "Эй падар, писарат дуздӣ кард ва мо ҷуз ба ончи медонистем, шаҳодат надодем ва аз ғайб низ огоҳ нестем. (Яъне чун ба ту ваъда дода будем, ки ӯро ҳимоя мекунем, аммо намедонистем, ки ӯ дар оянда дуздӣ мекунад)."" (81)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки инсон онеро бояд шаҳодатӣ бидиҳад, ки онро ба яқин медонад ё онро худ дидааст, ҳамчунин метавонад шаҳодатӣ диҳад ба сухани касе, ки аз ӯ боварӣ дорад ва ба суханаш дилаш қарор мегирад, яъне аз суханаш мутмаин дошта бошад, аммо дар ғайри ин сурат шаҳодатӣ додан ҷоиз нест.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Аз мардуми деҳае, ки бо мо буданд ва аз корвоне, ки ҳамроҳаш омадем бипурс, ки ҳамоно мо рост мегӯем." (82)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора бар он аст, ки касе ки собиқаи дурӯғгӯӣ дорад, ҳарчанд рост ҳам бигӯяд, мавриди қабул ва тасдиқ қарор намегирад.

- Дурӣ кардан аз бевафоӣ, хиёнат ва дурӯғ, зеро инсони бевафо, хиёнаткор ва дурӯғгӯ гарчи рост ҳам бигӯяд, дигарон ӯро бовар намекунанд.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб гуфт: "Нафсҳои шумо кори бадеро дар назаратон зиннат дод ва маро сабри ҷамил беҳтар аст. Умед аст, ки Аллоҳ ҳамаро (Юсуфу додараш ва писари**

**бузургиамро) ба ман бозгардонад, ки Ӯ Аллоҳ зотест доно бар ҳоли ман ва дар корҳояш бо ҳикмат аст." (83)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят ишора ба сабри ҷамил мекунад ва сабри ҷамил ба сабре гуфта мешавад, ки дар он назди мардум нола ва шикояте набошад.

- Барои ҳар як мусалмон воҷиб аст, ки ҳар вақте мусибате ё бадие бар ӯ ё ба фарзанди ӯ ё ба моли ӯ расид, сабри ҷамил намояд ва ризогии комил дошта, ба тақдироти илоҳӣ таслим бишавад, зеро ҳамаи ин бадӣ ва мусибатҳо аз ҷониби зотест, ки Ӯ ҳаким ва доност ва ҳамеша хайрхоҳи бандаи мусалмонаш дар дунё ва охират аст. Бар замми ин, ин амал нишонаи пайравӣ кардан аз Яъқуб алайҳиссалом ва дигар анбиё алайҳимуссалом ба ҳисоб меравад.

- Ин оят далел аст бар он, ки вақте барои инсонҳои пок ва дӯстони Аллоҳ мусибат ва мушкилоте пеш ояд, онҳо дар аввали амр дар муқобили инҳо ба сабру таҳаммул ва ба талаби кумак аз Аллоҳ рӯй меоранд. Ҳангоми шиддати вазнинӣ ва мушкилӣ сабру умедворӣ ва тамаъ (умед) аз Аллоҳ таъолоро аз даст намедиҳанд ва мунтазири наҷот ва пирӯзӣ ҳастанд. Пас ҳангоме, ки мусибату балоҳо ва мушкилот аз онҳо бартараф шуданд, дар муқобили он Аллоҳ таъолоро бо шукри санову таъриф ибодат мекунанд ва яқину имон ва маърифаташон ба Аллоҳ бештар мегардад, чуноне ки ин гуфтаҳоро дар қиссаи Юсуф алайҳиссалом ва бародараш возеҳу равшан мушоҳида мекунем.

- Исботи 2-номи зебои Аллоҳ таъоло:

а) ал-Алим (Зоте, ки бениҳоят доност.)

б) ал-Ҳаким (Зоте, ки бениҳоят бо ҳикмат ва бо хирад мебошад.)

- Хотимаи ин ояти карима бо ин ду номи зебои илоҳӣ, далолат бар камоли илм, маърифат ва ҳикмати бепоёни Ӯ таъолоро дар тақдироташ мекунад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб рӯи худ аз онҳо бигардониду гуфт: "Эй вой бар андӯҳи ман, бар дурӣ аз Юсуф." Чашмонаш аз ғам сапедӣ гирифт ва ҳамчунон андӯҳи худро фурӯ мебурд." (84)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки агар шикоят намудан ба сӯи Аллоҳ таъоло бо сабр ва таҳаммул бошад, пас ин ҳамон сабри ҷамил аст, ки яке аз намудҳои ибодат ба шумор меравад, зеро феъли Яъқуб алайҳиссалом ба ин амр далолат мекунад.
- Бидон, Аллоҳ раҳмат кунад мову шуморо бар фаҳми ин оят, ки ин оят ишора ба он мекунад, ки фарқ байни шикоят ба Аллоҳ ва шикоят аз Аллоҳ вуҷуд дорад. Аввалӣ, яъне шикоят ба Аллоҳ таъоло дар назди Аллоҳ хуб ва дӯстдоштанист, аммо дуввумӣ, яъне шикоят аз Аллоҳ таъоло бошад амали бад ва гумроҳист.
- Далел аст бар ҷоиз будани дилтангӣ, гиристан ва таассуф (афсӯс кардан) ҳангоми мусибат, зеро ин амр аҳёнан аз ихтиёри инсон берун аст, аммо он амалҳое, ки дар шариъат манъ ва ҳароманд нола, фиғон, фарёдкашӣ ва бар сару рӯй задан ва амсоли инҳо мебошанд

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Писаронаш гуфтанд: "Ба Аллоҳ савганд, пайваста Юсуфро ёд мекунӣ, то бемор гардӣ ё бимирӣ." (85)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят ҳуҷҷат аст, ки муҳаббат ва шавқ инсонро ба ҳалокат мерасонад.

- Ҳадафи фарзандон аз ин сухан ба падар, боз доштани ӯ аз гиряву андӯҳ буд, гарчанде худи онҳо сабаби ин мусибат буданд.
- Фарзандон ишора ба он мекарданд, ки эй падар ба чизе, ки аз даст рафтааст дигар барои он гиря кардан ва худро аз даст додан чӣ фоидае дорад?!

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб гуфт: "Ҷуз ин нест, ки шарҳи андӯҳи хеш танҳо бо Аллоҳ мегӯям, зероончи ман аз Аллоҳ дар бобати меҳрубонӣ, фазл ва раҳматаш медонам, шумо намедонед!"" (86)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Дар ин оят калимаҳои "ал-Бассу" ва "ал-Ҳузну" истифода шудаанд, ки чунин маънӣ доранд: Ал-Бассу, яъне фикри зиёд кардан дар бадие, ки ба инсон расидааст ва ал-ҳузну ғамгин будан аз чизи аз дастрафта. Яъқуб алайҳиссалом ҳам дорои басс ва ҳам дорои ҳузн буд, яъне ғамгин буд барои ҷудоӣ аз Юсуф алайҳиссалом ва ҳам сахт парешон ва фикрзада буд барои ҳоли Юсуф алайҳиссалом, зеро Юсуф алайҳиссалом дар ғарибӣ буд.
- Ҳаром будани шикоят кардан аз ғайри Аллоҳ таъоло, зеро дар ин оят бо "иннамо" (إنما) зикр шурӯъ шудааст ва далолат бар ҳасри он мекунад, яъне бояд танҳо ба Аллоҳ таъоло шикоят кард.
- Маърифати Аллоҳ таъоло дар ҳолатҳои сахтӣ ва мусибат инсонро наҷот медиҳад ва ба ӯ сабукӣ меёрад, зеро Яъқуб алайҳиссалом гуфт: **"Ончи ман аз Аллоҳ дар бобати меҳрубонӣ, фазл ва раҳматаш медонам, шумо намедонед."**

7. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Эй писарони ман, бираведу Юсуф ва бародарашро биҷӯед ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед машавед, зеро**

**танҳо кофирон аз раҳмати Аллоҳ ноумед мешаванд."** (87) масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят далолат мекунад, ки инсон ба андозаи имондориаш, ба раҳмати Аллоҳ таъоло умедвор аст.
- Далел аст, ки ноумед шудан аз раҳмати Аллоҳ таъоло аз гуноҳони кабира ба шумор меравад.
- Ишора ба он аст, ки имондории инсон дар ҳолатҳои гирифтор шудан ба балоҳо ва мусибатҳо ошкор мешавад.

## Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло

*Дар ин қисмат номҳои зерини Аллоҳи муттаъол зикр мешаванд: "Ал-Ҳаким" ва "Хайрул ҳокимин".*

1. Исботи номи "ал-Ҳаким" ва "Хайрул ҳокимин" дар ояти 83 барои Аллоҳ таъоло зикр шудаанд ва номи ал-Ҳаким дар Қуръон 91-маротиба ва исми Хайрул ҳокимин 5-маротиба омадааст.

2. Ин 2-номи зебо далолат мекунанд, ки Аллоҳ таъоло низ ба сифати ҳоким ва ҳакам (الحاكم و الحكم) васф шудааст. Сифатҳои зикршуда сифатҳои феълии Аллоҳ таъоло мебошанд, ки аз номи "ал-Ҳаким" гирифта шудаанд.

3. Маъно: Ӯ таъоло касест, ки дар миёни бандагонаш дар дунё ва охират бо адлаш ҳукм мекунад ва дар шаръ, дар тақдир ва дар ҷазо додан низ доварӣ мекунад. Ин номи бузург далолат бар камоли ҳукм ва камоли ҳикмат барои Аллоҳ таъолоро мекунад. Камоли ҳукм, яъне ин ки ҳукм ва доварӣ танҳо аз они Аллоҳ аст, ҳар гунае, ки бихоҳад ҳамон гуна бар асоси ҳикмат ва ҳиради худ миёни бандагонаш ҳукм ва қазоват мекунад. Чуноне ки Ӯ таъоло дар Қуръони карим мефармояд: **"Аллоҳ беҳтарини доварон аст."** (Аъроф, 87) Ҳамчунин дар сураи Анъом низ мегӯяд: **"Ҳукм ва фармон танҳо аз они Аллоҳ аст."** (Анъом, 57) Собит будани

ҳукм барои Аллоҳ субути (ба исбот расидани) тамоми номҳо ва сифоти илоҳиро дар бар мегирад, зеро Ӯ таъоло зоти ҳоким аст, ки шунаво, бино, доно, хабир (бисёр огоҳ ва хабардор), сухангӯй, мудаббир ва мураббист, ки номҳо ва сифатҳои боло ва бузургеро дорост.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба номи "ал-Ҳаким":

- Зоте, ки дорои ин ном ва сифоти зебо бошад, бояд танҳо Ӯро ибодат кард, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом дар зиндон ба дӯстони худ баён кард: **"Фармонравоии танҳо аз они Аллоҳ аст ва фармон додааст, ки ҷуз Ӯро напарастед. Ин ҳамон дини рост ва устувор аст, вале бештари мардум намедонанд."** (Юсуф, 40)

- Яке аз далелҳо, ки бояд танҳо Аллоҳ таъоло ибодат карда шавад, ҳамин номи зебои Аллоҳ таъолост, чуноне ки дар ин фармудааш баён мекунад: **"Аллоҳ зоте аст, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ӯ нест ва ҳукму фармонравои аз они Ӯст..."** (Қасас, 70)

5. Амал кардан ба тақозо ва талаботи номи "ал-Ҳаким": Ҳангоме ки банда маърифати Аллоҳ таъолоро донист ва аз худ кард, бояд дар ӯ нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Таслим шудан дар баробари ҳукмҳои илоҳӣ, чун Ӯ таъоло зотест, ки беҳтарини ҳукмкунандагон аст.

- Ҳамду ситоиш ва шукронаи Аллоҳ таъолоро кардан, чун Ӯ зотест боҳикмат, одил, дорои номҳо ва сифатҳои боло ва бузург.

- Аз нишонаҳои мӯъмини содиқ он аст, ки дар ҳоли ихтилоф, бояд ба ҳукми Ӯ таъоло розӣ гашта ва таслим шавад ва сабру таҳаммулро пеша карда, ба қазову қадари илоҳӣ низ таслим шавад, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом бо падараш анҷом доданд.

## Ояти 88 то 93

فَلَمَّا دَخَلُواْ عَلَيۡهِ قَالُواْ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلۡعَزِيزُ مَسَّنَا وَأَهۡلَنَا ٱلضُّرُّ وَجِئۡنَا بِبِضَٰعَةٖ مُّزۡجَىٰةٖ فَأَوۡفِ لَنَا ٱلۡكَيۡلَ
وَتَصَدَّقۡ عَلَيۡنَآۖ إِنَّ ٱللَّهَ يَجۡزِي ٱلۡمُتَصَدِّقِينَ ٨٨ قَالَ هَلۡ عَلِمۡتُم مَّا فَعَلۡتُم بِيُوسُفَ وَأَخِيهِ إِذۡ أَنتُمۡ
جَٰهِلُونَ ٨٩ قَالُوٓاْ أَءِنَّكَ لَأَنتَ يُوسُفُۖ قَالَ أَنَا۠ يُوسُفُ وَهَٰذَآ أَخِيۖ قَدۡ مَنَّ ٱللَّهُ عَلَيۡنَآۖ إِنَّهُۥ مَن يَتَّقِ
وَيَصۡبِرۡ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجۡرَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٩٠ قَالُواْ تَٱللَّهِ لَقَدۡ ءَاثَرَكَ ٱللَّهُ عَلَيۡنَا وَإِن كُنَّا لَخَٰطِـِٔينَ ٩١
قَالَ لَا تَثۡرِيبَ عَلَيۡكُمُ ٱلۡيَوۡمَۖ يَغۡفِرُ ٱللَّهُ لَكُمۡۖ وَهُوَ أَرۡحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ٩٢ ٱذۡهَبُواْ بِقَمِيصِي هَٰذَا فَأَلۡقُوهُ
عَلَىٰ وَجۡهِ أَبِي يَأۡتِ بَصِيرٗا وَأۡتُونِي بِأَهۡلِكُمۡ أَجۡمَعِينَ ٩٣

**"Ҳангоме ки бародарон бори саввум ба Миср рафтанд ва ба назди Юсуф дохил шуданд, гуфтанд: "Эй азиз, мову хонаводаамон ба гуруснагӣ афтодаем, паймонаи моро комил адо кун, гарчанде ки бо сармояи андак ба наздат омадаем ва бар мо зиёдатӣ бидеҳ, ҳамоно Аллоҳ зиёдадиҳандагонро подош медиҳад!"" (88) "Юсуф гуфт: "Медонед, ки аз рӯи нодонӣ бо Юсуф ва бародараш чӣ кардаед?"" (89) "Гуфтанд: "Оё ба ҳақиқат ту Юсуфӣ?" Гуфт: "Ман Юсуфам ва ин бародари ман аст ва Аллоҳ ба мо неъмат дод ва моро бо ҳам ҷамъ кард. Ҳамоно ҳар кас, ки парҳезгорӣ бикунад ва сабрро пеша кунад, Аллоҳ муздашро нобуд намегардонад, балки беҳтарин подош барояш ато хоҳад кард." (90) "Гуфтанд: "Ба Аллоҳ савганд, ки Аллоҳ туро бар мо фазилату бартарӣ додааст ва ҳамаи мо ончи қасдан дар ҳаққи ту ва бародарат кардаем, хато кардаем."" (91) "Юсуф гуфт: "Имрӯз шуморо сарзанишу маломат набояд кард, зеро Аллоҳ шуморо мебахшояд, ки Ӯ меҳрубонтарини меҳрубонон аст!"" (92) "Юсуф гуфт. "Ин ҷомаи маро бибаред ва бар рӯи падарам андозед, то ӯ бино гардад ва ҳамаи аҳлу аёли худро назди ман биёваред." (93)**

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Шинос шудани бародарон бо Юсуф алайҳиссалом ва узрхоҳии онҳо.*

Аллоҳ таъоло хабар медиҳад, ки писарони Яъқуб ба назди Юсуф ба Миср бозгашта омаданд ва гуфтанд: "Эй азиз! Ба мо ва ба хонаводаи мо қаҳтӣ ва хушксолӣ расидааст, бо ин ҳол мо бо ҳар роҳ ва заҳмате, ки буд бо худ сармояи ночизе овардаем ва ту бино бар одате, ки дорӣ, дар паймонаи озуқаи мо бияфзо ва бидуни баҳопулӣ барои мо озуқа бубахш, зеро Аллоҳ касонеро, ки бар бандагони муҳтоҷ ёрӣ мерасонанд, подоши зиёд медиҳад." Чун Юсуф сухани бародаронашро шунид, дилаш бар ҳоли онҳо сӯхт ва гуфт: "Оё вақти нодонии худро ба ёд меоваред, ки бо Юсуф ва бародараш чӣ кардаед?" Бародарони Юсуф дар ҳайрат афтоданд ва савол карданд: "Оё ту худ Юсуф ҳастӣ?" Зеро бародарон то ҳанӯз яқин доштанд аз коре, ки бо Юсуф алайҳиссалом анҷом дода буданд, танҳо Аллоҳ таъоло ва худи Юсуф огоҳ буд, на каси дигар. Баъд аз саволи Юсуф алайҳиссалом яқини онҳо шубҳанок шуд ва савол карданд, ки оё ту Юсуф ҳастӣ? Юсуф гуфт: "Бале! Ман худ Юсуфам ва ин бародари ман аст ва ба ростӣ, ки Аллоҳ бар мо миннат гузошт. Ӯ таъоло зотест, ки подоши некӯкоронро дар дунё ва охират нигаҳ медорад ва аз байн намебарад." Бародарон гуфтанд: "Ба Аллоҳ қасам, дар ҳақиқат Аллоҳ туро бо илм, ҳилм (нармдилӣ), фаҳм ва хирад бар мо бартарӣ додааст. Бешак ту дар умури дунё соҳиби мулку мақом ва бузургӣ ҳастӣ ва дар умури охират низ тӯшае аз сидқу тақво ва хислатҳои нек бо худ дорӣ, ҳол он ки мо бо озори ту ва бародарат, бо нофармонии падар, бо қатъи силаи раҳм ва бо нофармонӣ ва анҷоми гуноҳи Парвардигор, яқинан хатокор будаем." Юсуф алайҳиссалом, ки шахсияти бузург буд, сухани бузургона гуфт: " Имрӯз бар шумо

сарзанише нест, зеро Аллоҳ таъоло ончиро, ки шумо анҷом додаед, меомурзад, чун Ӯ таъоло бар тавбакорон меҳрубонтарини меҳрубонон аст ва бадиҳояшонро нобуд карда, хубиҳояшонро бузург месозад." Юсуф огоҳӣ ёфт, ки биноии падараш аз сабаби гиря ва андӯҳи зиёд аз байн рафтааст, аз ин рӯ ба бародаронаш гуфт: "Назди падарам бозгардед ва ин пироҳани манро бибаред ва онро бар чеҳраи падар бигзоред. Ӯ ба изни (иҷозати) Аллоҳ дубора бино мешавад, онгоҳ ҳамагӣ бо тамоми аъзои хонавода ба Миср биёед, то парокандагиҳо ҷамъ гарданд."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме ки бародарон бори севвум ба Миср рафтанд ва ба назди Юсуф дохил шуданд, гуфтанд: "Эй азиз, мову хонаводаамон ба гуруснагӣ афтодаем, паймонаи моро комил адо кун, гарчанде ки бо сармояи андак ба наздат омадаем ва бар мо зиёдатӣ бидеҳ, ҳамоно Аллоҳ зиёдадиҳандагонро подош медиҳад!"" (88)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Аз ин оят ҳақиқати ҳоли анбиё дар факр ва тангдастӣ бар меояд, ки бингар онҳо фарзандони Паёмбар Яъқуб алайҳиссаломанд ва ин ҳам ҳолу зорашон дар ниёзу тангдастӣ ва факр! Албатта ин ишора ба он аст, ки дунё дар назди Аллоҳ таъоло беқадр ва беарзиш аст, чаро ки онро ба душманонаш медиҳад ва аз дӯстонаш боз медорад.

- Ҷоиз будани хабар додан аз ҳолати факр ва тангдастӣ, агар зарурат ва ҳоҷат ба гуфтани он бошад.

- Ҷоиз будани шикоят аз ҳоли тангдастӣ барои касоне, ки эҳтимоли кумак кардан ё дур кардани онро дошта бошанд.

- Мушоҳида мешавад, ки Юсуф алайҳиссалом ба камоли мартабаҳои собирон (сабркунандагон) расид:

а) Ба сабри изтирорӣ (зарурӣ ё лозимӣ), ки сабр кардан дар баробари азият ва озори бародарон дар айёми кудакӣ, сабри дурӣ аз падару модар ва сабри машаққатҳо ва зиндагии чандинсола дар зиндон.

б) Ба сабри ихтиёрӣ, ки аз тарафи зани азизи Миср ба анҷоми амали фоҳишагӣ талаб карда шуд.

- Юсуф алайҳиссалом бо камоли адл ва эҳсон расид, ҳангоме азизи Миср ва хазинадори он шуд ва ҳамчунин бо камоли афву карам ва бахшиш расид, ҳангоме, ки аз иштибоҳоти бародаронаш гузашт кард.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф гуфт: "Медонед, ки аз рӯи нодонӣ бо Юсуф ва бародараш чӣ кардаед?"" (89)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Фаҳмида мешавад, ки Юсуф алайҳиссалом аз рӯи карам ва хубие, ки дошт, пеш аз сарзаниш, узри ҷаҳл ва нодониро баён мекунад, зеро Юсуф бузургвор ва карим аст. Карим дар шариъат ба касе гуфта мешавад, ки лағзишҳоро мепӯшонад ва айбҳоро гузашт мекунад.

- Ишора ба комил будани ахлоқи Юсуф алайҳиссалом дар карам, бахшиш, гузашт ва дар хайрхоҳӣ ба дигарон мебошад. Бо чунин ахлоқ банда метавонад назди Парвардигораш дараҷаи боло ёфта, дар дунё саодатманд ва дар охират аз ҷумлаи наҷотёфтагон бошад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Гуфтанд: "Оё ба ҳақиқат ту Юсуфӣ?" Гуфт: "Ман Юсуфам ва ин бародари ман аст ва Аллоҳ ба мо неъмат дод ва моро бо ҳам ҷамъ кард. Ҳамоно ҳар кас, ки парҳезгорӣ бикунад ва сабрро пеша кунад, Аллоҳ муздашро нобуд намегардонад, балки беҳтарин подош барояш ато хоҳад кард." (90)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Юсуф алайҳиссалом аз фурсат истифода бурда, хост бародаронашро таълим диҳад, онҳоро аз неъматҳои Аллоҳ огоҳ бикунад ва ба роҳҳои наҷот ва саодатмандӣ иршод намояд.
- Дар ин оят фазилати сабру таҳаммул ва тақво баён шуда, оқибати бурдборӣ ва сифатҳои сарбаландии инсон дар дунё ва охират зикр шудаанд.
- Ишора бар ҷоиз будани он аст, ки агар ҳоҷат ба зикр бошад, пас банда метавонад аз ҳоли тақво ва сабри худ ба дигарон хабар диҳад, ба шарте, ки он аз боби зикри неъматҳои Аллоҳ таъоло бошад ва на аз боби фахр, риё ва худ нишон додан.
- Сабр ва тақво ду давое аз давоҳои динӣ ба шумор рафта, барои ҳар як банда аз эҳтиёҷоти шабонарӯзии зиндагии ӯ ба шумор меравbooанд.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Гуфтанд: "Ба Аллоҳ савганд, ки Аллоҳ туро бар мо фазилату бартарӣ додааст ва ҳамаи мо ончи қасдан дар ҳаққи ту ва бародарат кардаем, хато кардаем."" (91)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Қасам ёд кардан ба номи Аллоҳ таъоло дар корҳое, ки инсон дар онҳо мутмаин аст ва бар онҳо боварии комил дорад, зеро дар ин оят бародарони Юсуф алайҳиссалом бар фазилат ва бартарии Юсуф алайҳиссалом боварӣ ва яқин карда, ба Аллоҳ таъоло савганд ёд карданд.
- Ҷоиз будани шаҳодат додан барои касе, ки бартарӣ ва фазилаташ зоҳиран ошкор аст.
- Бахшиш ва гузашт талаб кардан аз касоне, ки бар онҳо зулм шудааст ё ҳаққи онҳо зоеъ шуда бошад.
- Ишора бар он аст, ки иқрор кардан сабаби бахшиши гуноҳон мебошад.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф гуфт: "Имрӯз шуморо сарзанишу маломат набояд кард, зеро Аллоҳ шуморо мебахшояд, ки Ӯ меҳрубонтарини меҳрубонон аст!"" (92)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки камоли инсон дар оқибати корҳояш аст, на дар нақс ва камбудиҳои қаблиаш, зеро аз фарзандони Яъқуб алайҳиссалом ибтидо корҳое сар зад, ки боиси саршаниш буд, аммо ниҳояти корашон ба сӯи тавбаи насуҳ ва бахшиши комил аз тарафи Юсуф, аз тарафи падарашон ва дуъои мағфирату раҳмат барои онҳо шуд ва ҳар вақто банда ҳаққи худро бахшид, пас Аллоҳ таъоло беҳтарин зоти бахшандаву меҳрубон аст.

- Аз гузашт ва бахшиши Юсуф алайҳиссалом аз хато ва гуноҳони бародаронаш дарси ибрат гирифта мешавад, ки аз хатоҳои дигарон гузашт бояд кард ва дилу ахлоқи худро пок бояд кард, то яке аз беҳтарин сифати мусалмонира ноил шуд ва он ҳам сифати гузашту бахшидани дигарон аст, хусусан агар ин амал мобайни бародарон ва волидайну фарзандон бошад.

- Се сифате буданд, ки Юсуфро ба оқибати некӯ ва бурдборӣ расонданд:

*а) Тақво доштан.*

*б) Сабр доштан.*

*в) Эҳсон доштан.*

- Фазилати тақво ва сабр дар зиндагии инсон, зеро инҳо ду сабаби асосӣ барои наҷот ёфтани инсон дар дунё ва охират мебошанд.

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Юсуф гуфт. "Ин ҷомаи маро бибаред ва бар рӯи падарам андозед, то ӯ бино гардад ва ҳамаи аҳлу**

**аёли худро назди ман биёваред." (93)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки шифои касалиҳо бо сабаби дору ва чизҳое, ки эҳсосӣ ва таҷрибавӣ ҳастанд, сурат мегирад ва ҳамчунин шифои бемориҳо бо асбоби раббонӣ ва муъҷизоти анбиё низ сурат мегирад, чуноне ки тавассути пироҳани Юсуф алайҳиссалом сурат гирифт, ки ин яке аз муъҷизоти Юсуф алайҳиссалом ба шумор меравад.

- Ишора ба яке аз ҳикматҳои пироҳани Юсуф алайҳиссалом аст, зеро ибтидои саршавии ибтило (гирифторӣ ва мусибат) ва ғаму ғуссаи Яъқуб алайҳиссалом пироҳани бохун бофтаи ӯ буд ва ҳамчунин оғози нусрату хушҳолии Яъқуб алайҳиссалом низ пироҳани фиристодаи худи Юсуф алайҳиссалом шуд.

## Ояти 94 то 98

وَلَمَّا فَصَلَتِ ٱلۡعِيرُ قَالَ أَبُوهُمۡ إِنِّي لَأَجِدُ رِيحَ يُوسُفَۖ لَوۡلَآ أَن تُفَنِّدُونِ ٩٤ قَالُواْ تَٱللَّهِ إِنَّكَ لَفِي ضَلَٰلِكَ
ٱلۡقَدِيمِ ٩٥ فَلَمَّآ أَن جَآءَ ٱلۡبَشِيرُ أَلۡقَىٰهُ عَلَىٰ وَجۡهِهِۦ فَٱرۡتَدَّ بَصِيرٗاۖ قَالَ أَلَمۡ أَقُل لَّكُمۡ إِنِّيٓ أَعۡلَمُ مِنَ ٱللَّهِ
مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٩٦ قَالُواْ يَٰٓأَبَانَا ٱسۡتَغۡفِرۡ لَنَا ذُنُوبَنَآ إِنَّا كُنَّا خَٰطِـِٔينَ ٩٧ قَالَ سَوۡفَ أَسۡتَغۡفِرُ لَكُمۡ رَبِّيٓۖ
إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ٩٨

**"Ҳангоме ки корвон аз Миср берун шуд, падарашон гуфт: "Агар маро ба бехирадӣ нисбат надиҳед, воқеан бӯи Юсуфро ҳис мекунам."" (94) "(Аҳли хона) гуфтанд: "Ба Аллоҳ савганд, ки ту воқеъан дар ҳамон хатои деринаи худ ҳастӣ!"" (95) "Ҳангоме ки муждадиҳанда омад ва пироҳанро бар рӯи Яъқуб андохт, ӯ бино гашт. Яъқуб гуфт: "Оё ба шумо нагуфтам, ки ончи ман аз меҳрубонии Аллоҳ медонам, шумо намедонед?"" (96) "Писаронаш гуфтанд: "Эй падар, барои гуноҳони мо аз Парвардигорат омурзиш бихоҳ, ки мо воқеъан дар ҳаққи ту ва Юсуф гунаҳкор будаем." (97) "Яъқуб алайҳиссалом гуфт: "Ба зудӣ аз Парвардигорам барои шумо омурзиш хоҳам хост, ҳамоно Ӯ омурзандаи гуноҳи бандагон ва бар тавбакунандагон меҳрубон аст!" (98)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Огоҳӣ ва башорати Яъқуб алайҳиссалом аз Юсуф алайҳиссалом.*

Аллоҳ таъоло мефармояд, ки чун корвон бо пироҳани Юсуф аз Миср ба Шом раҳсипор шуд, Яъқуб ба хонаводаи худ гуфт: "Ман дар ҳақиқат бӯи Юсуфро эҳсос мекунам, агар маро ба масхара, кӯтоҳфикрӣ ва ба камхирадӣ нисбат надиҳед." Яъқуб он дарёфт ва эҳсосе, ки дар ниҳодаш (замир ва ботинаш) буд, онро барои онҳо баён кард ва боз бо эҳтиёт онро матраҳ намуд, то мавриди тамасхур воқеъ нашавад, гарчанде, ки ин дарёфт ва эҳсосаш муъҷизаи паёмбаронаи ӯ

алайҳиссалом буд. Хонаводаи Яъқуб ба ӯ гуфтанд: "Ба Аллоҳ қасам, ки ту ҳанӯз дар хатои пешинаи худ қарор дорӣ ва ба он идома медиҳӣ, дар ҳоле, ки Юсуф ба гумномӣ рафта, ки аз ӯ ҳеҷ хабар ва асаре нест." Пас вақте, ки муждарасон назди Яъқуб омад, пироҳани Юсуфро бар чеҳраи ӯ андохт ва ба изни Аллоҳ бинооии Яъқуб алайҳиссалом дубора баргашт. Яъқуб ба ҳозирин гуфт: "Оё ба шумо нагуфта будам, ки ман аз ҷониби Аллоҳ чизҳоеро медонам, ки шумо намедонед? Бешак ин фазл ва раҳмати Парвардигорам аст, ки барои ман ато намуд." Фарзандони Яъқуб гуфтанд: "Эй падар! Аз Парвардигори муттаъол бихоҳ, ки гуноҳони моро бибахшад ва айбҳои моро бипӯшонад ва моро бар ончи кардаем мавриди бозпурсӣ қарор надиҳад, зеро мо ба гуноҳи худ ва ба ончи бо Юсуф кардаем иқрор мекунем." Яъқуб дар ҷавоб гуфт: "Ба зудӣ аз Парвардигорам талаби бахшиши гуноҳонатонро мекунам, зеро Ӯ бар касоне, ки гуноҳ кардаанд бахшанда аст ва пардаи авфашро бар тавбакунон мепӯшонад."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме ки корвон аз Миср берун шуд, падарашон гуфт: "Агар маро ба бехирадӣ нисбат надиҳед, воқеан бӯи Юсуфро ҳис мекунам."" (94)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Аллоҳ таъоло бӯи Юсуф алайҳиссаломро ба Яъқуб алайҳиссалом расонид, ки ин як навъ оят ё нишонаи набӣ будани Юсуф ва падарашро мекунад.

- Ишора ба он мекунад, ки вақте имтиҳон ва озмоиши илоҳӣ ба поён расид, ҳар сабукие дар замони имтиҳон вазнин ва душвор аст ва ҳар вазниние дар интиҳо осон ва сабук ба шумор меравад.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"(Аҳли хона) гуфтанд: "Ба Аллоҳ савганд, ки ту воқеъан дар ҳамон хатои деринаи худ ҳастӣ!"" (95)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Гӯяндаи ин сухан ҳозирине буданд, ки аз хонаводаҳои Яъқуб алайҳиссалом буданд, на аз фарзандонаш, зеро фарзандон ҳама дар роҳ ба сӯи онҳо буданд.

- Ишора ба он мекунад, ки мусибатро танҳо мусибатзада метавонад эҳсос бикунад, на каси дигар, чун ҳоли Яъқуб алайҳиссаломро танҳо худ медонист ва Аллоҳ таъоло.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме ки муждадиҳанда омад ва пироҳанро бар рӯи Яъқуб андохт, ӯ бино гашт. Яъқуб гуфт: "Оё ба шумо нагуфтам, ки ончи ман аз меҳрубонии Аллоҳ медонам, шумо намедонед?"" (96)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҷоиз будани башорат додан ва ҳамчунин хурсандӣ кардан дар ҳолати ба даст овардани неъматҳои дунявӣ.

- Ин оят яке аз аломатҳо ё мӯъҷизоти набӣ будани Юсуф алайҳиссаломро мекунад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Писаронаш гуфтанд: "Эй падар, барои гуноҳони мо аз Парвардигорат омурзиш бихоҳ, ки мо воқеъан дар ҳаққи ту ва Юсуф гунаҳкор будаем." (97)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки эътироф кардан ба гуноҳ, яке аз шартҳои қабули тавба мебошад, зеро фарзандони Яъқуб алайҳиссалом вақте аз ӯ талаби бахшиши гуноҳашонро намуданд, бар гуноҳи худ иқрор ва эътироф карданд.

- Далел аст бар воҷиб будани талаби бахшиш аз касоне, ки дар ҳаққашон зулм ва ситам шудааст ва иқрор шудан бар хатои ҳосилшуда.
- Далел аст, ки анҷоми гуноҳи кабира инсонро аз Ислом хориҷ намекунад, бар ин асос фарзандон гуфтанд: **"Эй падар барои гуноҳони мо аз Парвардигорат омурзиш бихоҳ..."** ва нагуфтанд, ки барои амали куфре, ки анҷом додаем, омурзиш бихоҳ.
- Ишора бар карам ва эҳсони Яъқуб алайҳиссалом мекунад, чун аз ӯ талаби бахшиши гуноҳашонро аз Аллоҳ таъоло карданд ва ӯ дар вақти муносибтари дуъо талаби бахшиши гуноҳашонро аз Аллоҳ таъоло кард.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Яъқуб алайҳиссалом гуфт: "Ба зудӣ аз Парвардигорам барои шумо омурзиш хоҳам хост, ҳамоно Ӯ омурзандаи гуноҳи бандагон ва бар тавбакунандагон меҳрубон аст!" (98)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:
- Ин оят далолат бар дархости дуъо аз шахси солеҳ ва аз шахси ҳозирро мекунад ва ҳамчунин далолат бар ҷустуҷӯи вақтҳои муносиб барои иҷобати дуъоро низ мекунад, зеро Яъқуб алайҳиссалом дар ҳамон ҳол хоҳиши фарзандонро иҷобат накард, балки ҷуёи вақти муносибтаре шуд, ки барои иҷобати дуъо бошад.
- Аксари муфассирон гуфтаанд, ки Яъқуб алайҳиссалом дуъоро ба охири шаб таъхир кунонд, зеро он вақтест, ки Аллоҳ ба осмони дунё фурӯд меояд ва мегӯяд: ***"Кист, ки дуъо кунад, то дуъояшро иҷобат намоям..."*** (Ҳадиси саҳеҳ, тахриҷи муснади Имом Аҳмад, 17915) Пас Аллоҳ дуъои Яъқуб алайҳиссаломро қабул кард ва аз гуноҳони ӯ ва фарзандонаш даргузашт.

## Ояти 99 то 101

فَلَمَّا دَخَلُواْ عَلَىٰ يُوسُفَ ءَاوَىٰٓ إِلَيۡهِ أَبَوَيۡهِ وَقَالَ ٱدۡخُلُواْ مِصۡرَ إِن شَآءَ ٱللَّهُ ءَامِنِينَ ٩٩ وَرَفَعَ أَبَوَيۡهِ
عَلَى ٱلۡعَرۡشِ وَخَرُّواْ لَهُۥ سُجَّدٗاۖ وَقَالَ يَٰٓأَبَتِ هَٰذَا تَأۡوِيلُ رُءۡيَٰيَ مِن قَبۡلُ قَدۡ جَعَلَهَا رَبِّي حَقّٗاۖ وَقَدۡ
أَحۡسَنَ بِيٓ إِذۡ أَخۡرَجَنِي مِنَ ٱلسِّجۡنِ وَجَآءَ بِكُم مِّنَ ٱلۡبَدۡوِ مِنۢ بَعۡدِ أَن نَّزَغَ ٱلشَّيۡطَٰنُ بَيۡنِي وَبَيۡنَ إِخۡوَتِيٓۚ
إِنَّ رَبِّي لَطِيفٞ لِّمَا يَشَآءُۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡحَكِيمُ ١٠٠ ۞ رَبِّ قَدۡ ءَاتَيۡتَنِي مِنَ ٱلۡمُلۡكِ وَعَلَّمۡتَنِي
مِن تَأۡوِيلِ ٱلۡأَحَادِيثِۚ فَاطِرَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ أَنتَ وَلِيِّۦ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۖ تَوَفَّنِي مُسۡلِمٗا وَأَلۡحِقۡنِي
بِٱلصَّٰلِحِينَ ١٠١

**"Ҳангоме ки бародарон ва падару модар ба назди Юсуф дохил шуданд, Юсуф падар ва модарро ба оғӯш кашиду гуфт: "Ба Миср дароед, ки агар Аллоҳ бихоҳад дар амон хоҳед буд!"" (99) "Падару модарро бар тахт нишонд ва падару модар ва ёздаҳ бародарон дар баробари Юсуф барои ҳурмату эҳтиром ба фурӯтанӣ даромаданд. Юсуф гуфт: "Эй падар, ин аст таъбири он хобе, ки ту онро баён карда будӣ ва Парвардигорам онро ба таҳқиқ расонид. Парвардигорам барои ман некии зиёд кардааст, аз ҷумла маро аз зиндон бираҳонид, миёни мо бародарон дӯстӣ ва муҳаббат дод, пас аз он, ки шайтон миёни мо фасод андохта буд ва шуморо низ аз бодия (биёбон) ба инҷо овард. Парвардигори ман ба ҳарчи ирода кунад, онро санҷида ва дақиқ анҷом медиҳад, ки Ӯ доно ва ҳаким аст!" (100) "Эй Парвардигори ман, маро подшоҳӣ додӣ ва маро илми таъбири хоб омӯхтӣ. Эй офаринандаи осмонҳову замин, Ту дар дунёву охират сарпарасти манӣ, маро то охири ҳаётам мусалмон нигоҳ бидор ва мусалмон бимирон ва маро бо бандагони солеҳат бипайванд!" (101)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Истиқболи Юсуф алайҳиссалом аз хонадони худ ва таҳаққуқ бахшидани хоби ӯ.*

Аллоҳ таъоло мефармояд, ки Яъқуб ва хонаводааш ба Миср ба назди Юсуф омаданд ва вақте назди ӯ ворид шуданд, аз рӯи икром ва таъзим, ӯ падар ва модарашро дар канори худ ҷой дод ва гуфт: "Ба хости Аллоҳ, бо амну амон вориди сарзамини Миср шавед, дар ҳоле ки на аз ранҷ ва на аз сахтӣ ҳаросонед, зеро тарсу ҳаросҳо ба раҳмати Аллоҳи меҳрубон ба поён расиданд." Юсуф аз рӯи эҳтиром ва муҳаббат, падар ва модарашро бар тахти подшоҳӣ шинонд, падар ва модар ва ёздаҳ бародар аз рӯи таҷлил ва шодбошӣ ба саҷда афтоданд.

Дар ин асно Юсуф ба падараш гуфт: "Эй падар! Ин аст таъбири хоби пешинаи ман, ки ту онро баён карда будӣ! Бо ин саҷда, ҳамон хобе, ки дар кудакӣ дида будам ба таҳаққуқ пайваст ва Аллоҳ таъоло онро рост гардонид. Ҳамчунон Аллоҳ таъоло бар ман миннат гузошта, маро аз зиндон берун овард ва мавриди икроми худ қарор дод, байни мо бародарон лутф ва муҳаббатро ато кард, дар ҳоле, ки шайтон миёни мо бародарон фасодро андохта буд ва аз сӯи дигар бошад шуморо аз бодияе, ки дар он қаҳтӣ ва тангдастӣ буд, ба шаҳри фаровонӣ ва осудаҳолӣ овард. Ба ростӣ, ки Аллоҳ дар тадбири корҳои худ бисёр дақиқ аст, онҷиро, ки муқаддар сохтааст дар соддатарин умур ба иҷро мерасонад.

Сипас Юсуф ба боргоҳи Парвардигораш дуъо кард ва гуфт: "Парвардигоро, Ту ба ман илми судманд, фаҳми дуруст ва доварӣ намудан ва ҳукумат карданро иноят бахшидаӣ. Эй падидоварандаи осмонҳо ва замин, ин Ту ҳастӣ, ки дар дунё ва охират корсози аҳволам, шунавои ақволам ва бинандаи аъмолам ҳастӣ. Аз Ту мехоҳам, ки маро бар Ислом бимиронӣ ва маро ба қофилаи солеҳон, ки аз Паёмбарон, олимон, шаҳидон ва бузургон ҳастанд, мулҳақ (пайваст) бигардонӣ."

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳангоме ки бародарон ва падару модар ба назди Юсуф дохил шуданд, Юсуф падар ва модарро ба оғӯш кашиду гуфт: "Ба Миср дароед, ки агар Аллоҳ бихоҳад дар амон хоҳед буд!"" (99)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҷоиз будани пешвозгирӣ ва пазироӣ.
- Ҷоиз будани падару модар ва бародаронро дар оғӯш кашидан.
- Далел барои "Ин шо Аллоҳ" гуфтан дар корҳои хайр, зеро Юсуф алайҳиссалом гуфт: **"Ба Миср дароед, агар Аллоҳ бихоҳад (ин шо Аллоҳ) дар амон хоҳед буд."**

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Падару модарро бар тахт нишонд ва падару модар ва ёздаҳ бародарон дар баробари Юсуф барои ҳурмату эҳтиром ба фурӯтанӣ даромаданд. Юсуф гуфт: "Эй падар, ин аст таъбири он хобе, ки ту онро баён карда будӣ ва Парвардигорам онро ба таҳқиқ расонид. Парвардигорам барои ман некии зиёд кардааст, аз ҷумла маро аз зиндон бираҳонид, миёни мо бародарон дӯстӣ ва муҳаббат дод, пас аз он, ки шайтон миёни мо фасод андохта буд ва шуморо низ аз бодия (биёбон) ба инҷо овард. Парвардигори ман ба ҳарчи ирода кунад, онро санҷида ва дақиқ анҷом медиҳад, ки Ӯ доно ва ҳаким аст!" (100)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ҷои тазаккур аст, ки фурӯтанӣ ва ё саҷда, ки дар ин оят омадааст, аз рӯи назари баъзе аз уламо дар шариъати онзамонаи Яъқуб алайҳиссалом ба шакле як навъи ибодат ба ҳисоб мерафт, аммо дар шариъати исломии мо саҷда намудан бар касе ба ғайр аз Аллоҳ таъоло, ба чи навъ ё тарзе ки бошад, ширк ба ҳисоб меравад, зеро саҷда як навъ ибодати хосест, ки танҳо дар баробари Аллоҳ таъоло анҷом дода мешавад. Аллома

Қуртубӣ раҳимаҳуллоҳ дар ин робита дар тафсираш чунин мегӯяд: *"Иҷмоъи муфассиррон аст, яъне ҳамаи муфассирон иттифоқи назар доранд, ки ин саҷда бо кадом тарзе анҷом шуда бошад, барои эҳтироми Юсуф алайҳиссалом анҷом дода шудааст, на аз барои ибодати Юсуф алайҳиссалом."*

- Саҷда кардан аз боби эҳтиром дар шариъати анбиёи гузашта ҷоиз будааст.

- Инҷо далолат ба ахлоқи болои Юсуф алайҳиссалом мекунад, зеро ӯ дар ин ҳолат гуноҳи бародаронашро сароҳатан дар назди падар зикр накард, балки гуноҳро ба шайтон гузошт ва муҳаббати байни худ ва бародаронашро зикр кард, зеро маҷлис маҷлиси афв, гузашт, бахшиш ва маҷлиси шодӣ буд ва ин аст ахлоқ ва равиши ашхоси бузург, ки бадиҳоро фаромӯш карда, танҳо аз хубиҳо ва некиҳо ёд мекунанд.

- Барои ҳар бандаи мусалмон шоиста аст, ки дар ҳоли шодӣ ва хурсандӣ аз рӯзҳои душворӣ ва вазнин ёдовар бишавад, то ин ки шукронаи Аллоҳро баҷо биёрад ва сабаби баракат ва зиёдатӣ дар зиндагияш бишавад, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом ингуна рафтор кард.

- Фазли иқрор ва баёни неъматҳои Аллоҳ таъолоро кардан, зеро ин худ як навъ шукрона ва ибодат ба ҳисоб меравад.

- Далел аст, ки аз деҳа ё қишлоқ ба шаҳру мадина омадан ё ҳиҷрат кардан, як неъмати Аллоҳ таъоло ба шумор меравад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Эй Парвардигори ман, маро подшоҳӣ додӣ ва маро илми таъбири хоб омӯхтӣ. Эй офаринандаи осмонҳову замин, Ту дар дунёву охират сарпарасти манӣ, маро то охири ҳаётам мусалмон нигоҳ бидор ва мусалмон бимирон ва маро**

**бо бандагони солеҳат бипайванд!" (101)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Аз суннатҳои воридшудаи Расулон ва анбиё ин аст, ки пеш аз талаби ҳоҷат кардан аз Аллоҳ таъоло, Аллоҳро бо номҳо ва сифатҳояш васфу сано карда, баъдан талаби худро бозгӯ мекунанд, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом анҷом дод.

- Фазилати васила кардан ба номҳо ва сифатҳои Аллоҳ таъоло дар дуъоҳо, чуноне ки Юсуф алайҳиссалом дар инҷо дуъо карданд.

- Дуруст будани дуъо кардан ба оқибати хубтар ва талаби ҳусни хотима кардан аз Аллоҳ таъоло.

- Дуъои Юсуф алайҳиссалом чандин масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад:

а) Иқрор ба тавҳиди Парвардигор.

б) Таслим шудан ба рубубияти Парвардигор.

в) Муҳтоҷ будани худро ба Аллоҳ изҳор ва ошкор кардан.

г) Баёни бароат (покӣ) ва дур будани худ бо дӯстии ғайри Аллоҳ таъоло.

д) Вафот кардан бар Ислом, ки ҳадафи асосии ҳар бандаи мусалмон аст.

е) Эътироф ба рӯзи қиёмат кардан.

ё) Талаби бо солеҳин расидан.

- Ишора ба он аст, ки аҳёнан як лаҳза сабр кардан ва ба Аллоҳ паноҳ бурдан, инсонро ба камолоти зиндагӣ мерасонад ва акси он бошад, ки Аллоҳ таъоло мову шумо аз он лаҳзаҳо нигоҳ дорад, ба тамоми бадиҳо ва пастиву шармандагиҳо мерасонад.

- Ҳазар ва дурӣ кардан аз фитна ва макри шайтон, чун сабаби душмангаройӣ байни бародарӣ ва дурӣ аз дӯстону наздикон мешавад.

- Ҷоиз будани талаби ҳусни хотима ва талаби пайвастан ба солеҳин, зеро ин амал аз ахлоқи анбиё алайҳимуссалом аст.

## Ояти 102 то 107

ذَٰلِكَ مِنۡ أَنۢبَآءِ ٱلۡغَيۡبِ نُوحِيهِ إِلَيۡكَۖ وَمَا كُنتَ لَدَيۡهِمۡ إِذۡ أَجۡمَعُوٓاْ أَمۡرَهُمۡ وَهُمۡ يَمۡكُرُونَ ١٠٢ وَمَآ أَكۡثَرُ
ٱلنَّاسِ وَلَوۡ حَرَصۡتَ بِمُؤۡمِنِينَ ١٠٣ وَمَا تَسۡـَٔلُهُمۡ عَلَيۡهِ مِنۡ أَجۡرٍۚ إِنۡ هُوَ إِلَّا ذِكۡرٞ لِّلۡعَٰلَمِينَ ١٠٤ وَكَأَيِّن
مِّنۡ ءَايَةٖ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ يَمُرُّونَ عَلَيۡهَا وَهُمۡ عَنۡهَا مُعۡرِضُونَ ١٠٥ وَمَا يُؤۡمِنُ أَكۡثَرُهُم بِٱللَّهِ
إِلَّا وَهُم مُّشۡرِكُونَ ١٠٦ أَفَأَمِنُوٓاْ أَن تَأۡتِيَهُمۡ غَٰشِيَةٞ مِّنۡ عَذَابِ ٱللَّهِ أَوۡ تَأۡتِيَهُمُ ٱلسَّاعَةُ بَغۡتَةٗ وَهُمۡ لَا
يَشۡعُرُونَ ١٠٧

**"Инҳо аз хабарҳои ғайбанд, ки ба ту эй Муҳаммад ваҳй мекунем ва он ҳангом, ки бародарони Юсуф бо ҳамдигар гирд омада буданд, бо ҳам машварат мекарданд ва найранг месохтанд (яъне он лаҳзаҳое, ки бародарон Юсуфро бо роҳи найранг ба саҳро бурда ва ӯро дар чоҳ андохтанд) ту назди онҳо набудӣ!" (102) "Эй Паёмбар, ҳарчанд ту ба имон овардани қавмат ҳарис ҳам бошӣ, ба ҳар ҳол аксари мардуми қавми ту имон намеоваранд!" (103) "Ту дар муқобили даъват аз онҳо музде наметалабӣ ва ин Қуръон ҷуз панде барои мардуми ҷаҳон нест!" (104) "Чи бисёр нишонаҳое дар замину осмон ҳастанд, ки ҳамагӣ ба ягонагии Аллоҳ далолат мекунанд, аммо аксари мардум аз канори онҳо мегузаранд, аз онҳо рӯй барметобанд ва аз онҳо панду ибрате намегиранд!" (105) "Бештари мардум ба Аллоҳ имон намеоваранд (ва агар имон ҳам биоваранд), дар имони худ ширк меварзанд." (106) "Оё онҳо эминанд, аз он ки азоби фарогире аз сӯи Аллоҳ ононро дарбар нагирад ё ногаҳон қиёмат ба суроғашон наёяд, дар ҳоле, ки ғофил ва бехабар бошанд!?" (107)**

### Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Шукронаи неъматҳои Аллоҳ ва талаби ҳусни хотима ва пойдорӣ бар Ислом.*

Аллоҳ таъоло мефармояд, ки эй Муҳаммад! Ин достоне, ки бар ту нозил кардаем аз хабарҳои ғайб аст, ки ҷуз аз роҳи ваҳй қобили дарёфт нест ва ту ҳангоме, ки бародарони Юсуф бо якдигар ҳамдаст шуда ва бар андохтанаш дар чоҳ найранг мекарданд ва бар алайҳи ӯ тавтеаи бузург мечиданд, онҷо ҳозир набудӣ. Ту аз чигунагии ин достон ва моҷаро ҳеҷ хабар надоштӣ, вале мо туро аз он огоҳ сохтаем ва ин худ бар нубувват далолат карда, нишон медиҳад, ки ончи бар ту омадааст ваҳй аз назди Аллоҳ аст. Пас чаро баъд аз ин ҳама далелҳо, шаккокон дар рисолати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шак меварзанд. Эй Паёмбари баргузида! Бо вуҷуди ошкор будани ҳуҷҷату далел ва дурустии нубувватат, бештари кофирҳо ҳарчанд, ки ту бар имон оварданашон талош меварзӣ, туро бовар намекунанд ва ба ту имон намеоваранд. Бинобар ин бар ҳоли онҳо андӯҳгин мабош ва аз макру найранге, ки бо ҳам мекунанд дилтанг ва ғамгин машав. Эй Муҳаммад! Ту бар даъвати қавмат ба сӯи ҳидоят, аз онон подоше намехоҳӣ, зеро ончи Аллоҳ бар ту нозил карда барои ҳидояти тамоми башар аст, на барои талаби подош ё манофеъ аз онон. Аллоҳ бениёз аст, ба дирҳаму динори онҳо эҳтиёҷе надорад, балки ончи бар мардум воҷиб аст, ин фармонбардорӣ, пайравии некӯ ва шитоби иҷобати дастурот асту бас. Чи бисёр нишонаҳои равшан ва далелҳои қотеъ барои ягонагӣ ва азамати Аллоҳ дар осмонҳо ва замин вуҷуд доранд ва мардум ин нишонаҳоро мебинанд, аммо на дар онҳо меандешанд ва на аз онҳо дарси ибрат мегиранд.

Ҳамчунон кофирон бар офаринанда ва бар ризқдиҳанда будани Аллоҳ ва танҳо Ӯ таъоло сазовори парастиш доштанро эътироф ва қабул доранд, дар ҳоле, ки дар парастиши Аллоҳ бутон, анбиё, солеҳон, офтобу моҳтоб ва ғайраро шарик қарор дода, онҳоро ибодат мекунанд.

Пас онҳо ба рубубияти Аллоҳ таъоло имон ва эътироф доранд, аммо дар ибодати Аллоҳ онҳоро шарик меоранд.

Оё мушрикон аз сӯи Аллоҳ таъоло дар назди худ амонномае доранд, ки азоби ом ва ногаҳонӣ бар онон нозил намешавад ё қиёмат ногаҳон намерасад? Яқинан ҳолашон аз ду сурат хориҷ нест, яъне дар ҳамин дунё бар онон азоб нозил карда мешавад ё баъд аз марг, ки мувоҷеҳи ҳисоб ва азоб мешаванд, дар воқеъ, ки онҳо эҳсос ва шуъӯри ҳақиқиро аз даст додаанд.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Инҳо аз хабарҳои ғайбанд, ки ба ту эй Муҳаммад ваҳй мекунем ва он ҳангом, ки бародарони Юсуф бо ҳамдигар гирд омада буданд, бо ҳам машварат мекарданд ва найранг месохтанд (яъне он лаҳзаҳое, ки бародарон Юсуфро бо роҳи найранг ба саҳро бурда ва ӯро дар чоҳ андохтанд) ту назди онҳо набудӣ!" (102)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Исботи Паёмбар будани Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, зеро Аллоҳ таъоло ба ӯ аз ахбори гузаштагон маълумот дод.
- Далел аст, ки Паёмбар алайҳиссалом, илми ғайбро намедонистанд ва ҳамчунин далел бар он аст, ки дигар ашхос бо ҳеҷ ваҷҳ аз илми ғайб хабар надоранд.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Эй Паёмбар, ҳарчанд ту ба имон овардани қавмат ҳарис ҳам бошӣ, ба ҳар ҳол аксари мардуми қавми ту имон намеоваранд!" (103)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далолат бар он мекунад, ки ҳақиқат бо он вобастагӣ надорад, ки пайравонаш кам ё зиёд бошанд, балки ҳақиқат он аст, ки мувофиқ бо

талаботҳои шариъат бошад. Ба ибораи дигар, зиёд будан муҳим нест, балки хуб будан, саҳеҳ будан, имон, ақида ва манҳаҷ эътибор дорад.

- Баёни ҳукми Аллоҳ барои мардум, ки аксари онҳо имон намеоваранд, пас бояд даъватгар вазифаи худро нисбат ба расонидани дин кӯтоҳи накунад, зеро мақсади асосӣ расонидани паёми илоҳист ва натиҷа ба дасти Аллоҳи ҳакиму доност.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ту дар муқобили даъват аз онҳо музде наметалабӣ ва ин Қуръон ҷуз панде барои мардуми ҷаҳон нест!" (104)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Даъватгари ҳақиқӣ ба сӯи Аллоҳ таъоло, ба хотири даъват аз касе на чизе талаб мекунад ва на интизори чизеро дорад, балки танҳо аҷру савоб ва фазли илоҳиро талабу интизорӣ мекашад.

- Хабари илоҳӣ аст, ки Қуръони карим дорои панду андарзҳо мебошад ва бояд ҳар даъватгар ин китоби илоҳиро манҳаҷ ва равиши худ қарор бидиҳад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Чи бисёр нишонаҳое дар замину осмон ҳастанд, ки ҳамагӣ ба ягонагии Аллоҳ далолат мекунанд, аммо аксари мардум аз канори онҳо мегузаранд, аз онҳо рӯй барметобанд ва аз онҳо панду ибрате намегиранд!" (105)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Сарзаниш ва гӯшзади Аллоҳ таъоло барои касоне, ки дар оёт ва нишонаҳои замин ва осмон тафаккур намекунанд.

- Далел аст, ки тафаккур ва тадаббур кардан дар махлуқоти илоҳӣ, яке аз бузургтарин ибодатҳо ба шумор меравад.

- Хабари илоҳист, ки тамоми махлуқот далел ва ҳуҷҷат мебошанд бар якка ва ягона будани зоти Аллоҳ таъоло дар тамоми номҳо, сифатҳо ва ибодатҳояш.

5. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бештари мардум ба Аллоҳ имон намеоваранд (ва агар имон ҳам биоваранд), дар имони худ ширк меварзанд." (106)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки аксари мардум ба рубубияти Аллоҳ таъоло имон доранд, аммо дар ибодати Аллоҳ таъоло ширк меварзанд. Бар ин асос, ба онҳо имони мутлақ нисбат дода намешавад, балки имони муқайяд нисбат дода мешавад, яъне имоне, ки бо ширк омехта шудааст ё ба истилоҳе аксари мардум имон овардаанд, вале дар навбати худ ширкро тарк накардаанд.

- Ишора ба он аст, ки имон ва ширк ду чизе ҳастанд, ки онҳоро намешавад бо ҳамдигар ҷамъ намуд, аз ин сабаб бояд мӯъминон тамоми намудҳои ширкро тарк кунанд.

6. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Оё онҳо эминанд, аз он ки азоби фарогире аз сӯи Аллоҳ ононро дарбар нагирад ё ногаҳон қиёмат ба суроғашон наёяд, дар ҳоле, ки ғофил ва бехабар бошанд!?" (107)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ишора ба он аст, ки мушрикон ё касонеро, ки имон овардаанд, вале ширкро тарк накардаанд ё имон оваранд ва дар ибодаташон ба ҷуз Аллоҳ таъоло каси дигар ё чизи дигареро шарик қарор додаанд, ҳатман азоби ғофилгире интизорашон аст.

- Ҳазар ва гӯшзади Аллоҳ таъоло барои касоне, ки ба Ӯ таъоло ширк меоранд.

- Исботи имон овардан ба яке аз аркони 6-гонаи имон ва он зинда шудани баъд аз марг мебошад, ки онро дар истилоҳи шариъат "баъс" мегӯянд.

# Ояти 108 то 111

قُلْ هَٰذِهِۦ سَبِيلِىٓ أَدْعُوٓا۟ إِلَى ٱللَّهِ ۚ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ أَنَا۠ وَمَنِ ٱتَّبَعَنِى ۖ وَسُبْحَٰنَ ٱللَّهِ وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلْمُشْرِكِينَ
١٠٨ وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ إِلَّا رِجَالًا نُّوحِىٓ إِلَيْهِم مِّنْ أَهْلِ ٱلْقُرَىٰٓ ۗ أَفَلَمْ يَسِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَيَنظُرُوا۟
كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۗ وَلَدَارُ ٱلْءَاخِرَةِ خَيْرٌ لِّلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ ۗ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ١٠٩ حَتَّىٰٓ إِذَا
ٱسْتَيْـَٔسَ ٱلرُّسُلُ وَظَنُّوٓا۟ أَنَّهُمْ قَدْ كُذِبُوا۟ جَآءَهُمْ نَصْرُنَا فَنُجِّىَ مَن نَّشَآءُ ۖ وَلَا يُرَدُّ بَأْسُنَا عَنِ ٱلْقَوْمِ
ٱلْمُجْرِمِينَ ١١٠ لَقَدْ كَانَ فِى قَصَصِهِمْ عِبْرَةٌ لِّأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ۗ مَا كَانَ حَدِيثًا يُفْتَرَىٰ وَلَٰكِن
تَصْدِيقَ ٱلَّذِى بَيْنَ يَدَيْهِ وَتَفْصِيلَ كُلِّ شَىْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ١١١

"Бигӯ эй Паёмбар: "Ин роҳи ман аст, ман ва пайравонам ҳамагонро бо далелу ҳуҷҷат ба сӯи Аллоҳи ягона даъват мекунем. Пок аст Аллоҳ ва ман ҳаргиз аз мушрикон нестам!"" (108) "Мо пеш аз ту эй Паёмбар, ба паёмбарӣ нафиристодем магар мардонеро аз мардуми шаҳрҳо ва ободиҳо ва бар онҳо ваҳй нозил намудем. Оё дар рӯи замин намегарданд, то бинигаранд, ки поёни кори пешиниёнашон, ки беимон буданд, чӣ будааст? Ҳамоно парҳезгоронро биҳишти охират беҳтар аст, чаро намеандешед?" (109) "Замоне, ки Паёмбарони қаблӣ аз имон овардани уммат ва қавми худ ноумед шуданд, пас аз он қавмҳои онҳоро ҳалок кардем ва гирифтори азоб намудем. Қавмҳои онҳо гумон мекарданд, ки Паёмбаронашон бар дурӯғ ваъда карда шудаанд ва ногаҳон ёрӣ ва нусрати Мо ба Паёмбарон расид. Ҳар киро, ки хостем аз Паёмбарон ва пайравонашон наҷот додем ва азоби Мо аз мардуми гунаҳкор бозгардонида намешавад!" (110) "Ҳамоно соҳибони ақлро дар қиссаҳои Паёмбарон панду ибратест. Ин Қуръон сухани сохта нест, балки тасдиқи сухани китобҳои пешиниён ва баёнкунандаи ҳар мавзӯъ ва барои онҳо, ки имон овардаанд, раҳнамо ва раҳмат мебошад." (111)

## Маънои мухтасари оятҳо

*Мавзӯъ: Баёни роҳи наҷот ва зикри сифатҳои анбиё алайҳимуссалом.*

Аллоҳ таъоло мефармояд, ки эй Паёмбар, ба мардум бигӯ, ин барнома ва равиши ман аст, ки мардумро ба сӯи парастиши Аллоҳи ягона, ба холис сохтани тоъат барои Ӯ таъоло ва ба ягонагии Ӯ таъоло дар ваҳдонияташ фаро мехонам. Ин даъвати ман бар асоси илми ростин ва ҳуҷҷати қотеъу равшан аст. Ман ва касоне, ки бар роҳ ва равиши ман қарор доранд ва ба ман иқтидо кардаанд, бар Аллоҳ таъоло шарик наменварзанд ва Ӯ таъолоро якка ва ягона ибодат мекунанд. Эй Паёмбар! Пеш аз ту низ мардоне аз аҳли шаҳрҳоро, ки барояшон ваҳй нозил мекардем, ба сӯи башар ба рисолат фиристодем, ки онҳо дар хилқаташон аз ҳама комилтар, дар ақлу хирад аз ҳама болотар ва дар шинохти маслиҳати мардум аз ҳама огоҳтар буданд. Бо ин ки онҳо шахсиятҳои баркамол буданд, гурӯҳе онҳоро тасдиқ мекарданд ва наҷот меёфтанд ва гурӯҳе низ онҳоро дурӯғ ва рад мекарданд ва ҳалок мешуданд. Оё кофирон дар замин гаштугузор накардаанд, то оқибати касонеро, ки пеш аз онҳо Паёмбаронро такзиб кардаанд бубинанд, ки чигуна Аллоҳ таъоло онҳоро ҳалок ва хору залил кард? Албатта подоши охират барои касоне, ки имон оварда ва амали солеҳ кардаанд, беҳтар аз дунёст, пас чаро соҳибони ақл ва хирад бар ин намеандешанд?! Эй Паёмбар, барои дархости ҳалоки такзибкунандагон шитоб накун, зеро Паёмбарони пеш аз ту сабр карданд. То вақте, ки он Расулон аз имон овардани қавмашон ноумед шуданд ва қавмашон гумон карданд, ки ба онҳо дурӯғ гуфта шудааст, пас онгоҳ нусрати Мо бар он Паёмбарон расид, ки дар натиҷа танҳо Паёмбарон ва касоне, ки бар онҳо имон оварда буданд, наҷот ёфтанд. Дар ҳақиқат азоби дардноки Аллоҳро барои кофирон ва саркашон касе гардонда наметавонад.

Ба ростӣ, дар қисса ва ахбори Паёмбарон, ки Аллоҳ таъоло аз онҳо ба Расулаш хабар додааст, барои соҳибони ақлу хирад ибрату дарсҳои наҷотбахш аст. Ба яқин, Қуръони карим сухане нест, ки ба дурӯғ ва бухтонҳо баста бошад, балки хабарест саҳеҳ ва ваҳй аст возеҳ аз сӯи Аллоҳ, ки ба Паёмбараш нозил шудааст ва тасдиққунандаи китобҳои пешини осмонист. Қуръон равшангари ҳар амрест, ки башар ба он эҳтиёҷ дорад, монанди ақида, аҳком, одоб, илми ҳалол ва ҳаром. Ҳамчунин Қуръон баёнгар, ҳидоятгар ва раҳмат аст ба гурӯҳе, ки имон овардаанд.

## Иршодоти оятҳо

1. Дар фармудаи Аллоҳ: **"Бигӯ эй Паёмбар: "Ин роҳи ман аст, ман ва пайравонам ҳамагонро бо далелу ҳуҷҷат ба сӯи Аллоҳи ягона даъват мекунем. Пок аст Аллоҳ ва ман ҳаргиз аз мушрикон нестам!"" (108)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар матни арабии ин оят, ки лафзи "басират" зикр шудааст, маънои бо ҳуҷҷату далели ошкор ва бо яқину шинохти рост даъват намуданро дар бар мегирад.

- Далел аст, ки басират аз фарзҳои даъват ба ҳисоб меравад ва ҳатмӣ аст, ки даъватгар ба оне, ки даъват мекунад, илм дошта бошад ва даъват намудан фарз аст ва илм ба он низ аз ҷумлаи фарзҳост.

- Дар ин оят огоҳӣ ба ихлоси комил ва ҳақиқӣ барои касонест, ки мардумро ба ҳақ даъват мекунанд, локин дар навбати худ ба сӯи худ ҷалб мекунанд, на ба сӯи ҳақиқат. Надоштани ихлоси комил барои даъватгар, натиҷа ва самараи бади шахспарастӣ, таассуби ашхос ва дидани ҳақ дар ашхосро дар даъватшаванда мегузорад, ки ин худ комилан хилофи мақсадҳои даъват ба шумор меравад.

- Далолат бар он мекунад, ки мусалмонон вазифадор ҳастанд, ки ба қадри илму тавони худ, мардумро холисона ба сӯи Аллоҳ даъват кунанд.

- Далел аст, ки мусалмон бояд аз ширк ва аз мушрикон дурӣ карда ва безории худро аз онҳо эълом кунад, яъне дурӣ гузидан ва бад дидани ширк ва мушрикон кофӣ набуда, балки безории худро аз онҳо баён кардан низ, лозим ва зарурист.

- Бар асоси ин оят, даъвати Паёмбар алайҳиссалом ва пайравонаш иборат аст аз:

а) Оғоз намудани даъват аз тавҳиди Аллоҳ.

б) Холис сохтани ибодат барои Аллоҳ таъоло.

в) Ба покӣ ёд кардани Аллоҳ аз ширк ва аз он чизе, ки шоистаи шаъни Ӯ таъоло нест.

г) Талаби илм ва амал кардан ба он.

д) Омӯзиши илм ба дигарон.

е) Сабр бар озори мардум дар роҳи даъват.

Пас аз ин маълум мешавад, ки даъват чаҳор мартаба дорад:

*а) Илм*

*б) Амал намудан ба илм.*

*в) Таълим*

*г) Сабр намудан*

Сифатҳои зикршуда сифатҳои раббонӣ ҳастанд ва роҳе барои касонеанд, ки хоҳони расидан ба болотарин ҷойгоҳ баъд аз нубувватро доранд, яъне роҳи даъват ба сӯи шариъати илоҳӣ болотарин ҷойгоҳ баъд аз нубувват мебошад.

- Ҳамчунин ин оят баъзе рукнҳои даъватро дар бар мегирад, аз ҷумла:

а) Будани манҳаҷ (роҳ ва равиш) дар даъват, ки он даъват ба сӯи Аллоҳ таъоло кардан аст.

б) Қоим будани манҳаҷ бар асоси илму басират.

с) Будани даъватгар.

д) Будани даъватшаванда.

е) Воҷиб донистани ягонагии Аллоҳ таъоло дар тавҳиди сегонааш, яъне дар тавҳиди рубубият, дар тавҳиди улуҳият ва дар тавҳиди номҳо ва сифатҳо.

2. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Мо пеш аз ту эй Паёмбар, ба паёмбарӣ нафиристодем магар мардонеро аз мардуми шаҳрҳо ва ободиҳо ва бар онҳо ваҳй нозил намудем. Оё дар рӯи замин намегарданд, то бингаранд, ки поёни кори пешиниёнашон, ки беимон буданд, чӣ будааст? Ҳамоно парҳезгоронро биҳишти охират беҳтар аст, чаро намеандешед?" (109)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Далел аст, ки Расулон ва анбиё аз мардон буда ва аз сокинони шаҳр ҳастанд ва олимон низ дар ин масъала иттифоқи назар доранд.
- Ишора ба он аст, ки Расулон ва анбиё аз занон ва ё аз сокинони деҳа ва бодия набудаанд.
- Дар ин оят тарғиб шудааст, ки инсонҳо бояд барои анҷоми амалҳое, ки дар охират барои онҳо суд мерасонанд, талош ва кӯшиш намоянд.
- Далолат мекунад, ки Аллоҳ таъоло барои касоне, ки дар оёти Ӯ тадаббур ва тафаккур намекунанд, ғазаб мекунад.

3. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Замоне, ки Паёмбарони қаблӣ аз имон овардани уммат ва қавми худ ноумед шуданд, пас аз он**

**қавмҳои онҳоро ҳалок кардем ва гирифтори азоб намудем. Қавмҳои онҳо гумон мекарданд, ки Паёмбаронашон бар дурӯғ ваъда карда шудаанд ва ногаҳон ёрӣ ва нусрати Мо ба Паёмбарон расид. Ҳар киро, ки хостем аз Паёмбарон ва пайравонашон наҷот додем ва азоби Мо аз мардуми гунаҳкор бозгардонида намешавад!" (110)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят далолат бар таслият ва дилҷӯии Паёмбар алайҳиссалом карда ва инчунин лозим гирифтани гумони нек ба Ҳақ таъолоро дорад, ҳарчанд, ки ёрии Аллоҳ таъоло бо таъхир амалӣ шавад, зеро ончи назди Аллоҳ аст, он наздик аст.

- Бояд таваҷҷӯҳ ва аҳамият дод, ки нусрат ва кӯшоиш дар ҳангоми ноумедӣ муяссар мегардад.

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ҳамоно соҳибони ақлро дар қиссаҳои Паёмбарон панду ибратест. Ин Қуръон сухани сохта нест, балки тасдиқи сухани китобҳои пешиниён ва баёнкунандаи ҳар мавзӯъ ва барои онҳо, ки имон овардаанд, раҳнамо ва раҳмат мебошад." (111)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Огоҳӣ бар он аст, ки зебогӣ ва хубии ин қиссаҳо замоне ҳосил мешавад, ки аз ин қиссаҳо ибрат, панд ва ҳикмат гирифта шуда ва ба маърифати онҳо кӯшиш карда шавад.

- Ишора бар неъмати ақли солимест, ки ба соҳибаш фоидаовар бошад, зеро Аллоҳ таъоло барои соҳибони ақл хитоб менамояд.

***Алҳамдулиллоҳ, ки ба фазлу карами илоҳӣ тарҷумаи маънонии сураи Юсуф алайҳиссалом, маънои мухтасари оятҳо ва иршодоти ин сура ба поён расид.***

**Дарсҳои тарбиявӣ аз сураи Юсуф алайҳиссалом.**

1. Аҳамияти хоб дар шариъат ва дар ҳаёти инсоният, чи хоби хуб бошад ё хоби бад.

2. Аҳамияти гӯш кардани кӯдакон, гарчи кӯдакон хоби худро ҳам баён кунанд.

3. Оқибати бади ҳасад, кина, адоват ва бахилӣ ба дигарон, хусусан байни бародарон ва хонавода.

4. Аҳамият додан ба адолати байни фарзандон, хусусан дар изҳори муҳаббат ва дӯстӣ, ки дар ғайри ин сурат боиси фитна ва ҷудоӣ мешавад.

5. Оқибати хуби сабру таҳаммул ва андеша кардан дар ҳалли мушкилоти хонаводагӣ.

6. Тақво ва сабр пеша кардан дар тамоми ҳолатҳои зиндагӣ, зеро гоҳе душманон қасди озору азият ва гоҳе қасди нобудии туро низ мекунанд, аммо ин сухани Аллоҳро ба ёд дошта бош, ки мефармояд: **"Албатта ҳар нафаре, ки тақво пеша кунад ва сабру бурдборӣ варзад, ҳамоно Аллоҳ подоши некӯкоронро зоеъ намекунад."** (Юсуф, 90)

7. Аҳамияти ихлос дар ҳаёти ҳар як мусалмон, зеро маҳз ихлос сабаби наҷот аз бадиҳо ва аз шаҳавот мешавад.

8. Агар даъват ба сӯи Аллоҳ холисона ва аз таҳти дил бошад, пас ҳеҷ чиз боиси манъ аз даъват намешавад, гарчи даъватгар зиндонӣ ҳам бишавад.

9. Имтиҳон ва мусибатҳо аз ҷониби Аллоҳ таъоло буда, дорои ҳикмати комили илоҳӣ мебошанд, ки аз онҳо метавон бо сабру тақво ва бо андешаи хирадмандона ба натиҷаҳои хуб ва наҷотбахш расид.

10. Ҳаёт дар зоти худ як навъ мубориза буда, бо итоъати Аллоҳ ва Расулаш метавон пирӯз шуд, гарчи бо бародарони худ ҳам бошад.

11. Аз роҳҳое, ки эҳтимоли буғзу кина ва ҳасаданд, бо қадри тавон ва бо гирифтани сабабҳо дурӣ кардан.

12. Сабаби асосии ихтилоф ва носозгорӣ дар байни мардум шайтон буда, бояд эҳтиёт пеша кард ва ба Аллоҳ аз шайтон ва аз ихтилофот паноҳ бурд.

13. Хатари чашми бад дар ҳаёти инсон ва дурӣ кардан аз роҳҳои ворид шудан ба он.

14. Аҳамияти гумони нек кардан ба Аллоҳ таъоло ва дар тамоми ҳолатҳои зиндагӣ ба сӯи Ӯ таъоло рӯй овардан, зеро ин амалҳо яке аз беҳтарин навъҳои ибодат ба шумор меравнд ва сабаби асосии наҷот низ дар ин амалҳост.

15. Бад будани ноумедӣ аз даргоҳи илоҳӣ ва дурӣ кардан аз он.

16. Натиҷа ва асари хуби дониш ва огоҳӣ нисбат ба Аллоҳ, ба номҳо ва сифатҳои Ӯ таъоло дар ҳолатҳои рӯбарӯ шудан бо қазо ва қадари сахт ва дардноки илоҳӣ, ки ин албатта танҳо бо гумони нек нисбат ба Аллоҳ таъоло муяссар мешавад.

17. Юсуф алайҳиссалом бо бародаронаш бо ду сифате, ки сабаби наҷоти худ ва бародараш шуда буд, гӯшзад кард, ки онҳо сабр ва тақво мебошанд.

18. Шукр ва сипоси бардавом аз Аллоҳ таъоло ва дархости марг аз Ӯ таъоло дар ҳолати мусалмонӣ.

19. Шукронаи Аллоҳ таъолоро баҷо овардан барои неъматҳое, ки Аллоҳ ба падару модар ва бародарон додааст ва эътирофу иқрор кардан ба онҳо.

20. Аҳлу оилаи инсон бе камбудӣ набуда, балки камбудӣ ва мушкилот дар зиндагӣ як амри табиист ва бо гузашту бахшиш ва чашмпушӣ аз камбудии якдигар, метавон ҳаёти орому осишта гузаронд.

## Манбаъҳо


1. Ағрозус сувар фи тафсир / Ибни Ошур.
2. Айсарут тафосир / Абубакр Алҷазоирӣ.
3. Фиқҳул асмоул ҳусно / Абдурраззоқ Албадр.
4. Китобут тавҳид фи Фиқҳи Асмоуллоҳи Ҳусно/ Муҳаммад Аттувайҷирӣ.
5. Қуръони карим.
6. Қуръон тадаббур ва амал / Ҷамъе аз уламо.
7. Мисбоҳул мунир фи таҳзиби тафсири Ибни Касир / Муборакфурӣ.
8. Мухтасар фи тафсири Қуръони карим / Ҷамъе аз олимон.
9. Тайсир каримур Раҳмон / Абдураҳмон Носир Сиъдӣ.
10. Тарҷумаи Қуръон ба забони тоҷикӣ / Орифӣ.
11. Тарҷумаи Қуръон ба забони тоҷикӣ / Хуҷамир.
12. Тафсир ал-Муяссар / Ҷамъе аз уламо.
13. Тафсири Муҳаррар лил-Қуръонил карим / Қисми илмии муассисаи Дурарус Сания (Сураи Юсуф).
14. Тафсири Осонбаён / Абуаломуддин.
15. Чакидаи паёмҳои 30-ҷузъи Қуръонӣ карим / Умар Муҳаммад Муқбил.